Д. ХОЧАЗОДА, Ф. ЗИКРИЁЕВ, М. САЛОМИЁН

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

Нашри чорум

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2022**

**УДК 373.167.1**
**ББК 81.2 Тоҷик - 92 +74.261.4**
**Х-79**

**Х-79.** Хоҷазода Д., Зикриёев Ф., Саломиён М. **Забони тоҷикӣ (Наҳв).** Китоби дарсӣ барои синфи 9-ум. Душанбе: Маориф, 2022, 184 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна тозаву ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб:**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN 978-99985-64-72-5
© МАОРИФ, 2022
Моликияти давлат

*Наҳв мизони каломи мансур аст, ҳамчунон*
*ки арӯз мизони каломи манзум.*
***Шамси Қайси Розӣ***

## ХУШГУФТОР БОШЕД !

Яке аз сифатҳои ҳамидаи инсон ширинсуханӣ ва хушгӯйӣ аст. Дуруштию муомилаи бад комилан хилофи ахлоқи ҳамида мебошад. Ширинсуханӣ харҷе надорад, вале манфиати бисёре дорад. Агар хоҳед, ки маҳбуб бошед, эҳтироми дигаронро ба худ пайдо кунед, дар ҳар ҷою ҳар маврид – дар хона, дар мактаб, дар муносибат бо дӯстону ҳамдарсонатон, дар гуфтугӯ бо атрофиён одоби муоширатро риоя кунед.

Сухани ширин, самимӣ ва бериё шахсро неруманд карда, дӯстӣ ва рафоқатро мустаҳкам мекунад, вале сухани дурушт меҳрро кам ва дӯстиро заиф мегардонад, чунончи:

Меҳр муҳкам шавад зи хушгӯйӣ,
Дӯстӣ кам кунад турушрӯйӣ.

*Авҳадӣ*

***Бунёди сухан бар ҷумла устувор аст ва одамон маҳз ба воситаи ҷумла андешаву мулоҳизаҳои худро баён мекунанд. Китобе, ки шумо дар даст доред, наҳви ҷумлаҳои мураккабро фаро мегирад ва ба шумо аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ дониш медиҳад.***

## ДАР РОҲИ МАЪРИФАТ САЪЙ МЕБОЯД!

**1.** ***Ин фармудаҳои бузургонро хонед ва маънии онҳоро бигӯед.***

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ба ҳангоми барноиву кӯдакӣ
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.

*Абушакури Балхӣ*

Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост?
Киро ганҷи дониш бувад, подшост!

*Асадии Тӯсӣ*

Хирад афсари шаҳрёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Биёмӯз, агарчанд душворат ояд,
Ки душвор аз омӯхтан гашт осон.

*Носири Хусрав*

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
То маънии он тамом донӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Бе азми дурусту саъйи комил
Касро нашавад мурод ҳосил.

*Саъдии Шерозӣ*

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар беҳалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

## ДАР БОРАИ ЗАБОН ВА СУХАНУ СУХАНДОН

**2.** ***Ин фармудаҳои донишмандонро хонед ва маънидод кунед:***

1. «Забон рукни миллат аст, ки ба маҳзи гум шудани забон ҳамон миллат, ки мутакаллим[1] ба он забон аст, гум ва нопадид хоҳад шуд».

*Шуълаи инқилоб, 1919, № 2, саҳ. 1*

2. Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармони дард.

*Абушакури Балхӣ*

3. Нигар то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯйӣ, ҳамон бишнавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

4. Қавл сухане бошад кӯтоҳ ва маънидор.

*Носири Хусрав*

5. Забоне, ки орад сухан носавоб,
Ба хомӯшияш дод бояд ҷавоб.

*Низомии Ганҷавӣ*

6. То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

7. Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ, ки хатост.
Суханшинос наӣ, ҷони ман, хато ин ҷост.

*Ҳофизи Шерозӣ*

8. Сухан бетааммул кам афтад савоб,
Забонро инон аз хато бозтоб.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

9. Диҳад килки сухансанҷам тасаллӣ нафси саркашро,
Набошад з-ин наистон ҷуз қаноат рӯзии шерам.

*Сайидо*

10. То лафз хуб наёяд, маънии баланд аз вай сар барназанад.

*Аҳмади Дониш*

1. **Мутакаллим** – гӯянда

## МАҚОМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**3. *Ин фармудаҳоро хонед ва бигӯед, ки дар навиштаҳои зер кадом хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ таъкид шудааст?***

Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама бархӯрд ва рӯёрӯйӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Бифармуд, то порсии дарӣ
Набиштанду кӯтоҳ шуд доварӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам,
Мар ин қиматӣ дур(р) – лафзи дариро.

*Носири Хусрав*

Чу дар ман гирифт он насиҳатгарӣ,
Забон баркушодам ба дурри дарӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Гарчи ҳиндӣ дар узубат[1] шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

*Иқболи Лоҳурӣ*

Забони мо хеле устувор аст, мо имрӯз ҳам ашъори Рӯдакиро аз нусхаи аслаш мутолиа мекунем.

*Мирзо Турсунзода*

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

*Бозор Собир*

Яке аз ширинкитобҳое, ки ин авохир[2] хондам ва баъзе қисматҳои онро борҳо хондам, хотироти Садриддин Айнист. Ин китоб дарёест аз ганҷинаи гаронбаҳое аз вожагон, истилоҳот ва амсоли забони форсии дарию тоҷикӣ, ки мо имрӯз ба бисёре аз он калимот башиддат ниёзмандем.

*Шафеии Кадканӣ*

---

1. **Узубат** – ширинӣ
2. **Авохир** – охирҳо

# ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДДИ СИНФҲОИ V-VIII

## 1. ФОНЕТИКА (САВТИЁТ)

**4.** ***Ба саволҳои зерин посух диҳед:***

1. Фонетика дар бораи чӣ баҳс мекунад?
2. Овозҳои садоноку ҳамсадо кадомҳоянд?
3. Овозҳо чӣ тавр ҳосил мешаванд ва дастгоҳи овозҳосилкунӣ чӣ гуна аст?

**5.** ***Матнро хонед ва калимаву ибораҳоеро, ки ишора шудаанд, аз ҷиҳати таркиби овозӣ таҳлил кунед:***

То тавонӣ, аз сухан гуфтану шунидан нафур[1] машав, ки мардум аз сухан шунидан сухангӯй шавад. Далел бар он ки агар кӯдакеро аз модар ҷудо кунанд ва дар зери замин баранд ва шир ҳаме диҳанд ва ҳаме парваранд ва модару **доя** ба вай сухан нагӯянд ва нанавозанд ва сухани кас нашунавад, чун бузург шавад, **гунг** бувад. То ба рӯзгор ҳаме шунавад ва ҳаме омӯзад, он гоҳ гӯё шавад.

Далели дигар. Ҳар ки аз модар кар зояд, лол бувад. Набинӣ, ки лолон кар бошанд?

Пас, суханҳо бишунав ва ёд гиру қабул кун. Хосса **суханҳои панд** ва гуфтаҳои мулуку ҳукамо. Ва гуфтаанд, ки панди ҳукамову мулук шунидан дидаи хирад равшан кунад, ки сурмаву тӯтиёи чашми хирад ҳикмат аст. Пас, ин қавлро, ки гуфтам, ба гӯши дил бояд шунидан ва эътиқод кардан.

*Унсурулмаолии Кайковус*

**6.** ***Фарқи калимаҳои сутуни якум ва дуюмро бигӯед, бо чанде аз онҳо ҷумла тартиб бидиҳед:***

| | |
|---|---|
| нав | навъ |
| ало | аъло |
| сурат | суръат |
| қатӣ | қатъӣ |

1. **Нафур** – нафраткунанда, безор, бадбин

## 2. КАЛИМА (ЛУҒАТ)

***7. Матнро бодиққат хонда, муродифи калимаҳои ишорашударо ёбед.***

Забони форсӣ ҳамон форсии дарӣ аст, ки ҳанӯз **исми** комили он дар Балхи Бумӣ, ки буму бари аслии забон аст, бо номи қадимии «дарӣ» хонда мешавад.

Забони форсӣ ҳамон забони тоҷикӣ аст, ки Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода бад-он **сухан** гуфтаанд.

Забони форсӣ ҳамон забони Муҳаммадиқболи Лоҳурӣ аст, ки дар Панҷоб «Забури Аҷам»-и худро бад-он забон ва «Паёми Машриқ»-и худро бо ҳамин забон эҷод кардааст.

Забони форсӣ ҳамон забонест, ки ҳар сол дар ҷашни таваллуди Мавлоно пайравони Мавлавӣ дар Ҷумҳурии Туркия бар турбати поки ӯ гирд меоянд ва «Маснавӣ»-и шарифи ӯро ба забони Мавлоно бо оҳанги **дафу най** мехонанд ва самоъ мекунанд.

*Муҳаммадмуҳити Таботабоӣ*

***8. Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Дар матн бо кадом маъно истифода шудани ифодаҳои «таъбироти мардум» ва «таркиби луғавӣ»-ро фаҳмонед. Боз кадом луғатҳоро медонед?***

Мо барои равнақи минбаъдаи забони тоҷикиамон бояд аз хазинаи пурарзиши фолклору таъбироти мардум, аз таркиби луғавии Рӯдакию Фирдавсӣ, Саъдию Ҷомӣ, дар наср бошад, аз осори Восифию Бедил, Аҳмади Донишу маорифпарварони ибтидои асри XX истифода барем, аз луғатҳои гузаштагонамон мисли «Луғати фурс», «Фарҳанги Рашидӣ», «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот» бисёр фоида бардоштанамон мумкин аст.

*Раҳим Ҳошим*

**9.** ***Ба саволҳои зерин посух диҳед:***

1. Омоним (ҳамшакл) чист?

2. Чӣ гуна калимаҳоро синоним (муродиф) мегӯянд?

3. Кадом калимаҳоро калимаҳои серистеъмол ва камистеъмол меноманд?

4. Кадом калимаҳоро антоним (муқобилмаъно) мегӯянд?

***10. Матни зеринро хонда, калимаҳои сермаъно, муродиф ва муқобилмаъноро ҷудо намуда, онҳоро шарҳ диҳед:***

Дод бидеҳ, то дод ёбӣ ва хуб бигӯй, то хуб шунавӣ. Ва андар шӯристон тухм макор, ки бар надиҳад ва ранҷи беҳуда бувад.

Яъне, ки бо мардуми нокас некӣ кардан чун тухм дар шӯристон афкандан бошад. Аммо некӣ аз сазовори некӣ дареғ мадор ва некиомӯз бош… Ва некикуну некифармой ду бародаранд, ки пайвандашон замона нашканад. Ва бар некӣ кардан пушаймон мабош, ки ҷазои неку бад ҳам дар ҷаҳон ба ту расад, пеш аз он ки ба ҷойи дигар равӣ. Ва чун ту ба касе хубӣ кунӣ, бинигар, ки андар вақти хубӣ кардан ҳам чандон роҳат, ки бад-он кас расад, дар дили ту хушиву роҳат падид ояд. Ва агар ба касе бадӣ кунӣ, чандон ки ранҷ ба вай расад, бар дили ту **зуҷрату**[1] гаронӣ расида бошад ва аз ту худ ба касе бар наёяд. Ва чун ба ҳақиқат бингарӣ, бе зуҷрати ту аз ту ба касе ранҷе нарасад ва бе хушии ту роҳате аз ту ба касе нарасад. Дуруст шуд, ки мукофоти неку бад ҳам дар ин ҷаҳон биёбӣ, пеш аз он ки бад-он ҷаҳон расӣ. Ва ин суханро, ки гуфтам, касе **мункир**[2] натавонад шудан, ки ҳар кӣ дар ҳама умри хеш бо касе некӣ ё бадӣ кардааст, чун ба ҳақиқат бияндешад, донад, ки ман бад-ин сухан барҳақам ва маро бад-ин сухан **мусаддиқ**[3] доранд. Пас, то тавонӣ, некӣ аз касе дареғ мадор, ки некӣ охир як рӯз бар диҳад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

1. **Зуҷрат** – ноороми, тангдилӣ
2. **Мункир** – инкор
3. **Мусаддиқ** – тасдиқкунанда

## 3. САРФ (МОРФОЛОГИЯ)

***11. Ба саволҳои зерин посух бидиҳед:***

1. Мавзӯи баҳси морфология чист?
2. Аҳамияти калимасозӣ дар забон аз чиҳо иборат аст?
3. Асос чист?
4. Реша чист?
5. Пасвандҳои сермаҳсулро номбар кунед.

***12. Матнро хонда, калимаҳои сохта ва мураккабро шарҳ диҳед:***

Баҳорони Норак ҳусни хосса дорад. Ҷониби офтобрӯяи шаҳр нигаред, майсазори сабзро мебинед, ки аз домани кӯҳ то теппаҳояш расида, ҳамранги уфуқ метобад. Тарафи ҷануб, ҷониби кӯҳҳои он сӯйи дарё, нигаред, қитъаҳои хурду калони барфро мебинед, ки ҷо-ҷояш дарахтони писташу арча бараҳна менамояд. Офтоб нӯк-нӯки силсилакӯҳи Нор мегашт. Ва ҳоло қудрат надошт, барфи кӯҳу талҳоро об кунаду пешро ранги баҳор бахшад.

Шаҳр низ ҳусни тоза дошт: ҷойи иморатҳои пахсагину тангкӯчаҳои каҷ тарҳи кӯчаҳои нав, қомати биноҳои тозабунёд назар мерабуд. Мардумаш беш аз пеш буд. Ҳама ҷониби сохтмон – тарафи Пули Сангин, шитоб доштанд. Танҳо марди харакӣ, ки аз Навдеҳ меомад, ба деҳи Сабур фуромад. Ин мардак Бобо Қаро буд. Чашмони ҳайрат ба гирду пеш медӯхт.

*Муҳиддин Хоҷаев*

***13. Матнро хонда, фаҳмонед, ки калимаҳои ишорашуда кадом ҳиссаи нутқанд?***

…Не, ман хато кардам.

Маро бибахш, **баҳор**!

**Ту** гунаҳкор набудӣ. Донистам, гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамсурати ҳайвонтабиат будааст, **донистам**.

Биё, баҳор!

Марҳабо!

Биё, то ки ман акнун ба ту таронаи одами **озод**, таронаи саодатро суруда, заминҳои зарбахши хоҷагиамонро биронам.

Биё, ки офтоби тиллогунат роҳи тракторамро равшан кунад!

Баҳор!

Рафиқам баҳор! Биё, ба гӯшат як гап мегӯям, **лекин** ба ҳеҷ кас нагӯй, ман шарм медорам, чунки ман-манӣ **ба** одам намезебад.

Баҳор медонӣ-**чӣ**?

Ман дигар кӯдаки **гирёнчак**, ғуломи зархариди бой нестам.

Ман яктои миллионҳо муборизони далер, яктои армияи бузурги бинокорам, ки имрӯз мо зимистони қаҳратунро ба баҳори абадӣ мубаддал карда истодаем.

Баҳор!

Марҳамат, ба баҳористон!

*Ҳаким Карим*

## 4. НАҲВ (СИНТАКСИС)

### ИБОРА

***14. Бо истифодаи калимаҳои зерин ибораҳои озод созед: шеър, адабиёт, шоир, ду, калон, таърих, хоно, ниёгон, мадания́т, рӯз, образ, хондан, навиштан, корхона, дарахт, замин, мис, соат, зебо, равшан, машғул шудан, гул, кӯча, садафвор.***

*Намуна:* шеъри шоир, гул барин зебо, ду дарахт.

***15. Матни зеринро хонед, ибораҳои озодро ҷудо карда нависед ва воситаҳои алоқаи ҷузъҳояшонро шарҳ диҳед.***

Рамаҳои гӯсфандони ҳисориро пайи ҳам ба гӯшт супориданд. Дар баъзе хоҷагиҳо ному нишони ин зот намонд. Дар рӯзномаву журналҳо пайваста аз фоидаи зоти кашфкардаи роҳбар – олим, мақолаҳо чоп мешуданд. Амири Тоҳир яке аз нахустинҳо шуда молро бо сиркааш ба саллоххонаи марказӣ бурд. Ана ҳамон вақт Шоҳин пушаймон гашт, ки беҳуда нисфи рамаро ба дасти зоғ дода будааст ва барои ба гӯшт насупоридани рамаи худаш попархам истод, аз роҳбарони хоҷагиву ноҳия, аз Вазорати кишоварзӣ мадад пурсид, ба идораҳои боло ҳам рафту часпу талош кард. Зиндагӣ ҳамин хел: рӯйи об баровардани ҳар мақсад, – хоҳ

нек бошад, хоҳ бад, – талош мехоҳад... Хайрият, ки шахсони дурандешу хайрхоҳ дастгираш шуданд.

– Ба хоҷагӣ зарар наорад, ба инкишофи гӯсфанди қароқулӣ халал намерасонад. Гӯсфанди ҳисорӣ ҳам лозим, – гуфтанд онҳо.

Он рӯз ҳам ғалабаи Шоҳин буд. Вай ҳангоми аз маркази район ба чорогоҳ рафтан... қасдан ба хаймаи Амир даромаду шодиашро намоиш дод.

– Муборак бошад, Амиршоҳ, рамаи мо монд.

Ана иҷозатномааш, – табассумкунон мужда расонд Шоҳин ва дид, ки ранги рӯйи Амир ба чӣ дастур аз сурхӣ ба сафеди хокистарнамо табдил ёфт, сипас якбора тоҷи хурӯс барин сурхи сиёҳтоб гашт.

– Тухми гӯсфанди ҳисорӣ бояд то дунё ҳаст, аз рӯйи замин нест нашавад...

*Абдулҳамид Самадов*

***16. Худатон ду-се ибора гуфта, онҳоро дар ҷумла истифода намоед.***

## 5. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ВАЗИФАИ ОНҲО ДАР НУТҚИ ХАТТӢ

**Аломатҳои китобат** дар нутқи хаттӣ вазифаҳои муҳимми маъноӣ ва грамматикӣ доранд. Онҳо ҳиссаҳои ҷумларо ҷудоию таъкид карда, ҳудуди ҷумлаҳоро муайян менамоянд. Матне, ки бо риояи аломатҳои китобат таълиф шудааст, фаҳмо, пуртаъсир ва хондани он равону осон аст. Баъзан ин ё он матлабе, ки гӯянда дар нутқи шифоҳӣ бо ёрии ҳаракатҳои махсус мефаҳмонад, дар нутқи хаттӣ маҳз ба воситаи аломатҳои китобат таъкид меёбад.

***17. Аломатҳои китобатро номбар карда, вазифаҳои онҳоро фаҳмонед.***

***18. Матни зеринро ифоданок хонед. Сababи гузошта шудани ҳар кадоме аз аломатҳоро шарҳ диҳед.***

Моҳи сеюм аст, ки мӯйсафед сокини деҳа асту давлати пирӣ меронад. Вай дар ин муддат ба худ кашф кард, ки аз кору муҳити одатӣ якбора канда шудан азоби алим будааст. Рӯзҳои аввал аз хона баромада рама, талу теппаҳои хомӯшро пеши назар меоварду дилаш гум мезад. Вай ба уқоби пире шабоҳат дошт, ки дар охири умр аз фазои кӯҳсорон маҳрум гашта, дар қафаси васеву барҳаво истода, тамоми баргу навои рӯзгораш муҳайё бошад ҳам, нигоҳи пурҳасрат аз осмони нилӣ, даштҳои васеъ, қуллаҳои дуродур намеканад. Даҳмардаи пир гоҳо хаёлан асояшро болои китф ниҳода, сар-сари ёлаҳо, рӯ-рӯйи майсазорон аз паси рама мегашт. Ҳа, дил, ки ба шуғле побанд гашт, то охири умр аз пайи он мерафтааст. Рӯзҳои аввал аз дилтангӣ хона дар назараш танг менамуду деҳа сермағал, чӣ кор карданашро намедонист. Ҷойи сайругашт танг, ҳавои кӯчаву ҳавлӣ вазнин буд. Ҳайратангез ба худ меандешид, ки чаро баъзеҳо ба нафақа бароянд, шод мешаванд, рӯзи дароз дар сояи бедҳои лаби ҷӯй ё болои кат кақпаҳлу нишаста, чойнӯшон суҳбат мекунанд ва ё мудом сарро аз болин набардошта мехобанду ҳаминро «давлати пирӣ» меноманд. Вай ҳам чанд карат хост, ки бо мӯйсафедҳои деҳа шарики суҳбат шавад, лекин кафшери гапашон ба ҳам набаст. Суханҳои онҳо, ки бештар аз чизу савдои зиндагӣ, таҳлили рафтору гуфтори хурду калони деҳа буд, ба гӯши ӯ нофорам, ғайбатнамо расид. *(А. Самадов)*.

## 6. САРХАТ, ФАСЛ, БОБ ДАР НУТҚИ ХАТТӢ

**Дар нутқи хаттӣ** баъзе талаботи шаклию сохторӣ ҳаст, ки барои ин шакли нутқ хос ва ҳатмӣ мебошад. Ин талабот, яъне риояи сархат, фаслу боб, зерфаслу зербобҳо барои зуд ва беғалат фаҳмидани мазмуни нутқи хаттӣ ёрӣ мерасонанд.

**Сархат** ҷойи холиест, ки дар ибтидои ҳар як матн, пораи яклухту томи ба ҳамдигар алоқаманд ба миқдори ғунҷойиши се ҳарф гузошта мешавад.

***19. Аз матни зерин сархатҳоро нишон дода, вазифаҳои онҳоро фаҳмонед.***

Сабаби даъвати Фирдавсӣ ба Бағдод аз тарафи Аскофӣ вобаста ба як нақшаи ноиб[1] буд. Ин нақша дар фикри ӯ ҳангоми мулоқоташ бо ҳоҷии мударриси тӯсӣ пайдо гардид.

Чанд вақт инҷониб «шоҳаншоҳ» Баҳоуддавла нисбат ба ноиби бағдодаш дилсард ва камилтифот[2] шуда буд. *(С. Улуғзода)*.

Дар соли 1890 ман ҳамроҳи акаи худ барои хондан ба Бухоро омадам. Дар он ҷо домуллои кунҷакии акаам мулло Абдусалом аз мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ёфта дод, ки мо ҳарду дар он ҷо истиқомат кардем.

Ҳуҷраи мо дар ошёнаи чоруми гулдастаи гӯшаи шимоли ғарбии мадрасаи Мири Араб буд.

Даромади ин ҳуҷра аз ин гардишгоҳи болопӯшидаи торик ҳам бошад, аз тарафи кӯча як дарича дошт, ки зиёву ҳаво аз он ҷо медаромад. Ин ҳуҷра хеле танг бошад ҳам, дар шароити он вақтаи Бухоро ҳардуи мо дар он ҷо хурсандона хобу хез мекардем. *(С. Айнӣ)*.

**Фасл** як ҳиссаи муайян аз калому гуфтор аст. Қисми муайян ва алоҳидаи рисола, китоб, ки аз боб хурдтар аст.

**Боб** калонтарин қисмати китобу рисола, ки якчанд фаслро фаро мегирад.

**Ҳар фасл ва боб аз фаслу бобҳои хурд иборат мебошад.**

***20. Аз ягон асари илмӣ, бадеӣ бобу фасл ва зерфаслҳоро нишон диҳед.***

## 7. ҶУМЛАИ СОДА ВА АСОСИ ГРАММАТИКИИ ОН

***21. Аз матни зерин ҷумлаҳои содаро ҷудо карда, асоси грамматикии онҳоро нишон диҳед:***

Таманно тарсидаву ларзида гоҳ тозад, гоҳи дигар аз ҳол рафта, тез-тез мекалавад. Аз гуруснагӣ, бемадорӣ ва асабоният дилаш беҳузур мешуд. Ӯ саропо ғарқи оби борон буд. Тундар дам ба дам хурӯш карда, шоххҳои атрофро гӯё ба таконон меовард. Баъзан ба роҳи дара, ки онро тадриҷан торикӣ фаро мегирифт, лаҳзае нур меафтонд. Садои рӯди Кофрун аз гулдурроси раъд гоҳо фурӯ менишаст. Борони ҳамал, чунон ки аз ҳазорон сатил бошад, базарба мерехт. *(С. Турсун)*

1. **Ноиб** – ҷонишин, муовин, вакил
2. **Илтифот** – лутф, эҳтиром, таваҷҷуҳ

***22. Порчаи манзуми зеринро ифоданок хонда, аломатҳои китобаташро шарҳ диҳед.***

Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.
В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
То маънии он тамом донӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

***23. Бигӯед, ки дар ҷумлаҳои зерин аломати тире дар байни хабару мубтадо барои чӣ гузошта шудааст?***

Амина – ҳамсараш. *(С. Турсун).* Иди май – иди қудрати дасти одам. *(А. Шукӯҳӣ).* Онҳо – одамони нозуки шаҳрнишин. *(А. Самадов).* Ду понздаҳ – як сӣ. (*Фолклор*) Душанбе – пойтахти Тоҷикистон. Турсунзода – шоир.

Уқоб андар баландӣ гар бимирад,
Дили ман – дар баландии суханҳо. (*Л. Шерал*ӣ*)*

## 8. ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБА ВА ДУТАРКИБА

***24. Ҷумлаҳои ҳарду сутуни поёнро хонда муайян кунед, ки кадоме аз онҳо яктаркиба ва кадомашон дутаркибаанд. Тафовути онҳоро фаҳмонед.***

| | |
|---|---|
| Талабагон дар саҳни мактаб ниҳолҳоро шинонданд. | Дар саҳни мактаб ниҳолҳоро шинонданд. |
| Ҳама дар толор ором нишаста буданд. | Дар толор ором нишаста буданд. |
| Анвар аввалҳои баҳор омад. | Аввалҳои баҳор омад. |
| Гулбону рӯйи дастархон сарширу ҷурғот, маскаи тар, хел-хел мураббо мениҳод. *(А. Самадов).* | Рӯйи дастархон сарширу ҷурғот, маскаи тар, хел-хел мураббо мениҳод. |

***25. Матни зеринро хонед ва ҷумлаҳои яктаркибаю дутаркибаро ҷудо карда, дар ду сутун нависед.***

Ман шунида будам, ки ҳазор пурсӣ ҳам, ин мардак як даҳон аз саргузашташ ҳикоят намекунад. Аз ӯ чизе напурсидам. Як моҳ дар меҳмонхонаи ӯ шудам. Ҳаёти колхози онҳоро меомӯхтам. Бисёр вақт лаби ҳавзи ӯ менишастам. Ба ӯ ҳикоятҳои зиёде мегуфтам. Ман ба вай маъқул шудам. Беҳтарин чизҳои дӯконашро ба назди ман мегузошт: мағзи бодом, донак, мавизи сиёҳ ва беҳтарин себҳои хубониро. Ва ман ҳам «себамро хӯрдӣ, ғоз деҳ» гуфтагӣ барин аз ӯ ҳикоятҳо шунидан мехостам. Вале ӯ ғоз намедод. Ман боз ба ӯ хизмат кардан мехостам. Сатилро аз дасташ ба зӯрӣ гирифта, гирди шипангу чойхона, таги беду сафедорҳо ва атрофи ҳавзро об мезадам. Тасфи ҳаво камтар мешуд. Вале чор қадам дур аз сарҳавз гармсел забона зада тамоми саҳроро фаро мегирифт. Ин як баҳри хушке буд, ки бесадо мавҷ зада мерафт. (*Сорбон*)

## 9. САРАЪЗО ВА АЪЗОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

***26. Ҷумлаҳои зеринро хонда, аз онҳо сараъзоро ёфта, яктаркиба ё дутаркиба будани ҷумлаҳоро муайян кунед:***

Офтоби оламоро саховатмандона нурпошӣ мекард. *(Садои Шарқ)*. Мизи китобмонӣ. Дар байн як тирезаи калон. Аз дур манзараи иморатҳои баланд намоён аст. *(А. Деҳотӣ)*. Як боғ. Атрофаш бо девори пастаке иҳота шудааст. *(С. Айнӣ)*. Саҳрои васеъ, биёбони хушк. Дар он биёбони бепоён ғайр аз чоҳҳои чуқур манбаи обе нест. *(С. Айнӣ)*. Пас аз чанд дақиқаи тӯлонӣ вай ниҳоят ба қӯшхона расид. *(С. Турсун)*.

***27. Панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳои зеринро ба дафтаратон навишта ва маънии онҳоро шарҳ диҳеду вазифаи аломати тиреро фаҳмонед:***

Имрӯз – меҳнат, фардо – роҳат.
Аз бад – касофат, аз нек – шарофат.
Одами бекор – дарахти бебор.
Илм дар хурдӣ – нақш бар санг.
Кӯшиши ҷавонӣ – роҳати пирӣ.
Нафси бад – балои ҷон.

## 10. ҶУМЛАИ ЧИДААЪЗО ВА ВОҲИДҲОИ ХУЛОСАКУНАНДА ДАР ОН

***28. Аз ҷумлаҳои зерин мубтадо ва хабари чидаро ёфта, сабаби гузошта шудани ин ё он аломати китобати байни онҳоро фаҳмонед:***

Иди якуми Май – иди меҳнат, иди баҳори бахт, иди саодати одамизод. *(А. Шукӯҳӣ)*. Маркаб метарсид, гӯшҳояшро хобонда, гашташро суст мекард. *(С. Турсун)*. Дарахтҳо, хонаҳои баланду паст, заминҳои кишт, пастию баландиҳо – ҳама ба назар метофтанд. *(Ҷ. Икромӣ)*.

Илму молу мансабу ҷоҳу қирон
Фитна орад дар кафи бадгавҳарон.

*Ҷалолуддини Балхӣ*

Фирӯза, Шамсия, Оймуллои Танбӯр ва Муҳаррами Ғарҷ низ гӯё симоҳои зиндаанд. *(Ф. Муҳаммадиев)*.

***29. Аз матни зерин ҷумлаҳоеро, ки аъзоҳои пайрав дар онҳо чида шудаанд, ҷудо карда, хели аъзои пайрави чидаро муайян кунед:***

Қаторкӯҳҳои кабудчаранг, зардчахол, сурхчатоб сар ба фалак мекашид. *(С. Айнӣ)*. Як марди қадбаланд, камгӯшт, пешонавасеъ, хушфеъл моро бо хурсандӣ пешвоз гирифт. *(Ҳ. Карим)*. Хӯҷаназарбой на дар вақти киштукор, на дар вақти хишова, на дар вақти чинак ба роши пахта қадам намондааст. *(С. Айнӣ)*. Чеҳраи баобу тобу гандумгуни акаи Мирзо хаёле заҳир гашта, мӯйлаби пари зоғ барин сиёҳ, абруҳои боли уқобвораш ботаровват буданд ва ба ӯ аҷаб зеб мебахшиданд. *(А. Самадов)*.

***30. Дар ҷумлаҳои чидааъзои зерин воҳидҳои хулосакунандаро нишон дода, вазифаи онҳоро фаҳмонед:***

Вай тамоми чизҳои атроф: чинорҳо, харсангҳо ва оби шӯхи ҷӯйро аз назар мегузаронад. *(С. Улугзода)*. Қади навраста, рӯйи хуҷаста, зулфи шикаста, абруйи пайваста – ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд. *(С. Айнӣ)*. Дар домана ва рӯйи теппаҳои сабзу хуррам, дар атрофи киштзорҳо, дар канорҳои дарёча ва ҷӯйҳо, дар сари боми деворҳои қишлоқ – дар ҳама ҷо лола рӯйида буд. *(Ҷ. Икромӣ)*.

## 11. ВОҲИДҲОИ ТУФАЙЛӢ ВА ИСТИСНОИИ ҶУМЛА

***31. Калима, таркиб ва ибораҳое, ки ба аъзои ҷумла муносибати грамматикӣ надоранд ва аъзои ҷумла ҳам намешаванд, чӣ ном доранд?***

***32. Аз матни зерин воҳидҳои туфайлиро ҷудо карда, маънию вазифаашонро шарҳ диҳед.***

Юнусбой, бешубҳа, одами дилсоф аст. *(С. Улуғзода).* Ниҳоят, маълум шуд, ки дар меҳмонхона фақат барои чаҳор кас чой будааст. *Ф. Муҳаммадиев).* Хулласи калом, Одина бо умедвории калон дубора ба завод даромад. *(С. Айнӣ).* Хуллас, ки хислати одам ба дилаш мувофиқ мешудааст. *(Ф. Муҳаммадиев).*

***33. Аз ин порчаи манзум мухотабҳоро ёфта, ифода ва вазифаҳояшонро фаҳмонед:***

Гар ба шодиҳо шарики одамӣ,
Ханда кун, эй осмон!
Дову дасти тӯй дорад кишварам,
Рӯ кушо, нуре фишон!
Сабр кун, борон, ки ҳар як қатраат
Ҳамчу ашки модар аст.

*Муъмин Қаноат*

***34. Матни зеринро хонед ва ҷумлаҳоеро, ки воҳидҳои истисноӣ доранд, ёфта, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед:***

Мӯйсафед Ҳошим – писари кенҷакияшро, ниҳоят дӯст медорад. Вай ин ҳиссиёти падарияшро танҳо як маротиба, ҳангоми ба аскарӣ гуселонидани ӯ, назди хешу ҳамсояҳо ба забон оварда буд:

– Ҳамаи фарзандҳо барои падару модар азизанд, – гуфт мӯйсафед, ҳангоме ки Ҳошим аз оғӯшаш раҳо ёфта, хандону дастафшон ба поезд даромад ва ба чашмони худаш об давид. Ин бача дар дилам ҷойи алоҳида дорад:…Ва даҳ сари сол ягон муаллим нагуфт: қади писарат паст ё баланд. Хушодоб, бофаросат, қобилу дидадаро – Ҳошим.

Абдурраҳмон чӣ, ҳм, нисфи одамони деҳа аз дасти ӯ дод мегуфтанд. Онҳо – падару модар, худро тасалло медоданд, ки ин бадхӯияш аз бачагист, калон шавад, ақлаш мепазад. *(А. Самадов).*

## САЙИДРИЗО АЛИЗОДА
## (1887-1938)



Сайидризо Ализода муаллифи китобҳои «Дабистони тоҷик», «Китоби нахустин» (1920), «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (1926), муҳаррир ва мураттиби аввалин луғати русӣ-тоҷикӣ (дар ду ҷилд, 1933-34) мебошад.

Ализода С. забонҳои русӣ, фаронсавӣ, арабӣ, ӯзбекӣ, озарӣ, тоторӣ, туркӣ, курдиро медонист. Солҳои 1933-37 дар Университети давлатии Самарқанд аз забони тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ дарс гуфтааст.

Китоби дарсии ӯ «Сарфу наҳви тоҷикӣ» нахустин грамматикаи нормативии забони тоҷикӣ буда, аз нигоҳи назария ва маълумоти забоншиносӣ беҳтарин дастури таълимӣ аст.

Ҳарчанд ки оид ба асосҳои дастури забони тоҷикӣ баъзе маълумотҳои пароканда дар китобҳои улуми адабӣ, фарҳангҳои тафсирӣ ва рисолаҳои фалсафӣ, ба мисли «Донишнома»-и Абуалӣ Сино, «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насруддини Тӯсӣ, «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Ҳисорӣ, «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги рашидӣ» ва як даста дастурҳо бо номи «Сарфу наҳви форсӣ» вохӯрад ҳам, онҳо ниёзи ба китоби дарсии фарогири барномаи таълимии забони тоҷикӣ доштаро қонеъ карда наметавонистанд. Аммо дар ҳамин айёми басо нозук ва тақдирсоз фарзанди ватандӯсту фидоии тоҷик Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ ба номи «Сарфу наҳви тоҷикӣ» китоби дарсие навишт, ки ба таври сазовор пойдевори китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои замони нав маҳсуб меёбад. Ин китоби дарсӣ, ҳамчунон ки худи муаллиф таъкид кардааст, бо як услуб ё равиши миёна, ки ба анъанаи дастурнигории классикӣ ва муосир иртибот дорад, навишта шудааст.

Ин асари ӯ дар рушди афкори забоншиносии тоҷик дар давраи нав саҳми арзанда дошта, имрӯз ҳам моҳияти илмӣ ва таълимии худро гум накардааст.

# ҶУМЛАИ МУРАККАБ

## 12. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҶУМЛАИ МУРАККАБ

Мо дар нутқи шифоҳӣ (даҳанакӣ) ва хаттӣ фикри худро ҳам бо ҷумлаҳои сода ва ҳам бо ҷумлаҳои мураккаб ифода мекунем. Аз ин рӯ, аксар вақт мо бо мақсади пурратар ифода кардани фикр якчанд ҷумлаи содаи ба ҳам алоқамандро ба кор мебарем ва дар натиҷа воҳиди нисбатан мукаммали нутқ – ҷумлаи мураккабро, созмон медиҳем.

***35. Аз матни зерин ҷумлаҳои сода ва мураккабро ҷудо кунед ва мубтадою хабари ҷумлаҳои содаро нишон диҳед:***

Аз меваҳо биҳӣ хеле дер гул мекунад ва дер мепазад. Ақидае ҳаст, ки гӯё аз бӯйи гули биҳӣ зоғҳо дарди сар мешаванд. Бинобар ин онҳо дар баҳорон парида ба ҷойҳои дури беодам мераванд. Зоғҳо мераванд, аммо ба ҷойи онҳо фароштурукҳо парида меоянд, мусичаҳо лона месозанд, булбулон ба хониш медароянд. Дар лаби ҷӯйборҳои пуроб табиат қолинҳои зумуррадгун паҳн мекунад. Дар кӯҳсорон лолаҳои фурӯзон бо шабнами нуқратоб рухсора мешӯянд. *(А. Шукӯҳӣ)*.

***36. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби зеринро ҷудо карда, баъд ба зери мубтадою хабари ҳар кадоме хат кашеду муайян кунед, ки хабарҳо аз рӯйи ифода чӣ навъанд?***

Раъд меғурид, барқ меҷаҳид, борон мерехту рӯд наъра мекашид, зулмоти шаб бепарво ҳукм меронд. *(С. Турсун)*.

Дар забони адабии тоҷикӣ **ҷумлаҳо** аз ҷиҳати сохт ба ду гурӯҳ: сода ва мураккаб ҷудо мешаванд. Вобаста ба ҳамин илми наҳв низ ба ду бахш – наҳви ҷумлаҳои сода ва наҳви ҷумлаҳои мураккаб ҷудо мешавад. Наҳви ҷумлаҳои сода хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаро меомӯзад. Наҳви ҷумлаҳои мураккаб хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккабро меомӯзад.

**Ҷумлаи мураккаб чист?**

Ҷумлае, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфта, дорои ягонагии маъною оҳанг мебошад, ҷумлаи мураккаб номида мешавад.

*Мисол:* 1.Табиат сукут мекард ва машъали азими осмонӣ – моҳ торафт зиёдтар баланд мерафт. *(Р. Ҷалил)*.

2. Қалам аз тасвири ин ҳарбу зарб, ки дар дашти васеъ гузашта истода буд, оҷизӣ мекашад. *(Р. Ҷалил)*.

Дар мисолҳои боло ҷумлаи якум аз ду ҷумлаи сода иборат буда, онҳо бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами «ва» алоқаманд шудаанд. Ҳарду ҷумлаи сода баробарҳуқуқанд. Ҷумлаҳои сода дар таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаб бо ёрии оҳанги талаффуз (интонатсия) низ алоқаманд мешаванд. Чунончи: Ҳаво соф буд, осмон бо ранги нилобии беғубор медурахшид. *(С. Айнӣ)*. Ҷумлаи дуюм низ аз ду ҷумлаи сода иборат аст, аммо онҳо баробарҳуқуқ нестанд, балки яке аз ҷумлаҳо асосӣ (сарҷумла) буда, дигаре тобеъ (пайрав) аст. Ҳиссаи «Қалам аз тасвири ин ҳарбу зарб оҷизӣ мекашад» сарҷумла буда, ҳиссаи «дар дашти васеъ гузашта истода буд» пайрав аст, ки ба воситаи пайвандаки «ки» ба сарҷумла тобеъ шудааст.

Ҷумлаи мураккаб воҳиди мукаммалтари нутқ буда, нисбат ба ҷумлаи сода барои ифодаи фикр имконияти бештар дорад. Ҷумлаи мураккаб низ чун ҷумлаи сода аз ҷиҳати оҳанг (интонатсия) ва маъно хусусияти яклухтӣ дорад, аммо аз рӯйи сохт фарқ мекунад. Хусусияти барҷастаи он дар ин аст, ки ба ҳайати ҷумлаи мураккаб якчанд ҷумлаи сода дохил мешавад. Ҷумлаҳои мураккабро вобаста ба сохт, алоқаи грамматикии ҷузъҳо ва муносибати маъноии онҳо ба се гурӯҳи калон: ҷумлаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта ҷудо мекунанд.

***37. Аз порчаи манзуми зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо кунед.***

Ҷавонмардиву лутф аст одамият,
Ҳамин нақши ҳаюлоӣ мапиндор.
Ҳунар бояд, ки сурат метавон кард
Ба айвонҳо дар аз шангарфу зангор.
Чу инсонро набошад фазлу эҳсон,
Чӣ фарқ аз одамӣ то нақши девор?
Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро гар тавонӣ, дил ба даст ор.

*Саъдии Шерозӣ*

# ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ

## 13. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ

**Ҷумлаи мураккаби пайваст** аз ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқ, ки бо оҳанги пайвасту пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд, ташкил меёбад.

*Пайвандакҳои пайвасткунанда* ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам: **ва, у, ю, ҳам...ҳам, на...на, чи...чи.** 2. Пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ: аммо, вале, лекин, ҳол он ки. 3. Пайвандакҳои пайвасткунандаи ҷудоӣ: **ё, ё ки, ё ин ки, хоҳ...хоҳ, гоҳ...гоҳ.**

Дар байни ҷузъҳои (ҳиссаҳои) ҷумлаи мураккаби пайваст, одатан, муносибатҳои ҳамзамонию пайиҳамзамонӣ, сабабу натиҷа ва хилофию ҷудоӣ мушоҳида мешавад. Ин муносибатҳо ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанг сурат мегиранд.

1.**Муносибати ҳамзамонӣ:** Ман самоворро ба даст гирифтам ва Саидакбар як китоби худро бо нӯги остинаш олуфтаворона гирифт. *(С. Айнӣ)*.

2. **Муносибати пайиҳамзамонӣ:** Падарам барои ин кор ба ман як каландча харида дод ва ман ба кор сар кардам. *(С. Айнӣ)*.

3. **Муносибати сабабу натиҷа:** Сатил аз дасти ман ғалтид, обаш рехт. *(С. Улуғзода)*. Салимбой имсол дар колхоз нағз кор карда пулу ғаллаи бисёре гирифт ва ӯ ҳавлии нав бино кард. *(Р. Ҷалил)*.

4. **Муносибати хилофӣ:** Гуселкунандагон ба аробаҳо часпида мебаромаданд, казакҳо, полисҳо ба зӯрӣ онҳоро мефароварданд. *(Р. Ҷалил)*.

5. **Муносибати ҷудоӣ:** Ё ҳаво гарм шуд, ё хаёлҳои гуногун хобамро гурезонда буданд. *(Ҷ. Икромӣ)*.

***38. Аз мисолҳои зерин ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоиро муайян карда, муносибати маънои онҳоро шарҳ диҳед.***

1. Берун торик шуда истода буд ва борон ҳанӯз ҳам меборид. *(С. Улуғзода).*

2. Номи ҳозираам Гуландом аст, аммо модарам ба ман Зебо ном ниҳодааст. *(С. Айнӣ).* 3. Он рӯзи фирӯз расид ва шабона аз тӯйхона овози доира ба фалак мепечид. *(С. Айнӣ).* 4. Офтоб домани зарҳалкории худро аз теғаи кӯҳҳо ғундошта гирифту дарёбоди фарохро пардаи тунуки шом пахш кард. *(М. Наҷмиддин).* 5. Шариф чизе гуфтанӣ буд, лекин Шодӣ боз сухани ӯро бурид. *(Ҷ. Икромӣ).* 6. Магар, шумо хешу табор надоштед, ё магар онҳо ҳам ба шумо ёрӣ надоданд? *(С. Айнӣ).* 7. Ё бояд корро хобонем ё асбоби нав диҳед. *(С. Айнӣ).*8. Падарам хурсанд мешуд ва аз осори хурсандии ӯ бародарам низ хушҳол мегардид. *(С. Улуғзода).*

Муносибати пайдарҳамию сабабу натиҷа дар як навъи махсуси ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки хабари ҷумлаи содаи якум дар шакли феъли ҳол меояд, низ дида мешавад: *Абрҳои сиёҳ ба як тараф кӯчида, ба ҷойи онҳо абрҳои сафедчаю хокистарранг пайдо шуд. (С. Айнӣ).*

Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст бо ду воситаи грамматикӣ ба ҳам алоқаманд мешаванд: бо пайвандакҳои пайвасткунанда ва оҳанги талаффуз (интонатсия).

Дар алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст пайвандакҳои пайвасткунанда: **ва, -у, инчунин, аммо, лекин, вале, балки, ҳол он ки, ё, ё ки, ё ин ки, ё...ё** иштирок мекунанд. Вобаста ба ҳамин пайвандакҳо ва ифодаи муносибатҳои маъноии ҷузъҳо ҷумлаҳои мураккаби пайвастро ба се гурӯҳ: **пайиҳам, ҷудоӣ, хилофӣ** ҷудо мекунанд:

А). **Пайиҳам:** *Дами гулханнишинӣ рафту айёми баҳор омад. (А. Деҳотӣ).*

Б). **Ҷудоӣ:** *Ҳар шаб то вақти хоб ё бо ийгитҳо ягон магал мехест ё воҳимаи омад-омади аскари сурх мерасид, ё ягон кас мегурехт. (Ҷ. Икромӣ).*

В). **Хилофӣ:** *Вай маро фарёд кард, аммо ман ба қафоям нигоҳ накарда рафтан гирифтам. (С. Улуғзода). Шамол хеле суст шуда монд, вале жола сангчабозӣ мекард. (Ҷ. Икромӣ). Дарвозаи шаҳрро баста мешавад, лекин даҳони мардумро баста намешавад, – мегӯянд. (Ҷ. Икромӣ).*

Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ҷиҳати таркиб (ҳайат) низ гуногун мешавад. Як қисми ҷумлаҳои мураккаби пайваст танҳо аз ду ҷумлаи сода иборатанд. Таркиби ин гуна ҷумлаҳои мураккаби пайваст устувор аст: *Онҳо, бечораҳо, гиря кунанду мо хандем, – дуруст-мӣ? (Р. Ҷалил).*

***39. Ба ёд биёред, ки байни ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст кадом муносибатҳои маъноӣ дида мешавад ва пайвандакҳои пайвасткунандаро ба кадом хелҳо ҷудо мекунанд.***

***40. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти зеринро бо риояи оҳанг хонед, хели алоқа ва пайвандакҳои онҳоро ёфта, муносибати маъноии ҷузъҳоро фаҳмонед:***

Қурси офтоб қайҳо аз назар пинҳон шуда буд, вале дар самти шарқии дара кулоҳи барфии кӯҳ аз шуоҳои охирини он ҳанӯз чун тоҷи арӯсон заррин ва дурахшон буд. *(Ф. Муҳаммадиев).*

Рӯзҳо монанди шукуфтани гулҳо аз паси гул мегузаранд ва марҷони солҳо ба гардани ҳар яки мо ҳамел шудан мегирад. *(А. Шукӯҳӣ).*

Осмон беабр, кабуд ва ҳаво софу серун буд. *(С. Турсун).*

Мӯйсафед зоҳиран ба ҳаракатҳои зебои асп эътибор намедиҳад; гӯшаш пур аз садои хушоҳанги суми ҷонвар хомӯшу саркашол меравад, вале дар дил меболад. *(С. Айнӣ).*

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст инчунин **сертаркиб** мешаванд. Ин навъи ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо ҷумлаҳои содаи эзоҳдиҳандаю тавсифдиҳанда тафсил меёбанд, яъне таркиби онҳо кушода аст. Онҳо вобаста ба тавсифу сифатчинӣ, шумури ҳодисаю воқеа ва объекти тасвир тафсил меёбанд. Чунин хели ҷумлаҳои мураккаби пайваст барои шарҳу эзоҳи ҳаматарафаи воқеа, пуррагии тасвир истифода мешаванд.

***Мисол:*** *Баҳор омад, давчаҳо аз гул баромаданд, навдаҳои тутҳои балхӣ ғӯра бастанд, дарахтони хасактут барои хӯроки кирмакҳои пилла калак шудан гирифтанд; ҷӯйи Мазрангон бо лойоби селҳои баҳорӣ пур аз сурхоб шуда мешорид: деҳқонон ҷуфт мебастанд, замин меронданд, дандонмола мекарданд ва мекиштанд: фароштурукҳо лойҳои шиттаро ба шакли пунбадона лунда карда оварда, дар шифтҳои хонаҳо – дар паҳлуи болорҳо, бо камоли маҳорат, бо тарзи нимкиштӣ барои худ хона месохтанд. (С. Айнӣ).*

***41. Бигӯед, ки ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб бештар дар кадом услуб истифода мешавад ва як-ду мисол биоред.***

***42. Нақли ҳикоямонанде ба тариқи хаттӣ мураттаб созед, ки он дорои якчанд ҷумлаи мураккаби пайваст бошад.***

## 14. ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ ПАЙВАНДАКДОР

Дар ташкилу созмондиҳии **ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор** саҳми пайвандакҳои пайвасткунанда хеле калон аст. Ҷумлаҳои сода бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунанда ба ҳам алоқаманд шуда, ҷумлаи мураккаби пайвастро ташкил медиҳанд.

Пайвандакҳои пайвасткунанда аз рӯйи ифодаи маънои грамматикӣ ба се хел ҷудо мешаванд:

1. Пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам.
2. Пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ.
3. Пайвандакҳои пайвасткунанда ҷудоӣ.

1. Пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам: **ва, у, ю, ҳам...ҳам, на...на.**

***Мисолҳо.*** *Ашрафҷон сандуқсози ҳунарманд буд* ***ва*** *аз ин касб зиндагии шахсиаш ба хубӣ мегузашт. (С. Айнӣ). Салимбой имсол дар замин нағз кор карда пулу ғаллаи бисёре гирифт* ***ва*** *ӯ ҳавлии нав бино кард. (Р. Ҷалил). Ту ҳамон соат аз назди мо рафти****ю*** *онҳо омаданд; Ту ваҳшӣ буди****ю***

*мо ром кардем. (М. Турсунзода).* ***Ҳам*** *онҳо аз ин суҳбат баҳра бардоштанд,* ***ҳам*** *худи шумо хеле дар ин кор таҷриба андӯхтед; Дар он вақт худам ҳам халос мешавам, занам ҳам халос мешавад ва ин «сиёҳқундуз» ҳам халос мешавад. (С. Айнӣ).* ***На*** *худи акои Олим буд,* ***на*** *Адолату додарчааш Пӯлод. (Ф. Ниёзӣ).*

Гоҳе ба мақсади таъкид ду пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳам якҷо меоянд. ***Мисол:*** *Хулоса, на Сафар аз фикру андешаҳои шахсии Зебӣ бохабар буд ва на Зебӣ аз мақсади аслии мактуби Сафар. (Ф. Ниёзӣ).*

**2. Пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ.** Пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофӣ иборатанд аз пайвандакҳои: **аммо, вале, лекин, ҳол он ки, балки.**

Пайвандакҳои хилофӣ ҷумлаҳои содаеро ба ҳам алоқаманд мекунанд, ки амалҳои онҳо бар хилофи якдигар мебошанд. ***Мисол:*** *Борони барфомехта meборид, аммо ҳаво он қадар сард набуд. (С. Айнӣ). Колхоз ташкил карда кулаконро нест кардан лозим, вале кулак ба осонӣ ҷон намедиҳад. (Ҷ. Икромӣ). Чаҳор кас аз чаҳор гӯшаи кат ҷой гирифтем, лекин суҳбат ҳеҷ наметафсид. (Ф. Муҳаммадиев). Барои дубора обод кардани замину боғча бисёр-бисёр меҳнат кардан лозим буд, ҳол он ки мо на ҷуфти гов доштем, на улов. (С. Улуғзода). Ба чунин хизматҳо на танҳо Одина кор мекард, балки якчанд нафар тоҷик, ӯзбак ва барбарӣ дар таҳти дасти як пудратчӣ кор мекарданд. (С. Айнӣ).*

Ин пайвандакҳо маънои хилофӣ дошта бошанд ҳам, муносибати пайвасти ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвастро ифода мекунанд.

**3. Пайвандакҳои пайвасткунандаи ҷудоӣ.** Ин пайвандакҳо низ ҷумлаҳои содаи ҳайати ҷумлаи мураккабро бо ҳам мепайванданд. Як хусусияти ин пайвандакҳо дар ин аст, ки онҳо ҷумлаҳои мураккаби пайвастеро месозанд, ки аз ҳодисаю амалҳои зикршаванда яке ба амал меояд. Ба таври дигар, дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бо ин хели пайвандакҳо ташкил шуда яке аз ҳодисаю амалҳо ихтиёру ҷудо карда мешавад. Пайвандакҳои пайвасткунандаи ҷудоӣ

инҳоянд: **ё, ё...ё, ё ки, ё ин ки, хоҳ...хоҳ, гоҳ...гоҳ.** Ин хели пайвандакҳоро барои он пайвандакҳои ҷудоӣ мегӯянд, ки онҳо ду ё зиёда ҷумлаҳои содаи мустақилмаъноро дар як ҳайат муттаҳид месозанд, яъне пайваст мекунанд, аммо аз ду ё зиёда ҳодисаю воқеа ва амали баёншаванда яке ҷудо карда мешавад ва ё онҳо якдигарро иваз мекунанд.

***Мисол:* *Ё*** *нури чашмони вай намонда буд,* ***ё*** *торикӣ ғализтар шуда буд. (Ҷ. Икромӣ). Шумо сухани маро дуруст нафаҳмидетон,* ***ё ин ки*** *худам нағз фаҳмонда натавонистам. (С. Айнӣ).* ***Гоҳ*** *борон бо шиддат меборид,* ***гоҳ*** *борон басанда шуда, жола меборид.*

***43. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоиро аз матни зерин ҷудо карда, саҳми пайвандакҳоро дар ташкили онҳо фаҳмонед:***

1. Ҳама хомӯш монданд, вале ин хомӯшӣ дер накашид. *(Ҷ. Икромӣ).* 2. Дар хона Бибиоиша дар ҷойгаҳи худ ёзида гап мезад ва Гулбибӣ ба суханҳои ӯ гӯш дода, пойҳои ӯро мемолид. *(С. Айнӣ).* 3. Ҳанӯз соат шаш нашудааст, аммо хона аз одам пур. *(Ҷ. Икромӣ).* 4. Офтоб дар паси кӯҳ пинҳон шуд, лекин шуълаи вай ҳанӯз дар теғаи кӯҳи тарафи муқобил намоён буд. *(С. Айнӣ).* 5. Бача ором ва осуда мехобид, аммо дили Соро осоиш ва оромӣ надошт. *(С. Айнӣ).*

6. Акси рӯйи ёр дар ҷоми мудом афтодааст,
Ё ба дарё сурати моҳи тамом афтодааст.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

7. Ё рӯзи фироқ тирагун аст,
Ё шоми ғамам саҳар надорад.

*Мирзо Турсунзода*

8. Ба сари ту ин балоҳоро магар ман овардам ё ин ки Арбоб Рӯзӣ, ё ҷаноби ноиб, ё ҷаноби қозӣ оварданд. *(С. Айнӣ).*

***44. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдорро ҷудо карда, вазифаи пайвандакҳоро фаҳмонед:***

1. Оби зулоли чашма ширгарм буд ва рӯйи он буғи тунук нарм-нарм печ мезад. *(Ф. Ниёзӣ)*. 2. Вай сухани худро шоирона сар карданӣ буд, аммо ягон калимаи зебо ба ёдаш намеомад. *(Р. Ҷалил)*. 3. Иззати нафс, ҳисси ифтихори раис боло гирифту Одил саркор ба назараш ҳарифи шубҳанок менамуд. *(Ф. Ниёзӣ)*. 4. Дар пеши ҳавлии усто Барот на рӯд буд ва на пули он, на ҷӯйи осиёб буд ва на осиёхона ба назар менамуд. 5. Ту номи писаратро Фаридун мегузорӣ; вай сапвари паҳлавонони Эронзамин, ба қомат чун сарв, ба чеҳра чун хуршед, ба шуҷоат чун шер хоҳад буд. *(С. Улуғзода)*. 6. Дарду аламаш тоқатфарсо буд, ӯ мушташро газида бесадо мегирист. *(С. Улуғзода)*. 7. Ёдгор дар ҷавоби ин шахс як қисми саргузашти худ ва падарашро кӯтоҳ карда ҳикоя кард, аммо бе иҷозати хуҷаин ба ин тарафҳо гурехта омадани худро пинҳон дошт. *(С. Улуғзода)*.

## 15. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ

**Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст аз ҳам бо аломати вергул ва нуқтавергул ҷудо карда мешаванд:** *Айёми баҳор – вақти тутпазӣ буд, акаам бо Саид Акбархоҷа аз Бухоро омаданд. (С. Айнӣ) Акнун автобус ҳам дар вақташ мерасад, самоворҳо ҳам дар вақташ меҷӯшанд, мардум ҳам дар вақташ ба корашон мераванд. (Ҷ. Икромӣ) Трамвайҳо ҳанӯз ҳам бо ҳамон роҳҳои пештара мегарданд, ҳанӯз ҳам ду тарафи кӯчаҳои Тошкандро дарахтҳои баланди сафедорҳо посбонӣ мекунанд; ҳанӯз ҳам аробачаҳои дучархаи ангишт боркардашударо харҳои калон кашида мебаранд. (Ҷ. Икромӣ).*

Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофию ҷудоӣ низ пеш аз пайвандакҳои хилофию ҷудоӣ аломати вергул гузошта мешавад:

*Ту омадӣ, лекин падари мо наомад! (Ҷ. Икромӣ). Аз ҳамон вақт инҷониб Нуруллобек пояшро аз хонаи мулло Хокироҳ накандааст, вале як сол ин тараф ба баъзе роҳнамоиҳои мӯйсафед бо шубҳа ва назари танқид нигоҳ мекунанд. (Ҷ. Икромӣ). Худи акаам ба ин овозаҳо он қадар бовар намекард, аммо падарам онҳоро ҳақиқат мепиндошт. (С. Улугзода) Шояд вай аз карда пушаймон шуд, ё ғаму андӯҳи духтараш ақлу ҳуши ӯро зеру забар карда мондааст. (Ҷ. Икромӣ)*

Пеш аз пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳами **«ва», «у», «ю»** аломати вергул гузошта намешавад.

***45. Аз мисолҳои зерин ҷумлаҳои содаи чидааъзоро ба як сутун ва ҷумлаҳои мураккаби пайвастро ба сутуни дигари дафтаратон нависед ва фарқи онҳоро бигӯед:***

1. Вай чакманашро кашида ба либосовезак овехту сумкаи ҳарбиашро ба даст гирифта аз хобгоҳ баромад, поин фуромад, дар сартарошхона мӯйсару риш тарошид, ба рестаран даромада таом хӯрд. *(С. Улугзода)*. 2. Аз меҳмонхонаи шаҳр садои мусиқӣ баланд буд, дар даромадгоҳи меҳмонхона, дар болои зинапоя, гурӯҳ-гурӯҳ марду занҳои хушлибос истода, бо овози баланд гап мезаданд, касе дар байни онҳо қоҳ-қоҳ механдид, кӯчаю пайроҳаҳо пури одам буд. *(С. Улугзода)*. 3. Хаткашон ба ӯ телеграммаеро дароз карду Рустам дари хонаро пӯшида телеграммаро кушод. *(П. Толис)*. 4. Ришаш сиёҳ ва ба қайчӣ кӯтоҳ карда шуда буд, рӯяш пурраи сафедчаи сурхчатоб ва чашмони бемижгони пӯшида ва хушкидарафтааш дар он рӯйи сурхчатоб ба ду ҷойи ба дарун рафтаи порчаи ҳарири гулобӣ монанд буд, абруҳояш сиёҳи сермӯйи баланд, либоси ин нобино фақирона, лекин бисёр озода буд. *(С. Айнӣ)*. 5. Ҳофизон, машшоқон, раққосу раққосагон бо либосҳои рангобаранг дар саҳна пайдо шуда ҳунарнамоӣ мекарданд. *(С. Улугзода)*. 6. Поезд аз нав ба роҳ даромад ва модар то ба дашт аз он тиреза чашм наканд. *(П. Толис)*.

***46. Бо истифодаи пайвандакҳои пайвасткунанда якчанд ҷумлаи мураккаби пайваст тартиб диҳед.***

***47. Ба дафтаратон 4 ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак навишта, онҳоро ифоданок хонед.***

***48. Аз асари бадеӣ якчанд ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб навишта, шарҳ диҳед.***

***49. Матни зеринро хонед, вазифаи пайвандакҳои пайвасткунандаро фаҳмонед. Бигӯед, ки аломатҳои китобат дар ин матн чӣ саҳм доранд?***

Айёми тобистон. Офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм намуда буд, лекин ҳарчанд нимрӯзии тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор миёна ва форам буд. Кабкҳои дарӣ гоҳо бар теға ва гоҳо дар камар сайругашт менамуданд: мурғони хушилҳом бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста нағмасароӣ ва ғазалхонӣ мекарданд; ҷӯйчаҳои оби соф, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб аз санге ба санге ҷастухез карда мефуромаданд, аз шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағмасаро ҳамовозӣ мекарданд. Гӯсфандон дар хоби ноз, бузғолагон дар таку тоз, чӯпонбачагон дар давидан, оҳубаррагон дар рамидан – хулоса ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд. *(С. Айнӣ)*.

Фирқаи деҳқонон ба заминҳо кор мекарданд, лекин ҳосили заминҳо насиби мулкдорони бузург буд. *(С. Айнӣ)*. Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон муҷиби дӯсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст. *(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*

**Лутфулло Бузургзода**

**(1909-1943)**



Лутфулло Бузургзода забоншиноси закитабъе буд. Вай оид ба ҳамаи бахшҳои илми забоншиносӣ таълифоти бунёдӣ анҷом дода, китобҳои дарсӣ низ навиштааст: 1. "Шеваи тоҷикони Чилгазӣ" (1936). 2. "Зада дар забони адабии тоҷик" (1937). 3. "Шеваи Ворух" (1937). 4. "Баъзе хусусиятҳои забони аҳолии Самарқанд" (1938). 5. "Харитаи диалектологии шеваҳои тоҷикии водии Фарғона" (1939). 6. "Очерки мухтасари диалектологияи тоҷик" (1939). 7. "Фонетикаи забони адабии тоҷик" (1940). 8. "Морфологияи забони тоҷикӣ" (1941). 9. "Синтаксиси мухтасари забони тоҷик" (1942).

Дар "Синтаксиси мухтасари забони тоҷик"-и Лутфулло Бузургзода дар боби ҷумлаҳои мураккаб бисёр андешаҳои тоза, бунёдӣ ва назарӣ мушоҳида мешаванд. Аз баррасиҳои муаллиф маълум мешавад, ки ӯ аз назарияи забоншиносии рус дар боби ҷумлаҳои мураккаб огоҳии комил доштааст. Масалан, дар таснифу гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав ҳам аз усули қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода тасниф кардани ҷумлаҳои пайрав (И. Ф. Буслаев) ва ҳам усули сохторӣ (Б. Шапиро) истифода кардааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки дар баъзе лаҳзаҳо аз усули маъноӣ ва сохторӣ, ки Богародитский асос гузошту онро солҳои 50- 60- уми асри XX Н. С. Поспелов дар забоншиносии рус ва Д. Т. Тоҷиев дар забоншиносии тоҷик инкишоф додаанд, низ баҳра бурдааст. Бояд таъкид кард, ки имрӯз ҳам бисёр нуктаҳои ин китоби шодравон Л. Бузургзода шоистаи пазироии гарм ва омӯзиш аст.

# ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

## 16.ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ ВА ТАФОВУТИ ОН АЗ ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ

Ҷумлаи мураккабе, ки дар он яке аз ҷумлаҳо асосӣ буда, ҷумлаи дигар бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ба ҷумлаи асосӣ тобеъ гардида, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, **ҷумлаи мураккаби тобеъ** номида мешавад.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад, ки муҳимтаринашон инҳоанд:

1. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ муносибати грамматикӣ ва маъноӣ дар байни сарҷумлаю ҷумлаи пайрав дида мешавад. Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз сарҷумла ва аз як ё якчанд ҷумлаи пайрав иборат мешавад. **Сарҷумла** гуфта ҷумлаи тобеъкунанда – ҷумлаи асосии таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъро меноманд, ҷумлаи пайрав ҷумлаи тобеъшаванда аст. **Ҷумлаи пайрав** сарҷумларо аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ дода, пуррагии сохту маънои онро таъмин мекунад.

2. Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ҷиҳати сохт фарқ мекунад. Дар ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор дар аксари маврид пайвандак ба ҳайати ҷумлаи пайрав дохил мешавад.

***Мисол:*** *Ин бемор ҳам бародари ӯ Раҳимдод буд, ки аз тарафи туркманон ба вай Неккадам ном дода буданд. (Садриддин Айнӣ).*

Дар ин ҷумла **«*Ин бемор ҳам бародари ӯ Раҳимдод буд*»** сарҷумла буда, **«*аз тарафи туркманон ба вай Неккадам ном дода буданд*»** ҷумлаи пайрав аст. Пайвандаки **«ки»** дар таркиби ҷумлаи пайрав мебошад.

Агар дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ калимаю таркибҳои ҳамнисбат омада бошанд, онҳо ба ҳайати сарҷумла дохил мешаванд. ***Мисол:*** *Ҳуррият ҳамин будааст, ки касе ба касе зулм карда наметавонистааст. (С. Айнӣ)*

Сарҷумла дар ин мисол «*Ҳуррият ҳамин будааст*» буда, ҷумлаи пайрав **«*ки касе ба касе зулм карда наметавониста-аст*»** мебошад. Ҷонишини «**ҳамин**» калимаи ҳамнисбат аст, ки дар таркиби сарҷумла омадааст.

Дар ҷумлаи мураккаби пайваст пайвандак ба таркиби ягон ҷумла дохил намешавад, вай дар байни ҷумлаҳои сода омада, онҳоро ба ҳамдигар алоқаманд мекунад ва ба ҳамаи ҷумлаҳои содаи ҳайати ҷумлаи мураккаби пайваст як хел тааллуқ дорад.

3. Дар байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ аз лиҳози маъно алоқаи мустаҳками ҷудонашаванда буда, яке бе дигаре мазмуну матлабро равшан намефаҳмонад.

4. Баъзан дар таркиби сарҷумла калима, таркиб ва ибораҳое истифода мешаванд, ки ҷумлаи пайрав маҳз барои шарҳу эзоҳи онҳо меояд. Ин гурӯҳи калимаю таркиб ва ибораҳо дар ҳайати сарҷумла вазифаи ягон аъзои сарҷумларо адо карда, дар як вақт барои алоқаи байни ҷумлаи пайраву сарҷумла чун воситаи грамматикӣ хизмат ҳам мекунанд ва онҳоро калимаҳои ҳамнисбат меноманд. Ин восита дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст дида намешавад. Ба ин вазифа ҷонишинҳои ишоратӣ, зарфҳо, калимаи як ва артикли **-е** меоянд.

***Мисол:*** 1. *Баъд мехостам* ***ҳаминро*** *ҳам гуфта гузарам, ки Ҷалолиддин ба қарибӣ аз сардории гурӯҳ ба сардории хоҷагӣ гузашт. (Ф. Ниёзӣ). 2. Гулбибӣ* ***як*** *ғунчаи нашукуфтае буд, ки умеди сад олам шукуфтанҳо дар дил дошт. (С. Айнӣ). 3. Ӯ* ***тарзе*** *гап мезад, ки гӯё шуморо то ин вақт ҳеҷ гоҳ надида бошад. (Р. Ҷалил).*

Тарзи ифодаи аъзои эзоҳшаванда барои ташаккули ҷумлаи пайрав саҳми бузург дорад.

***50. Хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаи мураккаби тобеъро ба ёд оварда, онҳоро номбар кунед.***

***51. Бигӯед, ки пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаи мураккаби тобеъ чӣ саҳм доранд ва дар ҳайати кадом ҷумла меистанд?***

***Калимаву таркибҳои ҳамнисбат (ишоракунанда).*** Дар таркиби сарҷумла ғайр аз калимаву таркиб ва ибораҳои эзоҳшаванда боз калимаю таркибҳое ҳастанд, ки ба ифодаи ҷумлаи пайрав ишора карда, яке аз воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла буда, барои ифодаи муносибати грамматикии ҷумлаи мураккаби тобеъ саҳми калон доранд. Ба ин вазифа ишораҷонишинҳо, зарфҳо, калимаи «як» ва артикли «е» меоянд.

Калимаю таркибҳои номбурда, ки дар таркиби сарҷумла чун ҳамнисбати ин ё он хели ҷумлаи пайрав мебошанд, маънои умумӣ ва ноқис доранд, бинобар ин, маънои мушаххаси онҳо маҳз дар ҷумлаи пайрави ҳамнисбати онҳо возеҳу равшан мешавад. Аз ин рӯ, калимаю таркибҳои ҳамнисбат ин ё он муносибати грамматикиро ба таври нисбӣ ифода мекунанд. ***Мисол:*** *Гулбибӣ ғунчае буд, ки дар як лаҳза ҳам баҳорро дид, ҳам хазонро. (Садриддин Айнӣ)*

***52. Саҳму вазифаҳои калимаҳои ҳамнисбатро шарҳ диҳед.***

***53. Аз ҷумлаҳои зерин калимаҳои ҳамнисбатро ёфта, вазифаашонро муайян кунед:***

Шоҳин, мисли он ки таконе хӯрда бошад, дурусттар нишаста, ба сукут рафт. *(А. Самадов)*. Ман шуморо барои ин чеғ задам, ки ба ман ёрӣ диҳед. *(С. Айнӣ)*. Махсусан, солҳои охир касбе намонда буд, ки накарда бошад. *(Р. Ҷалил)*. Корро ба тарзе ташкил кунад, ки то охири тобистон дар руди нав об ҷорӣ шуда, деҳқонон барои кишти тирамоҳӣ аз он фоида бурда тавонанд. *(С. Айнӣ)*. Вай ба уқоби пире шабоҳат дошт, ки дар охири умр аз фазои кӯҳсорон маҳрум гаштааст. *(А. Самадов)*. Аммо рафта-рафта кори дунё чунин сурат гирифт, ки ҳамин Аваз ба Иброҳимбек ва одамони вай душмани қаттол гардид. *(С. Турсун)*. Ӯ дар фикри он буд, ки аз бақияи чорпо як қисмашро фурӯхта, ба пули он ғалла корад. *(С. Улугзода)*.

***54. Ҳикояро бодиққат хонда, мазмунашро мухтасар нақл кунед. Сипас ҷумлаҳои мураккаби тобеи онро як-як ҷудо карда, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро шарҳ диҳед.***

Ҳикоят

Рафиқе доштам, ки солҳо бо ҳам сафар карда будему намак хӯрда ва бекарон ҳуқуқи суҳбат собит шуда. Охир бо сабаби нафъе андак озори хотири ман раво дошт ва дӯстӣ сипарӣ шуд. Ва бо ин ҳама аз ду тараф дилбастагӣ буд. Шунидам, ки рӯзе ду байт аз суханони ман дар маҷмае ҳамегуфтанд:

Нигори ман чу дарояд ба хандаи намакин,
Намак зиёда кунад дар ҷароҳати решон.
Чӣ будӣ, ар сари зулфаш ба дастам афтодӣ
Чу остини каримон ба дасти дарвешон.

Тоифаи дӯстон ба лутфи ин сухан на, ки бар ҳусни сирати хеш гувоҳӣ ҳамедода буданду офарин бурданд ва ӯ ҳам дар ин ҷумла муболиға карда буд ва бар фавти суҳбати дерин таассуф хӯрда ва ба хатои хеш эътирф намуда. Маълум кардам, ки аз тарафи ӯ ҳам рағбате ҳаст. Ин байтҳо фиристодаму сулҳ кардем:

На моро дар миён аҳду вафо буд,
Ҷафо кардию бадаҳдӣ намудӣ.
Ба як бор аз ҷаҳон дил бар ту бастам,
Надонистам, ки баргардӣ ба зудӣ.
Ҳанӯзат гар сари сулҳ аст, боз ой,
К-аз он мақбултар бошӣ, ки будӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

## 17. САРҶУМЛА ВА ҶУМЛАИ ПАЙРАВ

**Сарҷумла** ҷумлаи асосӣ ва эзоҳшаванда аст, **ҷумлаи пайрав** эзоҳдиҳанда буда, ба он (сарҷумла) тобеъ мебошад. Аммо ҳам сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ мустақилияти маъноӣ ва интонатсионии худро аз даст дода, ба як воҳиди тому яклухт табдил меёбанд. Албатта, сарҷумла нисбат ба ҷумлаи пайрав мустақилтар аст, аммо бе будани ҷумлаи пайрави матлуб, хусусан, ҳангоми дорои калимаи ҳамнисбат буданаш ноқис ва эзоҳталаб мебошад. Дар байни ҷумлаҳои пайрав ва аъзоҳои ҷумлаи сода муносибати муродифӣ дида мешавад. Агар аъзоҳои ҷумла сараъзоҳоро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ дода, онҳоро пурра гардонанд, ҷумлаҳои пайрав сарҷумларо эзоҳ дода онро мукаммал менамоянд.

***55. Матнро бодиққат хонед ва аз он ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед. Сарҷумлаю ҷумлаи пайравро аз ҳам ҷудо карда, то чӣ андоза мустақилият доштани сарҷумларо фаҳмонед.***

Овардаанд, ки зоғе дар камари кӯҳе хона гирифта ва шикофи санге ошёна сохта буд. Дар наздикии он сӯрох море зиндагӣ мекард. Ҳар гоҳ ки зоғ бача мениҳод, мор онро мехӯрд ва ҷигари зоғ ба доғи фироқи фарзанд месӯхт. Чун ситамгарии мор аз ҳад бигзашт, зоғи дармонда шикояти он ҳол бо шағоле, ки дӯсти ӯ буд, дар миён овард ва гуфт:

– Меандешам, ки худро аз балои мор ва ранҷи ин золими ҷонфиҷор бираҳонам.

Шағол пурсид:

– Ин корро ба чӣ тариқ анҷом хоҳӣ дод?

Зоғ гуфт:

– Мехоҳам, ки чун мор дар хоб шавад, ба минқори хунхор чашми ҷаҳонбинаш барканам, то дигар қасди фарзандони ман кардан натавонад ва фарзанд, ки нури дидаи ман аст, аз шарри он хирачашм эмин бимонад.

Шағол гуфт:

– Ин тадбири ту аз роҳи дуруст берун аст, чунки хирадмандон қасди душманро бояд тарзе кунанд, ки дар он хатари ҷон набошад. Зинҳор, ки аз ин фикр бигзар, то ин ҷони азиз ба бод надиҳӣ.

Зоғ гуфт:

– Чӣ бояд кард?

Шағол гуфт:

– Дурусташ он аст, ки дар авҷи ҳаво парвоз кун ва ба бомҳову саҳроҳо **назар афкан**[1], ҳар ҷо зевареро бинӣ, ки **рабудани**[2] он муяссар бошад, фуромада, бардор ва боз ба ҳаво парвоз кун, аммо аз чашми мардумон ғоиб мабош. Дур нест, ки баъзе мардум дар талаби он зевар аз ақиб оянд. Чун наздики мор расӣ, зеварро ба болои мор афкан, то ки назари мардум ба вай афтад. Албатта, онҳо аввал морро кушта, пас

1. **Назар афкандан** – нигоҳ кардан
2. **Рабудан** – чанг зада гирифтан

зевари худро хоҳанд гирифт ва ту аз зарари мор **фароғат**[1] хоҳӣ ёфт.

Зоғ ба ишорати шағол рӯй ба ободонӣ ниҳод. Занеро дид, ки бар гӯшаи бом зеваре ниҳодааст. Зоғ онро даррабуд ва ба ҳамон дастур, ки шағол гуфта буд, ба болои мор андохт. Мардумон, ки дар пайи зоғ омада буданд, зуд сари морро кӯфта, заварро бардоштанд ва зоғ аз зарари мор халос шуд.

**Хасм**[2] аз миён бирафту сиришк аз канор ҳам. *(Ҳусайн Воизи Кошифӣ).*

***56. Навъи ҷумлаҳои пайрави мисолҳои зеринро муайян кунед.***

1. Касе, ки дар кӯҳҳо будааст, накҳати дилангези гулу гиёҳҳои он ҷоро шамидааст.

2. Калонсолони корхона, ки ба фориғболии холаи Ошуфта одат кардаанд, дар ин бобат мегӯянд. Агар тираш ба нишон расад, аз шодӣ қад-қад мепарад. Модараш мегӯяд, ки гиря баъзан ба кӯдак фоида дорад.

3. Баъди ҳамон мулоқот Малика ҳис кард, ки ҷавон боҷуръаттар шудааст.

4. Духтарак аз ин ҷиҳат ба ташвиш афтод, ки офтоб кайҳо нишастааст. *(Садои Шарқ).*

***57. Шеърро ифоданок хонед ва аз он ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо карда, навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед:***

БАРОИ ҲУРМАТИ МӮЙИ САФЕДАШ

Барои ҳурмати мӯйи сафедаш,
Ки ҳар тораш чу як роҳи сафед аст.
Барои дил, дили оинавораш,
Ки аз чашму нигоҳи ӯ падид аст.
Барои хотири шеъраш, ки онро
Ба роҳи хеш болу пар намудам.
Барои шеъри мардумошнояш,
Ки аз он шеъри худро сар намудам.

---

1. **Фароғат** – осудагӣ, роҳат, оромӣ
2. **Хасм** – душман, аду

Барои ҳиммату номи баландаш,
Баландиҳои чун чархи баринаш.
Барои хоксориҳои покаш,
Таҳаммулнокии ҳамчун заминаш.
Қасам бар ҷону виҷдони ҷавонам:
Агар дар шеър қутби нав кушоям,
Аз он ҳар субҳ чун ахтар бароям,
Ба назди шеъри ӯ таъзим намоям!

*Муъмин Қаноат*

***58. Ба сарҷумлаҳои зерин ҷумлаҳои пайрави мувофиқ ёбед:***

1. Ба пурсишҳои муаллим хуб ҷавоб додам, …
2. Ин ҳамон китобе аст, …
3. Ба ӯ гуфтанд, …
4. Ман барои он омадам, …
5. Вай ба мо тарзе нигоҳ кард, …
6. Хуршед шеърро чунон қироат мекард, …

## 18. ВОСИТАҲОИ АЛОҚАИ НАҲВИИ ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

**Воситаҳои алоқаи наҳвии** ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик хеле гуногунанд: Пайвандакҳои тобеъкунандаи сершумор, калима, таркиб ва ибораҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ – хабари сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрав, ҷойи ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ва оҳанг воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла мебошанд.

***1. Пайвандакҳои тобеъкунанда***

Пайвандакҳои тобеъкунанда ду хел мешаванд: *якум,* пайвандакҳои тобеъкунандае, ки якчанд навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунанд: **ки, то, чун**; *дуюм,* пайвандакҳои тобеъкунандае, ки хоси ин ё он ҷумлаи пайравандӣ: **вақте ки, ҳангоме ки, аз бозе ки… (замон), бинобар ин ки, азбаски, зеро ки (сабаб), агар, ба шарте ки, ба шарти ин ки (шарт)...**

***Мисол:*** *1. Инҳо суханҳое буданд, ки пӯлодро сӯрох ва сангро об мекарданд. (А. Шукӯҳӣ).*

*2. Аз вақте ки ӯ ҳаракати Чингизи хунрезро ба тарафи Мовароуннаҳр шунид, дар пайи мудофиаи Ватан афтод. (С. Айнӣ).*

Дар мисоли якум ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «**ки**» ва дар мисоли дуюм ҷумлаи пайрави замон ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «**аз вақте ки**» тобеъ шудааст.

***2. Калимаҳои ҳамнисбат***

Калимаҳои ҳамнисбат муҳимтарин воситаи дигари алоқаи тобеи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла мебошанд. ***Мисол:*** *Қалам аз тасвири* ***ин*** *ҳарбу зарб, ки дар дашти васеъ гузашта истода буд, оҷизӣ мекашид. (Р. Ҷалил).*

Дар мисоли боло ҷонишини ишоратии “**ин**” калимаи ҳамнисбат буда, ба вазифаи муайянкунандаи сарҷумла омада, ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ба сарҷумла тобеъ кардааст. Ҷонишини ишоратии “**ин**” ва ҷумлаи пайрави муайянкунанда як вазифаро адо намуда, ҳамчун муодилӣ якдигаранд, яъне ҳамнисбатанд.

***3. Мутобиқати шаклҳои феълӣ***

Мутобиқати хабари ҷумлаи пайрав ба хабари сарҷумла воситаи дигари алоқаи тобеи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла мебошад. Масалан, хабари сарҷумла дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад талаб менамояд, ки хабари ҷумлаи пайрави мақсад бо шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода ёбад, ***чунончи***: *Фавран аз асп фуромада, ба тарафи ӯ давид, то ки ба дӯсти деринааш мулоқоти гарму ҷӯшон кунад. (С.Айнӣ)*

Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон барои ифодаи муносибати ҳамзамонӣ хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав бо феъли замони ҳозира ифода мешавад. ***Мисол.*** *Ҳангоме ки нурҳои офтоб дар болои оби шаршара медурахшанд, камонаки аҷибе ба амал меояд.(Ҷ. Икромӣ).*

***4. Ҷойи ҷумлаи пайрав***

Ҷойи ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ саҳми муҳим дошта, яке аз воситаҳои алоқаи ҷузъҳо ба шумор меравад . Ҷумлаи пайраве, ки бар эзоҳи аъзои ҷудогона ё гурӯҳи аъзоҳои сарҷумла меояд; пас аз сарҷумла ё аъзои эзоҳшаванда ҷо мегирад. ***Мисол:*** *Вай медонист, ки ҳамаи умеду орзуяш Ҳайдарқул буд (Ҷ. Икромӣ). Дар зиндагии инсон бехобӣ ва бедорхобиҳое мешаванд, ки аз хоби бароҳат дида ширинтаранд.(Р. Ҷалил).*

Ҷойи ҷумлаи пайраве, ки ба тамоми сарҷумла тобеъ мешавад, озод аст, яъне мешавад, ки дар аввал, мобайн ва охири сарҷумла биёяд:

*1. Ҳомидхоҷа, бе он ки овоз барорад, аз дасти ман гирифта ишорат кард, ки ба ҷойи худ биравем.(С. Айнӣ).*

*2. Мӯйҳои абрувонаш чунон дароз буданд, ки чашмонашро пӯшонда меистоданд. (С. Айнӣ).*

*3. Вақте муҳимме пеш ояд, Султон ӯро ба таъҷил пеши худ металабид. (Ҳусайн Воизи Кошифӣ).*

*4. Қомати ин одам аз миёна баландтар буда, баданаш чунон пуропур буд, ки ба назари кас кӯтоҳқад менамуд. (С. Айнӣ).*

***5. Оҳанги гӯйиш (интонатсия)***

Оҳанги гӯйиш, махсусан, барои алоқаи тобеи ҷумлаи мураккаби бепайвандак аҳамияти муҳим дорад. Дар ҷумлаҳои навъи “Шумо омадед, корро сар мекунем” оҳанги гӯйиш дар ҳиссаи аввал – ҷумлаи якум, хусусан, дар фуровард баландтару шиддатноктар мегардад ва ҳиссаи дуюм – ҷумлаи дуюмро ба худ мекашад, яъне тобеъ мекунад.

***59. Дар мисолҳои овардашуда пайвандакҳои тобеъкунандаи*** *ки, то, чун* ***кадом хели ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ кардаанд, шарҳ диҳед:***

1. Дар ин кор Икромхоҷа (писари дуюми Устоамак) тадбире кард, ки ман қадре осуда шудам *(С. Айнӣ).*

2. Аз қайдҳои боло маълум шуд, ки дар мадрасаҳои Бухоро 8-сола умри талаба ба дарсҳои сарфу наҳви арабӣ сарф мешавад.*(С. Айнӣ).*

3. То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

4. Чун аз дарвоза даромадам, Қутбия дар роҳрав ба ман рӯ ба рӯ омад. *(С. Айнӣ).*

5. Омадам дар Тоҷикистони азиз,
То бубинам рӯйи ёрони азиз. *Мирзо Турсунзода*

6. То ранҷ набарӣ, ганҷ барнадорӣ ва то ҷон дар хатар нaниҳӣ, бар душман зафар наёбӣ. *Саъдии Шерозӣ*

7. Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.

*Саъдии Шерозӣ*)

8. Чун аҳли ғарб, яъне фарангиён, аз ҷиҳати илм, ҳунар ва санъат тараққӣ карданд, онҳоро кофтанд. *(С. Айнӣ)*

9. Мӯр гирд оварад ба тобистон,
То фароғат бувад зимистонаш.

*Саъдии Шерозӣ*

10. Чун табъи бемор шикастааст, аз сухани сахт шикастатар гардад. *Самандархоҷаи Тирмизӣ*

11. Чун ишқи ту дар ман устувор аст,
Бо сурати ту маро чӣ кор аст.

*Низомии Ганҷавӣ*

12. Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун.

*Саъдии Шерозӣ*

***60. Дар мисолҳои зерин, ки ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумлаи худ ба воситаи пайвандакҳои хосса тобеъ шудаанд, ҷойи сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро муайян кунед:***

Қориишкамба, бе он ки қадами пешпартофтаашро ақиб гузорад, гуфт. *(С. Айнӣ).* Вақте ки навкари вакили молиёт ба Бож омада Фирдавсиро ба назди ҳоким бурданӣ шуд, шоир ҳайрон нашуд. *(С. Улуғзода).* Агар дар бораи вай ягон касе чизе пурсад, аввал ба ҳамдигар маслиҳат мекунем. *(Ф. Муҳаммадиев).* Ин хабар маро бисёр парешон кард, чунки ман ба вай зиёда омухта шуда будам. *(С. Айнӣ).*

***61. Аз ҷумлаҳои зерин калима, таркиб ва ибораҳои ҳамнисбатро ҷудо ва хели ҷумлаҳои пайравро муайян кунед:***

Манзара айнан ҳамин тавр буд, ки дар рӯзномаҳо гоҳо менавиштанд. *(Ф. Муҳаммадиев).* Аз таъсири наво дар сари ӯ ногоҳ чунин хулосае пайдо шуд, ки гӯё Мунавваршоҳ дар зиндагии худ шитоб мекунад. (*Ф. Муҳаммадиев*). Ӯ марди хушрӯйи шофбурути баландқомате буд, ки имрӯз дар пеши мактаб дидааст. (*Ф. Муҳаммадиев*). Он ҳикояро як ба як нақл кард, тавре нақл кард, ки Фирдавсӣ дар он воқеа ҳамчун як шахси пуриддаои камхирад арзи вуҷуд менамуд. *(С. Улуғзода).*

Мушк он бувад, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд. (*Саъдии Шерозӣ).*

***62. Ҷумлаҳои зеринро бо риояи оҳанги гӯйиш қироат намуда, хели ҷумлаи мураккабро муайян кунед:***

1. Чашмонаш аз оташи ғазаб медурахшиданд, лабонаш монанди варақгирифтагон меларзиданд, пӯстҳои рӯй ва арофи чашмонаш мепариданд. *(С. Айнӣ).*

2. Вай дар як дафтарча чанд гапҳои русиро навишта гирифта будааст, ман ҳамин гапҳоро аз дафтари вай бардошта гирифтам. *(С. Айнӣ).*

3. Раҳм овардан бар бадон, ситам аст бар некон. *(Саъдии Шерозӣ).*

4. Рӯдаи танг ба як нони тиҳӣ пур гардад,
Неъмати рӯйи замин пур накунад дидаи танг!

*Саъдии Шерозӣ*

5. Дили вай хиҷил, хавасаш парешон буд, пойҳояш мелағжид, баданаш меларзид. (*Сорбон*).

6. Ман рехтам, ӯ занбӯруғҳои ба замин рехташударо бо ду тақсим ҷудо кард.*(С. Айнӣ)*.

***63. Аз ин ҳикоя ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо намуда, сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро муайян кунед:***

Мӯреро диданд, ба зӯрмандӣ камар баста ва малахеро даҳ баробари худ бардошта.

Ба тааҷҷуб гуфтанд:

– Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ бореро ба ин гаронӣ[1] чун мекашад?!

Мӯр чун ин сухан бишунид, бихандиду гуфт:

– Мардон борро бо неруи[2] ҳиммату[3] бозуи ҳамийят[4] кашанд, на ба қуввати тану захомати[5] бадан.

**Қитъа**

Боре, ки осмону замин сар кашид аз он,
Мушкил тавон ба ёварии[6] ҷисму ҷон кашид.
Ҳиммат қавӣ[7] кун аз мадади раҳравони ишқ,
К-он борро ба қуввати ҳиммат тавон кашид.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

1. **Гарон** – вазнин, сангин
2. **Неру** – қувват, зӯр, зӯрӣ.
3. **Ҳиммат** – ирода, қасд, азм, ҷаҳд…
4. **Ҳамийят** – ғайрат, номус, орият
5. **Захомат** – ғафсӣ, калонҷуссагӣ
6. **Ёварӣ** – ёрӣ, мададгорӣ
7. **Қавӣ** – пурқувват

## 19. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

**Ҷумлаи мураккаби тобеъ** аз ҷиҳати таркиб гуногун мешавад. Аксари ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дорои як ҷумлаи пайрав мебошанд. Яъне ин навъи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз як сарҷумла ва як ҷумлаи пайрав иборат мешаванд.

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои пайрав ба навъҳои зерин ҷудо карда мешаванд: **ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, муайянкунанда, мубтадо, хабар ва ҳол (ҷумлаи пайрави ҳоли замон, макон, тарзи амал, монандӣ, сабаб, мақсад, миқдору андоза, шарт, хилоф, натиҷа).**

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо як ҷумлаи пайрав аломатҳои вергул ва тире истифода мешавад. Аломати вергул ва тире ҷумлаҳои пайравро аз сарҷумла ҷудо мекунанд. Ин аломатҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вобаста ба ҷойи ҷумлаи пайрав истифода мешаванд:

**1. Агар ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла ояд, пеш аз он аломати вергул гузошта мешавад.** ***Мисол:*** *Ба ин духтар офарин гуфтан даркор аст, ки аз уҳдаи ҳамин қадар кор баромад. (Ҳ. Карим).*

**2. Агар ҷумлаи пайрав дар аввал омада бошад, пас аз он аломати вергул гузошта мешавад.** ***Мисол:*** *Барои ин ки аз ин ҳунар баҳравар шавам, пайваста машқ мекардам. (С. Улуғзода).*

**3. Агар ҷумлаи пайрав дар байн ояд, он аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад.** ***Мисол:*** *Китоберо, ки ба шумо ваъда карда будам, фиристодам. (Ҳ. Карим).*

**4. Агар ҷумлаи пайрав бе пайвандаки тобеъкунанда ояд, байни сарҷумлаю ҷумлаи пайрав аломати тире гузошта мешавад:** *Ранҷ кашӣ – ганҷ ба каф орӣ. (Фолклор)*

***64. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо карда, сабаби гузошта шудани аломатҳои китобати онҳоро фаҳмонед:***

Мансабдор, ки аввал дағдаға дошт, девона будани Ҳайдарқулро дониста, якбора тарсиду қафо-қафо рафтан ги-

рифт. Вақте ки Ҳайдарқул баланду барҳаво қаҳқаҳзанон чашмонашро алобуло кард, мансабдор хез карда аз ҷӯй гузашту ба қафояш нигоҳ накарда роҳи гурезро пеш гирифт.

Он вақт депои Когон корхонаи нав буд, ба ташкил ёфтани вай акнун даҳ сол шуда буд. Лекин дар депо устоҳо ва коргарони рӯздидаи рус бисёр буданд. Як қисми онҳо аз Тошканд, қисми дигарашон аз Ашқобод ва Морӣ омада буданд. Аз Петербург ду нафар устои калон ва донишманд омада буданд, ки ба ин ҷо бадарға карда шуда буданд. Ба ғайр аз онҳо коргарони маҳаллӣ – тоҷикон ва ӯзбекону тоторҳо низ буданд. Умарҷон яке аз аввалин коргарони маҳаллӣ буд, ки ба депо даромада, кор карда ва ҳоло ба қатори оҳангарҳои хуб даромада буд. *(Ҷ. Икромӣ).*

***65. Матнро хонда, ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед ва аломати китобати онҳоро шарҳ бидиҳед:***

Дар хилвати ҳуҷраи даруни боғ сухан офарида мешавад. Насри хушку беранги достонҳо ба назми тари рангин таблил меёбад. Достонҳо мисли дарахте, ки аз зимистон баромада, дар дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешавад, ба зевари шеър ороста мегарданд. Силсилаи достонҳо аз қаъри торикии асрҳо сар зада, аз ёд ба ёд, аз авлод ба авлод гузашта, то ба замони шоир расидааст. Шоир аз он силсила шаддаҳои дурру гавҳари сухан ҳамоил месозад. Маҷмаи достонҳо “Шоҳнома”-и мансур – китоби ғафси дарозрӯя, дигар китобҳои таърихӣ, ахбору вақоеъномаҳо ба форсию арабӣ бар рӯйи мизи таҳрири шоир дар тоқчаҳои ҳуҷра хобидаанд ва чандин сол инҷониб пӯшида намешаванд. Дар варақҳо назми мутантани размии шоир, шоҳон ва ҷаҳонпаҳлавонони бостонии Аҷам зинда гардида, корномаҳои аҷибашонро ба шоир нақл мекунанд. Тапотапи суми аспони ҷангӣ, шиҳаи раъдосои онҳо, ҳаёҳуи размоварон, бонги ваҳмангези таблу дуҳулҳо, наъраи фалакпечи карнайҳо мудом дар гӯши шоир танинандозанд. Дар фароғи ҷангу набардҳо хирадмандон ва донишварони бостонӣ ҳам ба меҳмонии ӯ меоянд, мусоҳибаш мешаванд, панду ҳикматҳояшонро баён месозанд. Боз рӯйи мизи пасту васеъ дафтари борику дарозе хо-

бидааст. Саҳифаҳои дафтар пур аз хатти майдаи нимкӯранд, қайдҳои хотиротии шоир, ки аз мутолиаи ахбору осори форсӣ, арабӣ, паҳлавӣ ва ҳам ривояту афсонаҳо иборатанду достонсаройи пурҳавсала дар шаҳрҳои Эрону Тӯрон гашта, онҳоро аз нақли ровиёни зинда навишта гирифтааст.

Ин Ҳаким Абулқосими Фирдавсист.

Фирдавсии Тусӣ...

*С. Улуғзода*

***66. Шеърро хонда мазмуни онро бо ду-се ҷумла нақл кунед, ҷумлаҳои мураккаби тобеъашро ҷудо кунед.***

## РОҒУН

Роғун, ки шуо ба қалбҳо мефиканӣ,
Имрӯз ту мубтадои ҳар як суханӣ.
Созем ҳазор ҷон фидо бар ту, зибас
Армони ҳазорсоларо мешиканӣ.

Нур бар дил фиканӣ,
Зеби ҳар як суханӣ,
Ҷон фидоят бикунем,
Баски армоншиканӣ.

Ҳар деҳа зи ту шавад чароғон, Роғун,
Ҳар деҳа зи ту шавад дурахшон, Роғун.
Чун чархи замон зи қудратат чарх занад,
Ризқи ҳамагон шавад фаровон, Роғун.

Нури дарё, Роғун,
Сари боло, Роғун.
Мо туро месозем,
Ганҷи дунё, Роғун.

Донем туро биной ваҳдат, Роғун,
Ёбем зи ту ҳазор роҳат, Роғун.
Бо нури дилу дида туро месозем,
Чун пояи устувори миллат, Роғун.

Қасри ваҳдат, Роғун,
Кони роҳат, Роғун.
Нури ҷон дар тани мо,
Фахри миллат, Роғун.

*(Гурез Сафар)*

## НАВЪҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВ

Ҷумлаҳои пайрав аз рӯйи саҳму вазифаи наҳвиашон, муносибати маъноии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ва саволгузорӣ ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: ***ҷумлаи пайрави пуркунанда, муайянкунанда, мубтадо, хабар ва ҳол.***

***Мисол:*** *Махсум фаҳмид, ки аз овози раъд бедор шудааст. (Ҷ. Икромӣ).*

Ҷумлаи мисоли боло ҷумлаи мураккаби тобеъ буда, ҷумлаи пайраваш «ки аз овози раъд бедор шудааст» хабари сарҷумларо эзоҳ дода, ба саволи чиро фаҳмид? ҷавоб мешавад ва ба ин сабаб **ҷумлаи пайрави пуркунанда** мешавад. Агар нависанда ҳамин мазмунро ба воситаи ҷумлаи сода баён мекард, ҷумлаи пайрав чун пуркунандаи тафсилӣ воқеъ гардида, ба ҳамон саволи чиро фаҳмид? ҷавоб мешуд: Махсум аз овози раъд бедор шуданашро фаҳмид.

*Дар ҷаҳон қуввае нест, ки ба ин ягонагӣ, дӯстӣ ва бародарии халқҳо муқобил истода тавонад. (Ф. Ниёзӣ).*

Дар ин мисол ҷумлаи пайрав ба саволи *чӣ хел? (чӣ хел қувва?)* ҷавоб шуда, вазифаи муайянкунии мубтадои сарҷумларо адо кардааст ва ба ҳамин сабаб **ҷумлаи пайрави муайянкунанда** мешавад.

***Мисоли дигар:*** *Азбаски дар ин ҷоҳо ҳозир об баровардан мумкин нест, ба кишти лалмӣ маҷбур шудем. (С. Айнӣ).*

Дар мисоли боло қисмати *«ба кишти лалмӣ маҷбур шудем»* сарҷумла буда, ҳиссаи *«азбаски дар ин ҷоҳо ҳозир об баровардан мумкин нест»* ҷумлаи пайрав аст, ки ба саволи *барои чӣ?, аз чӣ сабаб?* ҷавоб мешавад ва **ҷумлаи пайрави сабаб** мебошад.

## 20. ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ, КИ ЯК ҶУМЛАИ ПАЙРАВ ДОРАНД

Таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ хоҳ пайвандакдор бошад, хоҳ бепайвандак гуногун аст. Ҷумлаҳои мураккаби тобее ҳастанд, ки аз як сарҷумла ва як ҷумлаи пайрав таркиб ёфтаанд ва ин хели муқаррарии ҷумлаи мураккаби тобеъ аст.

***Мисол:*** *Умед он аст, ки ҷавҳари макнуну гавҳари мавзун бар рӯйи авроқ барад (Самандархоҷаи Тирмизӣ). Вақте ки*

*ман даромадам, Пирак аз ҷояш хеста маро ба ҷойи худаш гузаронид. (С. Айнӣ).*

Ҷумлаи якуми мисоли боло аз сарҷумла ва як ҷумлаи пайрави хабар таркиб ёфта, ҷумлаи дуюм аз як сарҷумла ва як ҷумлаи пайрави замон иборат мебошад.

## 21.ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА

**Ҷумлаи пайрави пуркунанда** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бар эзоҳи хабари сарҷумла омада, онро пурра мекунад.

Ин хели ҷумлаи пайрав ба саволҳои **чӣ?, аз чӣ?, чиро?, ба чӣ?, бо чӣ?** ҷавоб мешавад. Вай бар эзоҳи калимаю таркибҳои ҳамнисбате низ меояд, ки ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омадаанд.

***Мисол:*** *Воқеа аз ҳамин сар шуд, ки ман бо модарам ҷанг карда, аз хона гурехтам. (П. Толис).*

Ҷумлаи пайрави пуркунанда, одатан, хабарҳои феълии сарҷумларо эзоҳ медиҳад. *Соҳибкор пурсид, ки аз куҷо омадам. (Ф. Муҳаммадиев).*

Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ду ҷойи муайян дорад:

1. Пас аз сарҷумла омада, аз он бо вергул ҷудо карда мешавад: *Падарам маҷбур шуд, ки масъаларо бо насиҳат ҳал кунад. (С. Айнӣ).*

**2.** Пеш аз сарҷумла омада, аз он бо вергул ҷудо карда мешавад: *Падарам кай омаданд, гуфта пурсид. (С. Айнӣ).*

***67. Аз ҷумлаҳои мураккаби тобеи зерин ҷумлаҳои пайрави пуркунандаро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед ва аломати вергулро гузоред:***

1. Нуралиро ба ҳукумат ҷеғ зада, гуфтанд ки вай ба мактаби яксолаи хоҷагиҳо фиристода мешавад. *(С. Улугзода).* 2. Исмат метарсид ки мабодо Ҳошимкорвон ӯро хафа накунад. *(С. Улугзода).* 3. Ба Карпов фаҳмондан лозим ки фармони пагоҳӣ додаашро зуд бекор кунад. *(Ю. Акобиров).* 4. Мегӯянд ки ситораҳо низ заминро ан-

даке равшан мекунанд. *(Ф. Муҳаммадиев)* 5. Намедонист ки ҳоло барои чӣ ин ҷо омадааст. *(Ҷ. Икромӣ)*. 6. Ҳукамо гуфтаанд, ки эътимод бар дӯсти ноозмуда набояд кард. (*Самандархоҷаи Тирмизӣ*). Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамъии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ. (*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*).

***68. Худатон 6-то ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда тартиб диҳед.***

***69. Аз асарҳои бадеӣ 4-то ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ёфта нависед ва вазифаи ҷумлаи пайрави пуркунандаро шифоҳӣ фаҳмонед.***

***70. Дар мисолҳои зерин ба кадом саволҳо ҷавоб шудани ҷумлаи пайрави пуркунандаро муайян кунед:***

Дил намехоҳад, ки чашмам аз тамошояш канам,
Чунки аз шавқ дили касро хурӯшон мекунад. *(М. Турсунзода)*.

Рустам ба соати кисагиаш нигоҳ карда маълум намуд, ки пас аз се соат поезд ба роҳ мебарояд. *(П. Толис)*. Чашми Одина якбора кушода шуда дид, ки ба болои сараш як ҷавон рост истодааст. *(С. Айнӣ)*. Гумон доштам, ки танҳо биноҳои дар як ҷо муҳимми сангӣ ё чӯбӣ метавонанд ин гуна муҷассамаи эҷодкории ҳунармандон бишаванд. *(Ф. Муҳаммадиев)* Нақл мекунанд, ки Аҳмадбек дар як пуштаи нишеби мисли ёнаҳои Сафедкӯҳ душворгарде ҷуфт мерондааст. *(Ф. Муҳаммадиев)*. Донистам, ки барои гандум будааст. *(Ҷ. Икромӣ)*.

***71. Аз матни зерин ҷумлаҳои муракккаби тобеъ бо пайрави пуркунандаро ҷудо кунед:***

Одина саросемавор аз хоб бедор шуд ва чашми худро молида ба ҳар тараф назар андохта, воқеаро фаҳмидан мехост. Лекин ин вақт садои ба ҳамдигар бархӯрдани сангҳо хомӯш гашта, танҳо рамида ба ҳар тараф гурехтан ва давидани гӯсфандон барқарор буд.

Одина аз ин ҳол гумон бурд, ки ба рама гург вохӯрдааст, барои донистани чигунагии аҳвол аввал ором додани гӯсфандонро лозим донист, бинобар ин «ҳей-ҳей» гӯён ба нармӣ ва оҳистагӣ онҳоро ба як гӯша ғундошт ва ягон-ягон ҳамаро аз назар гузаронида дид, ки як буз бо як гӯсфанд дар миён нест, гӯсфандон тарсон ба тарафи ҷарӣ нигоҳ карда қад-қад мепариданд. Одина аз ин ҳол пай бурд, ки ҳар чӣ ҳаст, ба он тараф аст, барои таҳқиқи воқеа рамаро ба ҳоли худ гузошта, худ ба лаби ҷарӣ рафта, ба поён чашм андохт ва дид, ки буз бепарво ба девори ҷарӣ дар буни сангҳо айёрона қадам ниҳода, ҳанӯз саргарми чаридан аст ва чунон ба оромӣ хӯрок мехӯрд, ки гӯё ба дунё ҳеҷ воқеае рӯй надодааст. Одина аз будани буз ва ёфт шудани гӯсфанд умедвор шуда қадре поёнтар назар андохт ва дид, ки гӯсфанд дар даруни об хобидааст ва сари худро боло бардошта меҷунбонад. *(С. Айнӣ)*.

***72. Аз матни зерин ҳамон ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунандаро ҷудо кунед, ки онҳоро ба ҷумлаи сода баргардондан мумкин аст:***

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд. Не! *(С. Айнӣ)*. Ҳатто дӯстони Нуралӣ ҳам фикр мекарданд, ки вай тарсид. *(С. Улугзода)*. Аммо ман боварӣ доштам, ки падарам аз ҷанг баргаштааст. *(Ҷ. Икромӣ)*. Ӯ акнун фаҳмид, ки суханонаш ба бачаи гурусна тасаллӣ намебахшад. *(Р. Ҷалил)*. Дар охири ариза навиштам, ки нависандаи ин ариза дар ин туман на замин дорад ва на барои ӯ об даркор аст. *(С. Айнӣ)*. Вай гумон карда буд, ки ҳамаи русҳо монанди акаи вай сару либоси солдатӣ доранд. *(Р. Ҷалил)*. Рост мегуфтанд, ки мурури замон ҳам бо хотири ҷамъ ва идрок мерасад. *(Ф. Муҳаммадиев)*. Тиқ-тиқи дар маҷбур намуд, ки ҳамагӣ рӯяшонро ба тарафи он гардонанд. *(Ҳ. Карим)*. Ҳаминро медонем, ки Сурайё зани олиҷаноб ва меҳрубон аст. *(Ҷ. Икромӣ)*. Ман дидам, ки вай фикри ба

роҳ даромадан надорад. *(С. Айнӣ)*. Соҳибкор пурсид, ки аз кучо омадам. *(Ф. Муҳаммадиев)*. Вай даъват кард, ки мо ҳаёти меҳнатии халқҳои ҳамдигарро хуб омӯзем. *(А. Деҳотӣ)*. Ҳозирон баъди муҳокимаю мунозира қарор доданд, ки обро ба дашт бароранд. *(Р. Ҷалил)*. Бинанда гумон мекард: об болои сабза ва себарга, сабза ва себарга болои об ғел мезаданд. *(С. Айнӣ)*.

***73. Матнро хонда, мазмунашро нақл кунед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунандаро ҷудо карда, воситаи алоқаи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла нишон диҳед.***

Моҳи сеюм аст, ки мӯйсафед сокини деҳа асту давлати пирӣ меронад. Вай дар ин муддат ба худ кашф кард, ки аз кору муҳити одатӣ якбора канда шудан азоби алим будааст. Рӯзҳои аввал аз хона набаромада, рама, талу теппаҳои хомӯшро пеши назар меоварду дилаш гум мезад. Вай ба уқоби пире шабоҳат дошт, ки дар охири умр аз фазои кӯҳсорон маҳрум гашта дар қафаси васеву барҳаво истода, тамоми баргу навои рӯзгораш муҳайё бошад ҳам, нигоҳи пурҳасрат аз осмони нилӣ, даштҳои васеъ, қуллаҳои дуродур намеканад. Даҳмардаи пир гоҳо хаёлан асояшро болои китф ниҳода, сар-сари ёлаҳо, рӯ-рӯйи майсазорон аз паси рама мегашт. Ҳа, дил, ки ба шуғле побанд гашт, то охири умр аз пайи он мерафтааст… Рӯзҳои аввал аз дилтангӣ хона дар назараш танг менамуду деҳа сермағал… Вай ҳам чанд карат хост, ки бо мӯйсафедони деҳа шарики суҳбат шавад, лекин кафшери гапашон ба ҳам набаст…

Мӯйсафед чанд ҳафта баъд барояш машғулияти дилхоҳе пайдо карду тамоми занҳои кӯдакдори деҳаро шод гардонд.

– Бобои Шоҳин, илоҳӣ, сад соли дигар умр бинӣ, – гуфтанд миннатдорона онҳо. Кори моро хеле сабук кардӣ. *(А. Самадов)*.

## 22. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУАЙЯНКУНАНДА

**Ҷумлаи пайрави муайянкунанда** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ барои шарҳу эзоҳ, муайян кардани сифату аломат ва хусусиятҳои хоссаю ҷудогонаи шахсу ашё ва ҳодисаҳое меояд, ки дар сарҷумла ба вазифаи ягон аъзо ё гурӯҳи аъзоҳо омада бошанд. Вобаста ба исми эзоҳшаванда ҷумлаи пайрави муайянкунанда ду ҷойи муқаррарии ифода дорад – пас аз сарҷумла ва дар байни сарҷумла – пас аз аъзои эзоҳшаванда.

Агар ҷумлаи пайрави муайянкунанда пас аз сарҷумла омада бошад, пас аз он вергул гузошта мешавад. ***Чунончи:*** *Фирӯза аввалин зане буд, ки мардонавор бо роҳи ҳуррият қадам гузошт. (Ҷ. Икромӣ).*

Агар ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар байни сарҷумла, пас аз аъзои эзоҳшаванда ояд, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад.

***Мисол:*** *Аз гулханнишинон як кас, ки то ин дам ба гап ҳамроҳ намешуд, онҳоро ба сулҳу салоҳ овардан хост. (Р. Ҷалил).*

***74. Ҷумлаҳоро хонед. Ҷойи ҷумлаи пайрави муайянкунандаро нишон дода, аломати вергули заруриро гузоред:***

1. Оташе ки мардуми меҳнаткаши Хуҷанд ба муқобили шоҳ, боён, амалдорон ва судхӯрону ҳаннотон афрӯхта буд дар нимаи моҳ тамоми кишвари Туркистонро фаро гирифт. *(Р. Ҷалил)*. 2. Одинаро ин супориш ки ба модаркалони худ дар бораи Гулбибӣ кард дар зери обу араќи шарму ҳаё андохт. *(С. Айнӣ)*. 3. Шоҳид он гулҳои наврӯзианд ки ҳар сол ман ба лаби тирезаат мегузорам. *(М. Бахтӣ)*. 4. Навиштани китобе ки ба кишвари азиз бахшида мешавад кори аз ҳама масъулиятнок аст. *(Р. Ғамзатов)*. 5. Намуди вай мисли уқобе буд ки худро сӯйи кабкчӯҷае андохта бошад. *(Сорбон)*. 6. Аммо гапҳо, ҳодисаҳо ва хотираҳоеро ки ба ман каму беш таъсир карда бошанд аз ёд набаровардаам. *(С. Айнӣ)*.

7. Котибе ки дар идораи колхоз аризаҳоро қабул мекард як аризаро аз назар гузаронида, аз соҳиби ариза пурсид. *(С. Айнӣ)*. 8. Ин як моҳе ки дар манзили шумо гузаронидем босаодаттарин моҳи зиндагонии ман буд. *(С. Улугзода)*. 9. Ӯ монанди кӯдакон ки дар доманашон кулӯхмайда гирифта бозӣ карда нишинанд даст зада, бозӣ карда, дар як ҷо менишаст. *(С. Айнӣ)*. 10. Барфе ки ба рӯйи оби борони яхбаста мефуромад рӯйи заминро сафед карда буд. *(С. Айнӣ)*.

***75. Аз асари бадеӣ 4 ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда бинависед, ки дар дутояш ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла омада бошад.***

***76. Худатон мустақилона 5 ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда тартиб дода, вазифаи ҷумлаи пайравро дар таркиби онҳо шарҳ диҳед.***

***77. Байтҳои зеринро бо диққат хонда, ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаро ҷудо кунед ва бигӯед, ки онҳо кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ додаанд.***

Қавле, ки дар ӯ вафо набинам,
Аз чун ту касе раво набинам.

*Низомии Ганҷавӣ*

* * *

Холе ба рухат бизан, ки бехол
Чашмест, ки мардумак надорад.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

* * *

Забонамро ҳаё чун мавҷи гавҳар лол кард охир,
Зи занҷире, ки дар об аст, шеван барнамеояд.

*Бедил*

* * *

Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,
Машъали тобандаи дастони пурэъҷоз кун.

*Мирзо Турсунзода*

***78. Аз ҷуфти ҷумлаҳои додашуда ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда созед.***

*Намуна:* а) Ин китоб дар бораи одамони наҷиби диёрамон навишта шудааст, ки ба шумо тақдим кардам.

а) Ин китобе, ки ба шумо тақдим кардам, дар бораи одамони наҷиби диёрамон навишта шудааст.

1. а) Занону мардон дар кӯчаи марказии шаҳр бо чеҳраҳои пур аз фараҳ сайругашт мекарданд, б) ки либосҳои рангоранги идона дар бар доштанд.

2. а) Мард аз бағали худ дафтарчаро баровarda ба вай чашм андохт, б) ки Дохунда будани он аз нақли қисме аз саргузашташ маълум шуд.

3. а) Савор аспи худро нигоҳ дошта аз вай фуромад, б) ки аз миёнаи ду хомаи рег мерафт.

4. а) Чӯбчаҳоеро мӯрчавор ба як тараф кашонда ғун мекарданд, б) ки аз даруни барф ва ях мееўфтанд.

5. а) Он чиз сетор аст, б) ки ҳоло менавозад.

6. а) Китобро фиристодам, б) ки ба шумо ваъда карда будам.

7. а) Бӯйи гулҳо ба атроф паҳн шуда буд, б) ки дар рӯйи ҳавлӣ шукуфта буданд.

8. а) Ӯ ғазалеро дар дил тараннум мекард, б) ки аз ашъори Ҳофиз аз ёд карда буд.

***79. Аз ин матн ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ҷудо карда, онҳоро шарҳ диҳед:***

Буз ва гӯсфандоне, ки пас аз сер шуданашон дар атрофи нигаҳбони худ ҳалқа зада хобида буданд ва хӯрокҳоеро, ки аз аввали рӯз то ҳол бо як ҳирси ҳайвонона ба шиками худ ҷой кардаанд, ба «кавша» кардан машғулӣ доштанд, баъд аз соате шиками худро холӣ дида, боз дар пайи баҳраандӯзӣ афтоданд ва ба талаби гиёҳҳои тару тоза ба ҳар тараф пароканда шуданд.

Поёнтари ин ҳамвории ба нишебӣ моиле, ки мо ҳанӯз аз тамошояш сер нашудем, дараи чуқуре буд, ки девораи он то

канори ҳамворӣ, аз зер ба боло гӯё ки рост баромада буд. Бузе ҳамроҳи гӯсфанде дар вақти чаридан то сари девори табиии ин дара омаданд, ногоҳ чашми буз ба буттаи гиёҳе афтод, ки дар поёнтари ин баландӣ аз буни санге раста, монанди як банд алафи юнучқаи кӯрпа ҳим-ҳим метофт. Бузи гурусначашм, ки дар устоӣ ва маҳорати худ дилаш пур буд, худро якбора ба тарафи он гиёҳ андохт ва ба як ҳаракати чолокона ду пойи пеши худро дар буни санг банд карда, бо иштиҳое, ки гӯё дар наздикиҳо чизе нахӯрдааст, ғирч-ғирч карда, бунчаҳои гиёҳро бо дандонҳои арравори худ буридан гирифт. Гӯсфанди бечора, ки он қадар ҳарис нест ва ҳеҷ гоҳе барои хӯрок худро дар таҳлука наандохтааст, лекин аз он ҷое ки дар роҳ рафтан ва истодан ҳамеша бузро пайравӣ мекунад, бе ҳеҷ андешае ин низ худро аз паси буз ба поён партофт. Аммо дар ин пайравӣ на то ба ҷое, ки буз истодааст, рафта истод, балки вақте ки кӯр-кӯрона худро ҳаво дод, пояш ба ҷое банд нашуда муаллақзанон то ба қаъри дара рафт. *(С. Айнӣ).*

***80. Дар матни зерин ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаро аз таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷудо карда, вазифаашонро шарҳ диҳед:***

Одина як соли дигар дар ин зиндони бало, яъне хизмати Арбоб Камол, дандон ба дандон монда истодагӣ кард. Дар ин муддат ҳеҷ чорае намеёфт, ки роҳи гурезро пеш гирад ва сари худро ба ягон диёри беғурбат кашида, озодона нафас барорад. Дар ин миёна воқеае рӯй дод, ки ҳарчанд ба сабаби ин воқеа Қаротегин зеру забар шуд, ба Одина роҳи гурез омода гардид.

Тафсили ин воқеа чунин аст: ширкати роҳи оҳани Бухоро-Тирмиз, ки яке аз саҳмдорони калонаш амири Бухоро Олимхон буд, ба фикри ба даст даровардани коргарони арзон афтода, аз амир мардикор талаб карда ва ба мардикорони талабгор харҷи роҳу музди кор доданро ваъда намуд, ин маъниро ба ҳокими Қаротегин, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ яке аз пасмондатарини қаламравҳои Бухорост, навишта аз аҳолии он ҷо дар ин кор фоида бурданӣ шуд.

Ҳоким ин ҳодисаро барои пулёбии худ фурсати ғанимате шумурда, мардумро, ки ҳанӯз аз ҳақиқати кор хабар надоштанд, ба зӯр ва ҷабр ғундошта ба Бухоро фиристоданӣ шуд. *(С. Айнӣ)*.

## 23. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУБТАДО

**Ҷумлаи пайрави мубтадо** мубтадои бо ҷонишин ифодашудаи сарҷумларо эзоҳ медиҳад. ***Мисол:*** *Ҳар кас хоксор, фурӯтан ва мулоимсухан бошад, вай дар зиндагӣ мушкилие намекашад. (Ҷ. Икромӣ)*. Баъзан чунин ҷонишин дар сарҷумла ифода намегардад.

*Мисол:* 1. Ҳар ки н-омухт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.
*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

2. Раиси хоҷагӣ боз кай ба замини мо меояд, маълум нест. *(С. Улугзода)*.

Дар ҷумлаи якум *«Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор»* сарҷумла буда, мубтадо – ҷонишини шахси сеюми танҳо, ки «*вай*» аст, ифода наёфтааст ва ҷумлаи пайрави мубтадо «*ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор*» ҳамин мубтадои дар сарҷумла ифода наёфтаро эзоҳ додааст.

Дар мисоли дуюм «*Раиси хоҷагӣ кай ба бригадаи мо меояд*» ҷумлаи пайрави мубтадо аст, ки мубтадои дар сарҷумла ифоданаёфтаи «ин»-ро шарҳ додааст.

***Мисоли дигар:*** *Касе ки ҷафову ситам мекунад, ӯ бехи худро меканад. (Саъдии Шерозӣ)*.

Дар мисоли боло ҷумлаи пайрави мубтадо – «*Касе ки ҷафову ситам мекунад*» ҷонишини ба вазифаи мубтадои сарҷумла омадаи «**ӯ**»-ро эзоҳ додааст.

Ҷумлаи пайрави мубтадо дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ дар аввал, мобайн ва охири сарҷумла омада метавонад. Ҷумлаи пайрав аз сарҷумла бо аломати вергул ҷудо карда мешавад.

А). ***Дар аввали сарҷумла:*** *Ҳар кас ки ҳар кадоми онҳоро даст гирифта диҳад, вай ба сари ҳар ғулом як тилло мегирад. (С. Айнӣ).*

Б). ***Дар байни сарҷумла:*** *Онҳое, ки хонаҳояшон дар ҳамон тараф буд, омадаанд. (Р. Ҷалил).*

В). ***Пас аз сарҷумла:*** *Аз гуфтаҳои янгаам ба ман маълум буд, ки падари онҳо баққоли деҳаи худ буд. (С. Улуғзода).*

***81. Аз ҷумлаҳои мураккаби тобеи зерин ҷумлаи пайрави мубтадоро муайян кунед ва аломати китобатро гузоред:***

*1. Ҳар кас ки назарбаланд бошад*
*Фархундаю арҷманд бошад.*

*Садриддин Айнӣ*

*2. Ҳар кас ки бештар кор кунад ҳамон қадар ҳам бештар музд мегирад. (С. Айнӣ). 3. Ҳар кас ки ҷавоб дода натавонад вай бой додагӣ ҳисоб меёбад. (С. Айнӣ). 4. Барои деҳқон ҳамин кифоя аст ки аз замини хушк тилло рӯёнад. (А. Шукӯҳӣ). 5. Ҳар он кас муҳаббати диёру ватан, мардумони он, меҳри дилафрӯзи мисли шумо ёру дӯстони ҷасур дар дилаш аст ватан ҷойи ӯст. (М. Турсунзода). 7. Аз ҳаракатҳои Гулнор маълум буд ки вай ҳам маро дӯст медорад. (С. Айнӣ).*

***82. Аз китоби «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» 6 ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадо ёфта, рӯйнавис кунед ва онҳоро шарҳ диҳед.***

*Намуна:* Ҳар ки бо дег ҳамнишин гардад, домани хешро сиёҳ кунад. (*Зарбулмасал*).

***83. Худатон мустақилона 4 ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадо гуфта, ҷойи ҷумлаи пайравро муайян кунед.***

***84. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи зеринро, ки ҷумлаи пайравашон мубтадо аст, ба дафтаратон нависед ва бигӯед, ки онҳо аз ҷумлаи пайрави муайянкунанда, пуркунанда ва хабар чӣ фарқ доранд?***

*Аз қиёфаи нафарони ин даста маълум мешуд, ки инҳо савдогарони Бухороанд. (С. Айнӣ). Аммо аз оҳанги сухани ӯ маълум буд, ки дилаш ба рафтан кашол аст. (С.Айнӣ)*

*Ҳар ки бо мардумон хиёнат кард,*
*Нарасад ҳаргиз ӯ ба неъмату ноз.*
*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

*Ҳар кас бо донотар аз худ баҳс кунад, нодон аст.*
*Саъдии Шерозӣ)*

*Он ки кирдори бад раво бинад,*
*Худ зи кирдори бад ҷазо бинад.*
*Хусрави Деҳлавӣ*

*Ҳар он кас, ки муҳаббати диёру ватан ва мардумони диёри худро фаромӯш мекунад, кӯрнамак аст. (Ф. Ниёзӣ).*

*Ҳар ки бо меҳнат сарафрозӣ кунад,*
*Мамлакатро аз худаш розӣ кунад. (А. Шукӯҳӣ)*

*Касе к-ӯ ҳиммати бисёр дорад,*
*Ба хирман тонна-тонна бор орад. (М. Турсунзода)*

*Ҳар ки дар корҳо ҷасур бувад,*
*Аз надомат ҳамеша дур бувад.*
*Фолклор*

*Он ки айби ту гуфт, ёри ту ӯст,*
*В-он ки пӯшида дошт, мори ту ӯст.*
*Авҳадӣ*

***85. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадоро ҷудо карда, воситаи алоқаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрави мубтадоро фаҳмонед:***

Пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ нон аз мо мехӯрад ва ба хуни мо теғи худро тез мекунад. Пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ шарики сармоядорон

ва гумоштагони соҳибони корхона ва заминдорони калон будааст, ба иборати дигар, маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ сардориduздон ва панҷякхӯри роҳзанон будааст. Моро лозим аст, ки ҳар чӣ зудтар арбоби ҳукумати подшоҳиро ва тартиби ҳукуматдории эшонро аз миён бардорем ва ихтиёри корро ба дасти касоне супорем, ки баргузидаи мо бошанд. Чун аксарияти азимаи аҳолии мамлакат мо, муздурон ва деҳқонон ҳастем, ба шарти иттиҳод ва иттифоқ, ба қувваи ҳукумати подшоҳӣ ғолиб омад. Қувваи намоёне, ки ба дасти подшоҳ аст, аскар аст. Агар нек нагирад, он ҳам аз синфи мо буда, фарзандони деҳқонони фақир ва коргарони ранҷбар аст. Кадом писари бой милтиқ бардошта ба сарҳад рафтааст ва кадом домоди соҳибони завод ва фабрика ба нони сиёҳ қаноат карда, дар гармо ва сармо кӯҳу биёбонро пиёда паймудааст.

Ғояташ ин аст, ки аскарро ҳукумати подшоҳӣ фирефтааст, бо вазъу насиҳати муллоён, бе тавба ва қасам додани онҳо аскар асири дарбори ҳукумат шудааст.

Агар мо ҳақиқати ҳолро ба воситаи ташвиқотчиёни суханвари худ ба эшон фаҳмонда тавонем, тӯп ва милтиқе, ки ҳукумати подшоҳӣ ба дасти эшон барои дар чанбари итоат доштани мо додааст, ба сӯйи худи ӯ оташфишонӣ хоҳанд кард…

Ҳарчанд дар аввалҳои кор ин гуфтугузорҳо танҳо дар миёнаи коргарони европагӣ мерафтанд, кам-кам мусулмононро ҳам дар доираи музокироти худ даровsecurityанд, ҷиддиёна, танҳо бо камоли эҳтиёт ва пинҳонӣ ташвиқот мекарданд…

Аз миёни коргарон касоне, ки аз ҳама бештар суханҳоро ҳақиқат дониста гӯш кард, Одина буд. Одина аз саргузашти худ, хурд ҳам бошад, ба ин суханон мисолҳо ёфта метавонист: ӯро дар сояи тартиби ҳукумати амир магар ба Арбоб Камол ғулом карда надода буданд? Барои ин ғуломӣ калонони қишлоқ, хусусан, Мулло Хокироҳ магар кам кӯшиш кард?! *(С. Айнӣ)*.

***86. Ба сарҷумлаҳои зерин ҷумлаҳои пайрави мубтадои мувофиқро ёфта нависед:***

1________________________, вай бой додагӣ ҳисоб мешавад.
2. ________________________________________ , аз дил дур аст.
3. ________________________________ , пайваста бемор бувад.
4. _______________________ , миннати Ҳотами Той набарад.

## 24. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ХАБАР

**Ҷумлаи пайрави хабар** хабарҳои номии бо ишораҷонишинҳо ифодаёфтаи сарҷумларо эзоҳ медиҳад. ***Мисол:*** *Як хислати Қорӣ Нурулло ин буд, ки ҳар чизи навбаромадро маҳз барои навбаромад буданаш дӯст медошт. (С. Айнӣ). Аммо ақидаи ман он буд, ки барои шеър гуфтан валӣ будан шарт аст. (С. Айнӣ). Сабаби ҷанг ҳамин шуд, ки имшаб бой дар хонааш набуд. (Ҷ. Икромӣ).*

**Ҷумлаи пайрави хабар ҳамеша пас аз сарҷумла ҷой мегирад ва аз сарҷумла бо вергул ҷудо карда мешавад.**

***Мисол:*** *Орзуи ягонаи Одина ҳамин буд, ки ӯ ҳар чӣ зудтар аз дасти Арбоб-Камол халос шавад. (С. Айнӣ). Душвории ин кор ҳам дар ин аст, ки ҳамин рӯз рафта ба он ҷо расидан даркор. (С. Айнӣ).*

***87. Ин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави хабарро бодиққат хонда, сарҷумлаашонро бо вергул ҷудо кунед:***

1. Сабаби «Хурӯс» лақаб гирифтани вай ин аст ки мардак саҳархез аст. *(С. Улугзода)*. 2. Аз ҳама асосиаш ин ки дар ҳамин синну сол ҳам аз меҳнат дилгир нашудааст. *(Ф. Ниёзӣ)*. 3. Салоҳи ман дар он аст ки худро дигарбора ба диёри Ҳинд расонам. *(А. Деҳотӣ)*. 4. Мақсади мо ҳамин ки ба вай некӣ кунем. *(Ф. Ниёзӣ)*. 5. Нағзаш он ки аз нархи фурӯш қадре камтар ба ту ҳисоб мекунам. *(С. Айнӣ)*.

***88. Мустақилона 4-то ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабар тартиб диҳед.***

***89. Аз асарҳои бадеӣ 6-то ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави хабар ёфта, ба дафтаратон нависед.***

***90. Ин ҳикояро хонда, ба мазмуни он эътибор диҳед. Ҷумлаи пайрави хабарро ҷудо карда, аломатҳои китобатро дар ин матн шарҳ диҳед:***

Кабӯтарро гуфтанд:

– Чун аст, ки ту ду бача беш барнаёрӣ ва чун мурғи хонагӣ бар бештар аз он қудрат надорӣ?

Гуфт:

– Бачаи кабӯтар ғизо аз ҳавсалаи модару падар мехӯрад ва чӯҷаи мурғи хонагӣ аз мазбала[1] бар ҳар роҳгузар. Аз як ва аз ним мазбала дари рӯзии ҳазор чӯҷа тавон кушод.

Қитъа

Хоҳӣ, ки шавӣ ҳалолрӯзӣ,
Ҳамхона макун аёли[2] бисёр.
Донӣ, ки дар ин сарочаи танг
Ҳосил нашавад ҳалоли[3] бисёр!

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

***91. Аз мисолҳои зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадоро ба як сутун ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабарро ба сутуни дуюми дафтаратон навишта, фарқи онҳоро бигӯед:***

Мумкин аст, ки бо гапҳои сидқии ӯ гӯш кунад. *(Ҳ. Карим)*. Хуб шудааст, ки барои хондан омадааст. *(С. Айнӣ)*. Маънии ин он нест, ки онҳо луғатро аз девор ё шифти кабинетҳо тарошида мегирифта бошанд. *(А. Деҳотӣ)*. Аз ҳама бадтар ин, ки Арбоб Камол ҳамеша дар пайи кинахоҳӣ ва интиқомҷӯйӣ буд. *(С. Айнӣ)*. Он вақтҳо дар Бухоро одат ин буд, ки баъзе муллобачаҳои қашшоқ дар моҳи рамазон ба пеши ягон қозии шинос мерафтанд. *(С. Айнӣ)*. Ҳеҷ мумкин нест, ки Фирӯза ягон ҳунар надошта бошад. *(Ҷ.*

1. **Мазбала** – пастафгандаҳо
2. **Аёл** – фарзанд, аҳли хонадон
3. **Ҳалол** – раво, ҷоиз

*Икромӣ).* Пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ нон аз мо мехӯрад. *(С. Айнӣ).* Ин ҳам маълум аст, ки дар ин атроф аз колхози мо пеш колхоз нест. *(С. Айнӣ).* Тааҷҷуби аввалини ман ин буд, ки маро бе ҳеҷ талаб мударрис кардаанд. *(С. Айнӣ).* Доно он бувад, ки душманро дӯст кунад. *(Аз халқ).* Умеди Фирӯза он буд, ки хатнависиро ҳам ёд гирад. *(Ҷ. Икромӣ).*

Бародар он бувад, ки рӯзи сахтӣ
Туро ёрӣ кунад дар тангдастӣ.

*Носири Хусрав*

***92. Ба сарҷумлаҳои зерин ҷумлаҳои пайрави хабари мувофиқро ёфта нависед:***

1. Орзуи ман ин аст, ки…
2. Мақсади мо ҳамин аст, ки …
3. Мард он аст, ки …
4. Инсони хуб ҳамон аст, ки…
5. Дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки…

## ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ҲОЛ

**Ҷумлаҳои пайрави ҳол** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ чун қоида ҳамон муносибату маъноҳоеро мефаҳмонанд, ки ҳолшарҳкунандаҳо дар ҷумлаи сода ифода мекунанд, аммо имкони ҷумлаи пайрав бештар аст.

Ҷумлаҳои пайрави ҳол ба ҳамон саволҳои ҳолшарҳкунандаҳои ҷумлаи сода ҷавоб шуда, ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: **замон, макон, сабаб, мақсад, тарзи амал, монандӣ, миқдору дараҷа, шарт, хилоф, натиҷа.**

Ҷумлаҳои пайрави ҳол маъмулан ба мундариҷаи умумии сарҷумла вобаста мешаванд, бинобар ин, онҳоро ҷумлаҳои пайрави дуузва низ меноманд.

## 25. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ЗАМОН

**Ҷумлаи пайрави замон** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ замони вуқӯъ гардидан ё нагардидани амали сарҷумларо мефаҳмонад. ***Мисол:*** *Чун аз дарвоза баромадам, Қутбия дар роҳрав ба ман рӯ ба рӯ омад. (С. Айнӣ).*

Ин хели ҷумлаи пайрав ба воситаи пайвандакҳои зерин: **вақте ки, ҳангоме ки, пеш аз ин (он) ки, баъд аз ин (он) ки, пас аз ин (он) ки, ҳамин ки, ҳар гоҳ ки, аз бозе ки, аз вақте ки, то даме ки, аз замоне ки, то замоне ки…** ба сарҷумла алоқаманд мешавад.

Таъкид бояд кард, ки аломати вергул пеш аз пайвандаки таркибӣ гузошта мешавад, зеро дар акси ҳол маънои ҷумла халал дида, хели ҷумлаи пайрав дигар мешавад. ***Чанд мисол:*** *То вақте ки ангуштонам куланги милтиқро пахш карда метавонанд, бо душманон меҷангам. (Р. Ҷалил)*

*Ҳар гоҳ ки роҳи дур ба поён расад, вай Шодигулро хоҳад дид. (С. Улуғзода). Вақте ки калон шуд, падарам ҳамаи кори деҳқониро ба вай супурд. (Р. Ҷалил).*

**Ҷумлаи пайрави замон бар эзоҳи калимаҳои ҳамнисбат ҳам меояд:** *Султон Муҳаммад ба муқобили халифа дар вақте лашкар кашид, ки Чингизхон барои ҳуҷум ба мамлакати вай тайёрӣ медид. (С. Айнӣ).*

Дар ҷумлаи овардашуда таркиби "дар вақте" воҳиди ҳамнисбат аст.

***93. Пайвандакҳои таркибии хоси ҷумлаи пайрави замонро номбар карда, интихобан бо чанде аз онҳо ҷумла созед.***

***94. Аз гуфтори бузургон намунаҳое биёред, ки ҷумлаи пайравашон замон бошад:***

*Намуна:* То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

***95. Матнро хонда ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замонро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед ва ба зери пайвандакҳои тобеъкунандаи замон хат кашед:***

Чун чашми Бибиоиша ба рӯйи Одина афтод, дигарбора дасти ларзони худро ба гардани ӯ андохта сару рӯяшро мебӯсид. Танҳо ин бӯсаҳо ҳар қадар ки гарм ва ҳар қадар ки муҳаббатомез буданд, ҳамон қадар ҳам хушк буданд. Бечора пири ҳафтодсоларо аз ин хурсандии ногаҳонӣ ком ва забон хушк шуда буд. Лекин ашкҳои шодӣ, ки аз чашмони ӯ пайваста мерехтанд, сару рӯйи Одинаро тар мекарданд, ба андозае ки гоҳ-гоҳ бо остин пок кардани сару рӯяш даркор мешуд.

Бибиоиша вақте ки қадре ором гирифт, саргузашти сесолаи худро ва ҳуҷуми Арбоб-Камолро ягон-ягон ба Одина ҳикоят кард. *(С. Айнӣ)*.

***96. Аз ин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави замон сарҷумларо муайян намуда, пайвандакҳои замониро шарҳ диҳед. Аз ҷумлаи 9-ум то ҷумлаи охир мисолҳоро навишта, ба зери сарҷумла ва ҷумлаи пайрав бо аломатҳои шартӣ хат кашед:***

1. Вақте ки Анвар дар торикӣ ба аспаш зину лаҷом зада, онро аз таки собот берун меовард, Сорохола бо оҳанги илтиҷо:

– Худатро эҳтиёт кун, писарам, – гуфт.

2. Ҳангоме ки Анвар дарро кушода, аз кабинети котиби райком мебаромад:

– Ман шуморо дар идораи милитсия интизор мешавам, – гуфт аз қафо Каримов.

3. Вақте ки Усмон Азиз пештар омад, Ҷалол оҳиста пурсид.

4. Вақте ки бозпас мерафт, рост ба чашмони Таманно нигариста:

– Ман меоям, – гуфта буд.

5. Ҳангоме ки Анвар дар як ғояти шаб дарвозаашро кӯфта, ӯро аз хоб бедор карда, вазъиятро фаҳмонд, Мурод чизе напурсида, ин дафъа ҳам дарҳол розӣ шуд.

6. Се рӯз дар Сиёҳбед интизор шавед, то даме ки ман гуфтаамро мефиристам.

7. Вақте ки даста қариб ба авул расид, ногаҳон аспи Ҳасан тир хӯрда, шиҳакашон ба сар зад.

8. Баъде ки хизматгораш Анварро бо дастони аз нав ба пушт баста пеш андохта бурд, Усмон Азиз гузашта ба ҷойи худ нишаст.

9. Пеш аз он ки ба роҳи ғурбат дарояд, чанд шаби дарозро бо сад хаёл дар ҳамин болохона танҳо ба сар набурда буд магар?

10. Пас аз он ки додари азизаш ба Бухорои Шариф илмомӯзӣ рафт, Усмон Азиз худаш танҳо тут меафшонд.

11. Баъде ки писарбачаҳо бархостанд, Усмон Азиз ба мулло Салим муроҷиат кард.

12. Ҳангоме ки Ғулом Ҳусайн мехост ба кундаи таги пойи Анвар лагад кӯбад, Усмон Азиз қамчини дуқадро ба зери тасмааш хаста:

– Ист, – гуфт.

13. Ашраф, пеш аз он ки ба хонаи дигар гузарад, дар торикӣ лаҳзае ба кати занаш назар дӯхт.

14. Даме ки вай ду пешдоманро бардошта, ба хона омад, зану бачаҳояш аз хоб хеста буданд. *(С. Турсун)*.

## 26. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МАКОН

**Ҷумлаи пайрави макон** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ макону ҷой ва самти иҷрои амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад. Ҷумлаи пайрави макон бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои **ки, ҷое ки, ба ҷое ки, аз ҷое ки, дар ҷое ки** тобеъ мешавад.

***Мисол:*** *Душвории кор дар ин ҷо буд, ки дар он ҷо чим ва лойи шитта набуд. (С. Айнӣ). Дар куҷо ки кор ҳаст, хурсандӣ, таърифкунӣ, ранҷидан, дилбардорӣ ҳам ҳаст. (Р. Ҷалил). Ҳар ҷо ки об ҳаст, офтоб ҳаст. (Ҷ. Икромӣ). Ҳар ҷо ки ӯ қадам мениҳод, он ҷо аз пою қадамаш ободӣ меёфт. (Аз рӯзнома). Ҷое ки дӯстию рафоқат ҳаст, сулҳу амният ва муҳаббату садоқат низ ҳаст. (Аз халқ).*

***97. Чанд зарбулмасал ва панду ҳикмат бигӯед, ки дар таркиби онҳо ҷумлаи пайрави макон бошад.***

*Намуна:* Дар ҷое ки об буд, дарахт сабз шуд.
Ҷое ки гул аст, булбул аст. (*Зарбулмасал*).

***98. Ҷумлаи пайрави макон ва аломати китобатро дар он аз рӯйи мисолҳои худатон нишон диҳед.***

***99. Аз асари бадеӣ якчанд ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави макон ёфта нависед.***

***100. Ин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави маконро ба ҷумлаҳои сода баргардонед.***

Ҳар ҷо ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест (*фолклор*).

Ба кучо ки фармоед, ба ҷону дил меравем. *(Р. Ҷалил)*.

Улокҷӯён..., дар ҷое ки тири дарёгарди Темурмалик ба он ҷо намерасид, рафта манзил кард. *(С. Айнӣ)*.

Мо ба ҷое наздик шудем, ки бояд истгоҳи барқ бунёд шавад. *(Садои Шарқ)*

Ҷое ки лозим донанд, меравем. *(Садои Шарқ)*

***101. Ҷумлаҳоро навишта, сарҷумла ва ҷумлаи пайравро бо аломатҳои шартӣ ишора кунед. Воситаи алоқаи онҳоро шарҳ диҳед:***

1. Аз ҷое ки ман нишаста будам, қозии пиракӣ менамуд. *(С. Айнӣ)*. 2. Ҷое ки хуни ӯро ба хок рехтанд, яке гиёҳи сурх рӯйид. *(С. Улугзода)*. 3. Табиб ҳам намозро тамом карда омада, бори дигар аз Холбӯта ҳолпурсӣ карда, ба ҷое ки нишон дода буданд, гузашта нишаст. *(Р. Ҷалил)*. 4. Ба ҷое афтодааст, ки дар вақтҳои гузаштани сел гирдобгоҳ шуда, монанди як ҳавзча дар он ҷо обе пайдо шуда будааст. *(С. Айнӣ)*.

5. Ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Ҳамчу ёри ҳамнафас рафтам.
Ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Дӯст рафтам, беғараз рафтам. (*Л. Шералӣ)*

## 27. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ САБАБ

Ҷумлаи пайрави сабаб дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ сабабу иллат, ваҷҳи воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад. Ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумла бо пайвандакҳои зерин: **зеро ки, зеро ин (он) ки, чун ки, модоме ки, чаро ки, барои ин (он) ки, бинобар ин (он) ки, барои ҳамин (ҳамон) ки, аз барои ин (он) ки, аз сабаби ин (он) ки, аз ваҷҳи ин (он) ки, аз ҷиҳати он ки, ба туфайли он ки, дар натиҷаи он ки, ба муносибати он ки…** тобеъ мешавад.
***Мисол:*** *Дар он ҷо аҳволам хуб буд, барои ин ки ман дар он ҷо ҳафтае се шаб бо аҳли илм ва адабиёт ҳамсуҳбат мешудам. (С. Айнӣ). Аз ҷиҳати он ки ҷанобашонро ба ташвиш мононда, бисёртар омаданро ба худ ҷоиз надонистам, маъзур медоранд. (Ҷ. Икромӣ). Модом ки вай бо ту будан мехоҳад, ту бояд наздаш бошӣ. (С. Улуғзода). Аз гапи вай ба дилам воҳима афтод, зеро ки дар деҳаи Шоён мактаби нав набуд. (С. Улуғзода).*

Ҷумлаи пайрави сабаб бар эзоҳи калимаи ҳамнисбати таркиби сарҷумла ҳам омада метавонад: ***Мисол:*** *Хадича барои он аз хона баромада натавонист, ки дар берун борон меборид. (С. Айнӣ).*

Дар мисоли боло таркиби "**барои он**" воҳиди ҳамнисбат аст.

***102. Бо истифодаи чанде аз пайвандакҳои таркибии сабабӣ ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб тартиб дода, таркибашонро шифоҳӣ фаҳмонед:***

*Намуна:* Мағрур машав ба мол чун бехабарон,
Зеро ки бувад мол чу абри гузарон.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Дар байти боло ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки таркибии **«зеро ки»** тобеъ шудааст.

***103. Аз ягон асари бадеӣ 6-то ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб нависед ва сохту мазмуни онҳоро шарҳ бидиҳед.***

***104. Худатон мустақилона аз рӯйи нақшаи зерин ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб бисозед:***

1)______________________________, чунки ~~~~~~~~
2)______________________________, зеро ки ~~~~~~~~
3) Азбаски ~~~~~~~~, ______________________________

***105. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи зеринро, ки ҷумлаи пайравашон сабаб аст, ба дафтаратон нависед ва ба зери пайвандакҳо хат кашида, вазифаашонро фаҳмонед:***

1. Азбаски вазифааш ӯро зуд-зуд ба деҳоти дуру наздик мебурд, барояш махсус асп ҷудо карда буданд.

2. Анвар, барои он ки ӯро бемаҳал ташвиш дод, узр пурсид ва зуд қафо гашт.

3. Модом ки онҳо ба як одами бегуноҳ чунин карданд, пас ба Анвар низ дандон доранд.

4. Модом ки суд надорад, … – ғами фардоро хӯрдан лозим.

5. Азбаски дар баландӣ, қариб дар сояи Ҳафтсар ҷой гирифтааст, зимистонаш – салқин.

6. Модом ки маслиҳати маро гирифта, дар пеши ҳукумат узр пурсидан намехоҳӣ, пас деҳаро осуда гузошта, ба роҳат бирав.

7. Азбаски баҳор омадан баробар дардаш авҷ гирифта, нафасаш тез-тез мепечидагӣ шуд, раис Таманнoро аз кори хоҷагӣ озод кард.

8. Модом ки онҳо ба як одами бегуноҳ чунин карданд, пас ба Анвар низ дандон доранд.

9. Модом ки имрӯз туро хорузор дида, ба васвасаи ниқор гирифтан афтидааст, пас ӯ дар ин бора асло фикр намекунад. *(С. Турсун).*

## 28. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МАҚСАД

**Ҷумлаи пайрави мақсад** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ азму мақсади воқеъ шудани амали сарҷумларо фаҳмонда, ба саволҳои **барои чӣ?, бо чӣ мақсад?** ҷавоб мешавад. Ҷумлаи пайрави мақсад ба сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои **ки, то ки, то ин ки, то он ки, ки то, ба мақсади ин (он) ки, барои ин (он) ки, аз барои он (ин) ки, аз баҳри ин (он) ки** тобеъ мешавад.

***Мисол:*** *Ана, ман шуморо имрӯз маҳз барои ҳамин ба ин ҷо овардам, ки бо чашми худатон бинед. (Р. Ҷалил).*

Дуртар парвоз кун аз лона – аз ҷойи баланд,
То ки парвози ту ояд дӯстонатро писанд. *(М. Турсунзода)..*

***106. Бо истифода аз пайвандакҳои* ба мақсади он ки, ба нияти ин ки, барои он ки *ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад бисозед.***

***107. Дар мисолҳои зерин муайян кунед, ки ҷумлаҳои пайрави мақсад бо сарҷумлаҳои худ бо ёрии кадом пайвандакҳо алоқаманд шудаанд:***

Омадам дар Тоҷикистони азиз,
То бубинам рӯйи ёрони азиз. (*М. Турсунзода)*.

Ман омадам, ки бо шумо дарди дил кунам. *(Р. Ҷалил).*

Командир, барои ин ки ба мурофиа халал нарасонад, ба қозихона даромадан нахост. *(С. Улуғзода).*

***108. Ин ғазалро азёд кунед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсадро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед. Бигӯед, ки пайвандаки «то» чӣ вазифаро адо кардааст ва онро бо кадом пайвандак иваз кардан мумкин аст?***

Шишаи мо санги хоро бишканад,
Хомии мо пухтаҳоро бишканад.
Ончунон сангинмизоҷу маҳкамем,
Кӯзаи мо санги дарё бишканад.
Он қадар соғар шикастем аз алам,
То тилисми як муаммо бишканад.
Сад дилу сад дасту по бишкастаем,
То ки садди роҳи фардо бишканад. (*Л. Шералӣ).*

***109. Пайвандаки тобеъкунандаи «то ки»-ро дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад бо дигар пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсад иваз кунед ва бигӯед, ки чӣ тағйирот рӯй медиҳад?***

1. Шумо ғайр аз қатор-қатор сандуқ, даҳҳо оғилу анбор… пур кардан дигар ғам надоштед, то ки бештар давлат ғундоред. 2. Усмон Азиз, то ки сир бой надиҳад, табассум кард. 3. Зуҳро, то ки барои кӯрпа ҷойи мувофиқ ёбад, ба чор тараф назар медавонад. *(С. Турсун).*

## 29. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ТАРЗИ АМАЛ

**Ҷумлаи пайрави тарзи амал** дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ чӣ тарз воқеъ гардидани амали сарҷумларо шарҳ медиҳад. Ҷумлаи пайрави тарзи амал ба сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои **ба тарзе ки, ба тавре ки, дар ҳолате ки, бе он ки, ба тартибе ки, чунон ки, гӯё ки, мисли он ки** тобеъ мешавад: *Вай ба рӯйи меҳмонон зӯрбазӯракӣ табассум мекард, ба тавре ки ӯро дида раҳми кас меомад. (С. Улуғзода). Ба ҳамин тариқа, ҳамаи чӯбҳо, бе он ки ба пойи халифа озоре расонанд, шикаста пора шуда ба замин афтодаанд. (С. Айнӣ).*

Ҷумлаи пайрави тарзи амал ҳам бар эзоҳи калимаҳои ҳамнисбати сарҷумла, аз қабили **чунон, тавре, тарзе, ба тавре, ба тарзе** низ омада метавонад. *Даря баргашта омад ва боз дар рӯ ба рӯйи Холи Ворухӣ нишаста, ба ӯ тарзе нигоҳ кард, ки ба шунидани ҳикояаш тайёр будани худро фаҳмонад. (Р. Ҷалил).*

Ҷумлаи пайрави тарзи амал дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бештар дар байн ё пас аз сарҷумла ҷой мегирад. ***Мисол:*** *Ҳомидхоҷа, бе он ки овоз барорад, аз дасти ман гирифта ишорат кард. (С. Айнӣ). Ӯ, дар ҳолате ки оташи хашми чашмонаш аз аввалӣ ҳам зиёдтар гардида буд, ба ман нигоҳ карда, аз ҷояш хест. (С. Айнӣ). Об ба тарзе баста шуд, ки як чакрааш ҳам аз замин бозпас намегашт. (С. Айнӣ).*

***110. Бо чанд пайвандаки ҷумлаи пайрави тарзи амал интихобан ҷумла созед.***

***111. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ тартиб диҳед, ки ҷумлаи пайрави тарзи амал дар аввал, мобайн ва охири сарҷумла омада бошад.***

***112 Аз ягон асари бадеӣ 5 ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави тарзи амал ёфта, ба дафтаратон нависед ва дар шакли нақша нишон диҳед.***

***Намуна:*** *Ба якдигар ба тарзе нигоҳ мекарданд, ки маънии он ба ҳарду фаҳмо буд. (Р. Ҷалил).*




***113. Ин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави тарзи амалро ба дафтаратон навишта, сарҷумлаю ҷумлаи пайравро бо аломатҳои шартӣ ишора кунед. Вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед. Бигӯед, ки ин пайвандакҳо аз ҷиҳати сохт чӣ хеланд ва ба имлои онҳо диққат диҳед:***

1. Ҷалол, гӯё ки ба гарданаш ресмон андохта, ба зӯр мекашида бошанд, пойҳояш ба мисли сурб вазнин, хоҳам-нахоҳам ба сӯйи аспи худ рафт.

2. Вай муддате гӯё ба хаёл рафта, чи тавре ки менишаст, ҳамон тавр ҳолаташро тағйир надода, ниҳоят ришашро ҳилол кард.

3. Усмон Азиз аз поғундаҳои чӯбин баромада, дар ҳолате ки дилаш аз ғояти ҳаяҷон сахт метапид, оҳиста дари болохонаро кушод.

4. Садояш чунон даҳшатнок буд, ки гӯё кадом деви сиёҳ ду кӯҳро дар ду дасташ бозӣ доронда, бо ғазаб ба ҳам мекӯфт.

5. Ӯ дар равшании барқ як ҷондори бадҳайбатро дида, дар ҳолате ки аз зӯри даҳшат чӣ кор карданашро намедонист, беихтиёр пичиррос зад. *(С. Турсун).*

## 30. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МОНАНДӢ

**Ҷумлаи пайрави монандӣ** дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ воқеъ гардидани амали сарҷумларо бо роҳи монанду қиёскунӣ мефаҳмонад. Ҷумлаи пайрави монандӣ ба воситаи пайвандакҳои **ки, гӯё ки, чунон ки, тавре ки, тарзе ки, монанди ин (он) ки, мисли ин (он) ки, ҳамчунон ки** ба сарҷумла тобеъ мешавад. ***Мисол:*** *Мисли он ки тилои асил ҳеҷ гоҳ занг намезанад, одами асил низ дар ҳеҷ ҳолат худро «гум» намекунад. (Ю. Акобиров). Чунон ки тамоми дарах-*

*тон, ҳамаи олами наботот ба офтоб моил аст, мо ба дӯстӣ моил ҳастем. (Р. Ҷалил).*

Ҷумлаи пайрави монандӣ ҳам калимаҳои ҳамнисбати худро дорад: **чунин, чунон, ончунон, ҳамчун, ҳамин тавр, ҳамин хел.** Ин калимаҳо чун воситаи алоқа робитаи ҷумлаи пайравро бо сарҷумла қавӣ мегардонанд. ***Мисол:*** *Бибиоиша худро ба Ибод чунон намуд, ки то ҳол Одинаро ба хонаи хӯҷаинаш рафта пиндошт. (С. Айнӣ).*

Агар ҷумлаи пайрави монандӣ пеш аз сарҷумла биёяд, пас аз он вергул гузошта мешавад: *Монанди он ки касе аз сарашон оби хунук рехта бошад, ҳамагӣ хомӯш шуданд. (Ҳ. Карим).* Агар ҷумлаи пайрави монандӣ дар байн омада бошад, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад: *Давлат рӯймолчаи сафеди пиромунаш гулдӯзиро дар ҳаво дошта гирифту беихтиёр, чунон ки кас гули нав аз буттааш чидаи садбаргро мебӯяд, бӯйид. (Р. Ҷалил).* Агар ҷумлаи пайрави монандӣ дар охири сарҷумла ояд, пеш аз он вергул гузошта мешавад: *Даставвал овозаш нарму ҳалим баромад, гӯё банди ҷигарашро гум кардааст. (М. Хоҷаев).*

***114. Чанд ҷумлаи мураккаби тобеъ тартиб диҳед, ки ҷумлаи пайрави монандиашон ба саволҳои* чи хел?, чӣ гуна? *ҷавоб шаванд.***

***115. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави монандиро ҷудо карда нависед ва вазифаи пайвандакҳои тобеъкунандаи онҳоро шарҳ диҳед.***

Хаёли барошуфта ва ба висол ташнаи ошиқ килки рангин бардошта, тасвираҳо, манзараҳои дилнавозе мекашад ва ҳар зоҳираеро, ки дар рӯ ба рӯяш мебинад, ҳатман ранги матлуб медиҳад, аз ҳар сухани нигор оҳанги марғуб мешунавад, дурри мақсуд мебинад.

Мисли он ки ташнаи обро дар биёбони сӯхта сароби бетараҳҳум фанд мезанад, дар назар чашмаҳои ҷонбахш, наҳрҳои ҳаётофарин ба ҷилва меорад.

Мисли он ки дар назари роҳгумзадае, ки аз сармо карахт шуда, аз пой дарафтодааст, давраи гарми гирди гулхан, бистари нарми дӯсти куҳан, боғу бӯстони пур аз меваю гулу гулшан пеши дидагон меояд.

Ошиқи бечораро ба ин кӯйи талбис[1] ва пурхатар на ҳарифе, балки андешаи муболиғакори худ дар бораи фазилату ҳусну хислати хештан меандозад. Чунон ки ин навъ фиреби маҳз дар камингоҳи сари кӯйи ҳар фарде ҳаст, ба назари ошиқ низ шахси ӯ аз будаш беҳтару меҳтар метобад. *(Ф. Муҳаммадиев).*

***116. Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Ҳудуди сарҷумла ва ҷумлаҳои пайравро муайян кунед ва аломатҳои китобатро бигузоред:***

1. Онҳо … аз тарафи амирони Бухоро ва амалдорони худ ҷавру бедод медиданд инчунин аз дасти расму одат ва хурофот низ азобҳо мекашиданд. *(С. Айнӣ).* 2. Нақшҳои кандакории вай чунон нозук ва хушнамо буданд … наққошони забардаст бо қаламӣ мӯйин дар коғаз он нақшҳоро кашида бошанд. *(С. Айнӣ).* 3. Имрӯз … мардумони фақири тоҷик ба корҳои худ соҳибихтиёранд инчунин занони онҳо низ соҳибҳуқуқ ва озоданд. *(С. Айнӣ).* 4. … бузеро аз тӯдаи кӯбкорӣ бароварда ба гӯшае андозанд, шахсеро ба даруни обхона ҳаво доданд. *(С. Айнӣ).* 5. … сухан аз тақдири шахси шинос, ҳатто наздике мерафта бошад ӯ ба давоми гапи Носир Аббос мунтазир шуд. *(Ф. Муҳаммадиев).* 6. Муддате дар атрофи ман ғун шуда … ҷисми аз осмон афтодаро тамошо мекарданд, ба сару либос ва фотоаппарати ман бо мароқ менигаристанд. *(Ф. Муҳаммадиев).*

*(ҳамчуноне ки, ки гӯё, монанди он ки, мисли он ки, чунон ки).*

***117. Сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави монандиро бо аломатҳои шартӣ ишора карда, ҷойи пайвандакҳо ва саҳми онҳоро дар ташкили ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави монандӣ фаҳмонед:***

1. Ҳалимбой, **мисли он ки** моту мабҳут шуда бошад, аз ришу мӯйлаби қиргун ва бо ҳавсала шоназадаи ӯ чашм канда наметавонист.

2. Усмон Азиз, **мисли он ки** ногаҳон чизе ба хотираш омада бошад, ба ҷиянҳояш нигарист.

3. Борони ҳамал, **чунон ки** аз ҳазорон сатил бошад, бозарба мерехт.

4. Усмон Азиз, **чунон ки** нафасаш тангӣ мекарда бошад, оби даҳонашро базӯр фурӯ бурда, ба сиёҳмушкин нигарист.

5. Вай аз ҷой хеста, **чунон ки** бо нурҳои абрешимвор нар-

1. **Талбис** – макр, фиреб, ҳила

ми он сипари заррин дасту рӯй мешуста бошад, дуру дароз ба уфуқ назар дӯхт.

6. Ӯ ба Қурбону Ғуломҳусайн назар партофта, **чунон ки** ба замин туф мекарда бошад, бо беэътиноӣ ва нафрати ошкоро нигарист:

7. **Чунон ки** ба сараш фикри тозае омада бошад, чеҳраи Ашраф якбора равшан шуд.

8. Темур, **чунон ки** бародарашро нашинохта бошад, ба по хеста, аз болои сари ӯ ба кадом нуқтаи номаълум назар медӯзад. *(С. Турсун)*.

## 31.ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МИҚДОРУ ДАРАҶА

**Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳадду андоза ва миқдору дараҷаи воқеъ шудани амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад. ***Мисол:*** *Онҳо як қисми бандиёнро дар ҳамин регхона, ба қадре ки ҷо гунҷоиш медод, андохтанд. (С. Айнӣ).*

Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ба сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои **ки, ба дараҷае ки, ба қадре ки, то ба дараҷае ки, ба андозае ки, ба ҳадде ки, ҳар қадар ки** тобеъ мешавад.

***Мисол:*** *Ба андозае ки шумо пеш меравед, ҷӯйча ҳам фарохтар ва обаш равонтар мешавад. (С. Айнӣ).*

Як гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа калимаҳои ҳамнисбати худ: **«чунон», «ончунон», «он қадар», «ба қадре»,«ба ҳадде», «ба андозае»-**ро шарҳу эзоҳ медиҳанд.

***Чунончи:*** *Мо-ку, ба қадре як говро то баҳор сер кунад, коҳ дорем. (С. Айнӣ). Ҳамчунон хушрӯй буданд, ки дидагӣ боз як бор бинам, – мегуфт (Ҷ. Икромӣ).*

***118. Якчанд ҷумлаи мураккаби тобеъ бигӯед, ки ҷумлаи пайравашон миқдор, андоза ва дараҷаи амалу ҳолати сарҷумларо фаҳмонда бошад.***

***119. Бо мисолҳо ҷойи ҷумлаи пайрави миқдору андозаро нишон диҳед.***

***120. Аз асари бадеӣ ба дафтаратон 6-то ҷумлаи мурак-***

***каби тобеъ бо пайрави миқдору дараҷа нависед ва чанде аз онҳоро дар шакли нақша нишон бидиҳед.***

***Намуна:*** *Ӯ ҷаву бедаро ба қадре талаб кард, ки дар як сол ба асп расад. (С. Айнӣ).*




***121. Бо истифодаи пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа:* ба андозае ки, ба қадре ки *ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави миқдору дараҷа тартиб диҳед.***

***122. Ин ҳикояро хонда, мазмуни онро мухтасар нақл кунед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави миқдору дараҷаро навишта, сарҷумла ва ҷумлаи пайравро бо аломатҳои шартӣ ишора кунед.***

Рӯбоҳе бо гурге дами мусодақат[1] мезад ва қадами мувофиқат мениҳод. Бо якдигар ба боғе гузаштанд: дар устувор буду деворҳо пурхор. Гирди он гардиданд, то ба сӯрохе расиданд: бар рӯбоҳ фарроху бар гург танг.

Рӯбоҳ осон даромаду гург бо заҳмати фаровон. Ангурҳои гуногун диданду меваҳои рангоранг ёфтанд. Рӯбоҳ зирак буд, ҳоли рафтанро мулоҳиза кард ва гурги ғофил чандон ки тавонист, бихӯрд. Ногоҳ боғбон огоҳ шуд, чӯбдасте бардошту рӯй бар эшон[2] ниҳод. Рӯбоҳи борикмиён зуд аз сӯрох биҷасту гурги бузургшикам дар он ҷо маҳкам шуд. Боғбон ба вай расиду чӯбдасте кашид, чандонаш бизад, ки на мурда, на зинда, пӯстдаридаву пашмканда аз он тангной[3] берун рафт.

Қитъа

Зӯрмандӣ макун, эй хоҷа, ба зар,
К-охири кор забун[4] хоҳӣ рафт.
Фарбеҳат кард басе неъмату ноз,
З-он бияндеш, ки чун хоҳӣ рафт?!

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

1. **Мусодақат** – самимона ва содиқона дӯстӣ кардан
2. **Эшон** – онҳо
3. **Тангной** – ҷойи танг
4. **Забун** – нотавон, суст, бечора, хорузор, мағлуб

## 32. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ШАРТ

**Ҷумлаи пайрави шарт** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ шарти воқеъ гардидани амали сарҷумларо мефаҳмонад ва ба сарҷумла бо пайвандакҳои **агар (гар, ар), ба шарте ки, ба шарти ин (он) ки, чун, то ки** тобеъ мешавад.

***Мисол: Агар*** *аз Сари Ҷӯй баромада, аз даруни кӯҳсор ба Қӯргонтеппа пинҳонӣ рафтанӣ шавед, роҳи шумо аз даруни Дараи Ниҳон меафтад. (С. Айнӣ).* ***То*** *худам рафта аз саломатиаш огоҳ нашавам, намебиёред. (Ҷ. Икромӣ).*

**Гар** биравӣ ту ба тамошои боғ,
Мекунӣ аз бӯй муаттар димоғ.

*Мирзо Турсунзода*

*Ман ҳам рӯзҳои таътил,* ***агар*** *вақт ёбам, ба хонаи онҳо рафта, он баёзро мутолиа мекардам. (С. Айнӣ).*

***Агар*** *ман ягон кас медоштам, худам шуморо нигоҳбон мебудам. (С. Айнӣ).*

Ҷумлаи пайрави шарт ба сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои **агар (гар, ар), ки, ба шарте ки, ба шарти он ки** тобеъ мешавад.

Аксар суханони пандомез, зарбулмасалу мақолҳо дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави шарт сохта шудаанд. ***Мисол:*** *То ранҷ набарӣ, роҳат намебинӣ. Кор кунӣ, нон мехӯрӣ.*

***123. Чанд зарбулмасалу мақол ва сухани пандомез бигӯед, ки ҷумлаи пайрави шарт дошта бошанд.***

*Намуна:* Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

***124. Бо пайвандаки «агар» ва гунаҳои он «гар», «ар» мисолҳо нависед:***

***Намуна:*** *Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

***125. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави шартро ҷудо ва онҳоро дар шакли нақша тасвир карда, ҷойи ҷумлаи пайравро муайян кунед:***

Агар шумо дар нимрӯзӣ ба лаби ин ҷӯйча оед, аз тамошояш чашм канда наметавонед.

Партави офтобе, ки ба сари девори ин дара афтодааст, аз даруни ин оби соф ва ҷӯйи шаффоф акси худро намоён карда, шаъшаапошӣ мекунад; сангҳои девори дара аз даруни ин оби оташтоба тарзе намоён мешаванд, ки гӯё сангтарошони ҳунарманд сангҳои рахдорро ба як тартиби ҳандасагӣ болои ҳам чида бошанд. Намуди як девори боазамати баланд бо партави офтоби ҷаҳонтоб аз даруни як ҷӯйчаи танг шуморо дар ҳайрат меандозад.

Агар аз ҳайвоноти даррандаи монанди гург ва шағоли ин дара натарсида шабона дар вақтҳои соф будани ҳаво ин ҷо оед, боз зиёдтар дар ҳайрат меафтед. Ситораҳое, ки аз шикофи боми ин дара қатор шуда намоён мегарданд, акси худро бо тамоми нурафшонӣ ба даруни ин ҷӯйча меандозанд…

Агар ранги сабзи сабзаҳои канори ин ҷӯйча нури биниши шуморо нигоҳдорӣ намекард, тобиши ин об, ки аз аксандозии ситорагони офтобваш пайдо шудааст, чашматонро мебурд.

Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, баногоҳ ин оби дурахшон монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд, ба зери санге даромада аз назаратон пинҳон мешавад … Ҳамин ки боз сад-дусад қадами дигар пештар рафта, аз як-ду хамгашти пойи кӯҳ гузаштед, ҳамон оби ба зери санг фурӯрафта аз таги санги дигаре ҷӯшида мебарояд, ҳамоно дар ин роҳи зеризаминии худ чанд чашмаи дигарро ба худ ҳамроҳ кардааст, ки аз аввала пурзӯртар ва хушҷавлонтар шуда мебарояд. Акнун шилдиррос зада садо мебарорад ва сангрезаҳоро ғелонда, ба чуқуриҳои гузаргоҳи худ хобонда, роҳи худро ҳамвор мекунад… *(С. Айнӣ)*

***126. Дар мисолҳои зерин ба ҷойи пайвандаки «агар» кадом пайвандакҳои шартии дигарро гузоштан мумкин аст?***

1. Агар ба Нилу ягон одами шубҳанок дарояд ё саворонро бинанд, зуд хабар расонанд.

2. Кас, агар шамшер бардорад, ба шамшер бармехӯрад.

3. Агар хонаи маро вайрон накунӣ, гиреҳат кушода мешавад.

4. Агар ба гапам гӯш диҳӣ, ҳатман ба мақсад мерасӣ.

5. – Агар мардӣ, аз қавлат нагард, – дод зад Анвар. *(С. Турсун).*

## 33. ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ХИЛОФ

**Ҷумлаи пайрави хилоф** амалеро мефаҳмонад, ки хилофи амали сарҷумла аст. Ин ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои **ки, агарчи, гарчи (арчи), агарчанде, агарчанде ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз ин (он) ки, қатъи назар аз ин (он) ки, бар хилофи ин (он) ки, ҳарчанд ки** тобеъ мегардад.

***Мисолҳо:*** *Ман,* ***гарчанде*** *хобам омада бошад ҳам, зуд бархоста ҷомаамро пӯшида дар наздаш нишастам. (С. Улуғзода). Ӯ ҳам,* ***бо вуҷуди ин ки*** *ҳозир аз мактабдор он ҳама ҷӯбро хӯрда буд, бе ҳеҷ тарсу бим ба пеши он золим омад. (С. Айнӣ).*

Дар ифодаи муносибати хилофии ҷумлаи пайрави хилоф пайвандаки «**ҳам**» саҳми хеле муҳим дорад. Аксар бо ифодаи ҳамин пайвандак ҷумлаи пайрави шарт маънои хилоф мегирад ва чун ҷумлаи пайрави хилоф шинохта мешавад.

| **Муқоиса кунед:** | |
|---|---|
| Агар тез биояд, мо ӯро дида метавонем – *шарт* | Агар тез биояд **ҳам**, мо ӯро дида метавонем – *хилоф* |

Аломатҳои китобат дар ин навъи ҷумлаи пайрав низ чун дигар хели ҷумлаҳои пайрав вобаста ба ҷойи он ҳар хел аст.

***127. Бо пайвандакҳои маъмултарини ҷумлаи пайрави хилоф мисолҳо биғӯед.***

***128. Аз силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и Мирзо Турсунзода ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави хилофро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед.***

***129. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хи-***

***лофро дар шакли нақша тасвир кунед. Бигӯед, ки ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла чӣ тавр алоқаманд шудаанд?***

Моҳ дар сари кӯҳ хеле баланд шуда, шуояш равшантар шуда бошад ҳам, чӣ будани ояндаро ҳанӯз фарқ кардан душвор буд. *(Ф. Муҳаммадиев).*

Сабзаҳо сӯзанд агар дар зери гармои тамӯз,
Ман тару тоза дар оғози баҳораш сӯхтам.

*Лоиқ Шералӣ*

Юнус, бо вуҷуди он ки гуфтаҳои такдори вай аз ҷавшани ҷонаш мегузаштанд, дандон ба дандон монда, худро ба нофаҳмӣ зад. *(С. Турсун).*

***130. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави хилофро ҷудо карда ба дафтаратон нависед ва бигӯед, ки ҷумлаи пайрави хилоф ба воситаи кадом пайвандак ба сарҷумла тобеъ шудааст?***

Қишлоқ ба тозагӣ бино ёфта бошад ҳам, хеле калон буд; муҳоҷирони ғармӣ, дарвозӣ, хуҷандӣ, ӯротеппагӣ, фарғонагӣ ва дигарон дар он ҷо ҷой гирифта буданд. Барои ҳар хонавода хонаву ҷойи ҷудогона бошад ҳам, молхона, коҳу бедахона, анбори захираи ҳосилот, анбори озуқаи ҳаррӯза, анбор ва саройи асбобҳои киштукор муштарак буданд.

Дар миёнаҷойи қишлоқ мактаб, клуб, қироатхона, идорахона, чойхонаи сурх, духтурхона, агрономхона, ҳаммом ва дукони кооператив барин иморатҳои ҷамоатӣ бино ёфта буданд. Дар як тарафи иморатҳои ҷамоатӣ боғчаи умумии сабзу хуррам бо ниҳолҳои навхези худ чашми бинандаро нур медод. *(С. Айнӣ).*

***131. Ҷумлаҳои зеринро ба дафтаратон нависед ва ба зери пайвандакҳои тобеъкунандаи хилоф хат кашед. Ҷойи ҷумлаи пайрави хилоф ва аломатҳои китобатро дар онҳо шарҳ диҳед:***

1. Оташи манқал хомӯш шуда бошад ҳам, хона ҳанӯз гарм буд.
2. Асп акнун ором гирифта, маҳин пой мекӯфт, бо

вуҷуди ин аз зери сумаш, каме бошад ҳам, лой чарахса мекард.

3. Бо вуҷуди он ки офтоб тобон буд, аз пеш бӯйи борон меомад.

4. Агарчи чанд дақиқа пеш борон монда, осмон низ оҳиста-оҳиста равшан мешуд, ӯ дар қайди андеша буд.

5. Душман зӯр бошад ҳам, мо ҳанӯз шикаст нахӯрдаем.

6. Усмон Азиз овони бачагиву имрӯза вазъияти Анварро пеши назар оварда, бо вуҷуди он ки дина боз аз беодобиҳои ӯ сахт оташин буд, ба ҳоли вай дилаш каме сӯхт.

7. Таманно ҳама қувваташро истифода бурда, бо вуҷуди он ки сахт лакот шуда буд, бо ҷандала роҳ мепаймуд.

8. Гаҳвораашон аз осмон омада бошад ҳам, онҳо мувофиқи гуноҳи худ ҷазо гиранд.

9. Ҷанг тамом шуда бошад ҳам, мардум боз чанд соли дигар аз хӯрданиву пӯшиданӣ танқисӣ мекашиданд.

10. Бо вуҷуди он ки ҳаво гарм аст, Темур дар тан ҷома дорад... (*С. Турсун*).

## ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ НАТИҶА

**Ҷумлаи пайрави натиҷа** дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ хулоса ва ё натиҷаи умумии фикрест, ки дар сарҷумла ифода ёфтааст. Ин навъи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла бо ёрии пайвандаки муштараквазифаи **«ки»** тобеъ мешавад.

***Мисол:*** *Об чунон ба чуқурии замин ҷаҳида даромадааст, ки дар натиҷа соҳили ҷаридор ба вуҷуд омадааст. (С. Айнӣ).*

Як хусусияти ҷумлаи пайрави натиҷа ин аст, ки аксар ин ҷумлаи пайравро ба ҷумлаҳои пайрави сабаб ва мақсад баргардондан мумкин аст.

| Муқоиса шавад | | |
|---|---|---|
| *Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави натиҷа* | *Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб* | *Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад* |
| Якуним моҳ ин тараф инҳо хату забони русиро ёд дода истодаанд, ки ҳам дастам ва ҳам забонам ба навиштану гуфтан рост шудаанд. (*Р. Ҷалил*) | Азбаски якуним моҳ ин тараф инҳо хату забони русиро ёд дода истодаанд, ҳам дастам ва ҳам забонам ба навиштану гуфтан рост шудаанд. | Якуним моҳ ин тараф инҳо хату забони русиро ёд дода истодаанд, то ки ҳам дастам ва ҳам забонам ба навиштану гуфтан рост шавад. |

***132. Чанд ҷумлаи пайрави натиҷаро ба ҷумлаи пайрави сабаб ва баръакс сабабро ба натиҷа баргардонда, муносибати сабабу натиҷаро муайян кунед.***

| Намуна | |
|---|---|
| *Натиҷа* | *Сабаб* |
| Вай ба китоб сахт дода шуда буд, ҳеҷ овозеро намешунид. | Ҳеҷ овозеро намешунид, чунки вай ба китоб сахт дода шуда буд. (*Ҷ.Икромӣ*) |

***133. Ҷумлаҳои зеринро бо усули боло таҳлили наҳвӣ кунед:***

1. Хонаи модаркалонам ҳам нимвайрона шуда, ҳезумхона шуда буд, ки аз дидани он андуҳи ман меафзуд. (*С. Улугзода*). 2. Ин вақт аз қафои ҳавлиамон мошини боркаш гузашт, ки садои вай торикиро ларзонду хоби маро гурезонд. (*Р. Ҷалил*). 3. Замона захми ҷонкоҳе ба

ҷигарҳои ӯ зад, ки дигар тобу тавон дар пайкараш… намонд. (*С. Айнӣ*).

***134. Ҳикояи зеринро хонед, мазмунашро нақл кунед ва навъи ҷумлаҳои пайравро муайян кунед:***

Овардаанд, ки Нӯшервони одилро дар шикоргоҳе сайде кабоб карданд ва намак набуд.

Ғуломе ба русто[1] рафт, то ки намак орад.

Нӯшервон гуфт:

– Намак ба қимат бистон, то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад.

Гуфтанд:

– Аз ин қадар чӣ халал ояд?

Гуфт:

– Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст, ҳар ки омад, бар ӯ мазиде[2] кард, то бад ин ғоят[3] расид.

Қитъа

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза[4] ки султон[5] ситам[6] раво дорад,
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих[7].

*Саъдии Шерозӣ*

***135. Дар матни зерин навъи ҷумлаҳои пайрави ҳолро муайян карда, воситаҳои алоқаи онҳоро нишон бидиҳед:***

Одина пас аз ҳайронӣ ва ошуфтаҳолӣ ҳуши худро қадре ба сари худ овард, аз тамом барҳам хӯрдани гӯсфанд ёфт шудани ӯро, агарчи маиб ҳам бошад, беҳтар шумурда, аз почааш гирифта кашолакунон аз роҳе, ки фуромада

---

1. **Русто** – деҳа, қишлоқ
2. **Мазид** – илова
3. **Ғоят** – андоза, ҳад
4. **Байза** – тухм
5. **Султон** – подшоҳ
6. **Ситам** – зулм, ҷабр, ҷафо, беадолатӣ
7. **Сих** – сихи кабоб

буд, боло баромад. Лекин ҳанӯз хотираш аз тарафи Арбоб Камоли нобакор ҷамъ набуд, ин воқеаро бо як ҳақиқат ва дашноми муқаррарӣ нахоҳад гузаронид, – гуфта андеша мекард.

Одина бо ҳамин гуна фикрҳо ва андешаҳо аз даҳшат ба даҳшат меафтод. Як вақт ҳушёр шуд, ки рӯз бегоҳ шудааст. Ҳезумҳоеро, ки аввали пагоҳ чида монда буд, ду баст карда ба хар бор карда, ба ҷойи сарборӣ ба сари ҳезум гӯсфанди маибшударо гузошта бо чилбуре маҳкам баст. Харро пеш андохта, рамаро аз дунболи он ронда, роҳи хонаро пеш гирифт. Ҳар қадар ки ба хона наздиктар мешуд, тапиши дил ва ларзиши дасту پояш зиёдтар мегашт. (*С. Айнӣ*).

***136. Шеъри зеринро хонед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ҷудо намуда, навъи ҷумлаи пайрави онҳоро шарҳ диҳед:***

Шараф чизи таҷовузнопазир аст,
Ҳар он кас, ки шараф дорад, кабир аст.
Муқаддас дошт ҳар кас ки шарафро,
Набинад ҷабру зулми нохалафро.
Барои бахти хандони чунин рӯз
Намудам ҷанг бо хасми ҷаҳонсӯз.
Ба дасти хеш теғи партизонӣ
Дурахшон чун чароғи зиндагонӣ.
Диёре, ки ба рӯйи туст хандон,
Туро боғе, ки мебошад гулафшон,
Замине, ки дар он по мегузорӣ,
Ба он ту меҳри беандоза дорӣ,
Пур аз хунҳои сурханду сиёҳанд,
Ба ҷанги беамони мо гувоҳанд…

*Мирзо Турсунзода*

**Додоҷон Тоҷиев**
**(1915 – 1987)**



Забоншиноси соҳибистеъдод ва маъруфи тоҷик Додоҷон Тоҷиев яке аз бунёдгузорони илми забоншиносии садаи XX дар Тоҷикистон аст.

Профессор Д. Тоҷиев дар ҳамаи бобу бахшҳои илми забоншиносӣ таълифоти бунёдӣ анҷом додааст, аммо бештарин ва муҳимтарин тадқиқоти ӯ ба илми наҳв тааллуқ доранд. Аксар асару мақолаҳои ин олими закию хуштабъ ба наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бахшида шудаанд: "Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба" (1966), "Воситаҳои алоқаҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик" (1971), "Ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик" (1981).

Ӯ муаллифи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии мамлакат, яке аз муаллифон ва муҳаррирони Грамматикаи илмии забони адабии ҳозираи тоҷик аст.

## 35. МУРОДИФОТИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ БО ИБОРАҲО

Забон на танҳо аз ҳисоби муродифоти лексикӣ (луғавӣ) такмил меёбад, инчунин дар натиҷаи ҳаммаъноии воҳидҳои гуногуни наҳвӣ низ бой мегардад.

Дар забони тоҷикӣ баъзе ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳати вазифаю мазмун ба ибораҳои озоди наҳвӣ наздик мебошанд. Ин хусусияти онҳо имконият медиҳад, ки онҳоро бе душворӣ ба ибораҳои муродифиашон баргардонем.

**Муқоиса кунед:**

| *Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрав:* | *Ҷумлаи сода бо ибораи масдарӣ:* |
|---|---|
| Падарам, дар ҳолате ки аз дидори дӯсташ шод буд, ба модарам гуфт. *(С. Айнӣ)*. | Падарам дар ҳолати аз дидори дӯсташ шод будан ба модарам гуфт. |

Ҳамвазифагии чунин воҳидҳои наҳвӣ барои ранго-рангии тарзи баён, ифодаи тобишҳои гуногуни маъноию услубӣ аҳамияти калон дорад. Нависанда ва ё гӯянда ҳангоми баёни фикр вобаста ба мақсаду мароми тасвир аз ин воҳидҳои муродифӣ ба таври мувозӣ истифода меба-рад. Масалан, устод Айнӣ дар повести «Одина» айнан як мақсадро бо ду тарзи ифода дар як ҷо бо ҷумлаи муракка-би тобеъ бо пайрави муайянкунанда, дар ҷойи дигар тавас-сути ҷумлаи сода бо ибораи сифати феълӣ баён кардааст.

**Муқоиса кунед:**

| *Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда:* | *Ҷумлаи сода бо ибораи сифати феълӣ:* |
|---|---|
| Ҳезумҳоеро, ки аввали пагоҳ чида монда буд, ду баст карда, ба хар бор кард. (*С. Айнӣ*). | Бегоҳӣ ҳезумҳои он рӯз аз дара ва кӯҳ шикаста ғундош-таашро ба хар бор кард. (*С. Айнӣ*). |

Ҳангоми ба ибораҳо баргардонидани ҷумлаҳои пайрав тағйироти зерин рух медиҳад:

а) ҷумлаи мураккаби тобеъ ба ҷумлаи содаи тафсилӣ табдил меёбад;

б) пайвандаки тобеъкунанда, ки ҳамчун воситаи алоқа хизмат мекунад, фурӯгузор мешавад;

в) ба ҷойи пайвандаки тобеъкунанда бандаки изофӣ чун воситаи алоқаи ибора истифода мешавад;

г) шакли тасрифии феъл (хабари ҷумлаи пайрав) ба шакли ғайритасрифӣ иваз мешавад;

ғ) ҳангоми баргардонидани ҷумлаи пайрави муайянкунанда аломати номуайянӣ **-е** низ фуругузор мешавад;

е) аломатҳои китобате, ки ҷумлаи пайравро аз сарҷумла ҷудо мекунанд, гирифта мешаванд. ***Мисол:*** *Суруде, ки бо дили соф сароида шудааст, дур парвоз мекунад. (М. Турсунзода). Суруди бо дили соф сароидашуда дур парвоз мекунад.*

***137. Ҷумлаҳои пайрави ин ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ба ибора баргардонда, умумияту тафовути онҳоро бигӯед ва ҳангоми табдили онҳо чӣ тағйирот рӯй медиҳад, нишон бидиҳед:***

Маълум, ки боғ бенигоҳубин мондааст. *(С. Турсун).* Ният дорад, ки ягон духтари хушрӯйи бофаросат, хоксору ҳунармандро хостгорӣ кунад. *(А. Самадов).* Акнун вай барои ҳар ноҳақие, ки дар Нилу рӯй медиҳад, ҷавобгар аст. *(С. Турсун).* Ягона саховати вай ин буд, ки ба дардичашмшудагон бепул дору медод. *(С. Айнӣ).* Ин овоз ба сари Ҳасан, ки ях баста монда буд, монанди раъди ҳаво буд. *(С. Айнӣ).* Дӯстони Фирдавсӣ ба вай маслиҳат медоданд, ки «Шоҳнома»-ро ба султони нави Ғазнӣ... тақдим кунад. *(С. Улугзода).* Дар вақте ки мо аз ағба фуромадем, рӯз торик шуда мемонд. *(С. Улугзода).* Хадича барои он аз хона баромада натавонист, ки дар берун беист борон меборид. *(С. Айнӣ).* Обе, ки ба шиками ту наздик гашт, аз пушти ман хоҳад гузашт *(Абдурраҳмони Ҷомӣ).*

***138. Ин ҷумлаҳои содаро ба ҷумлаи мураккаби тобеъ баргардонда, сарҷумла ва навъҳои ҷумлаи пайравро шарҳ диҳед:***

Гулбону бо ҳамин андешаҳои сарпеч вориди ҳавлӣ гашт. *(С. Айнӣ).* Насими серуни рӯд ба асабҳои хастаицудаи ӯ оромӣ мебахшиданд. *(С. Улугзода).* Усмон Азиз ҷуссаашро ба хӯрҷини тароқии сернақшу нигор такя дода, хаёлолуд менишаст. *(С. Турсун).* Баъди ба обчинаи болои миз бо қалам зангула задани роҳбар – олим ҳама хомӯш гаштанд. *(А. Самадов).* Ба қаҳрамони дар ҷанг ҳалокшуда дар зодгоҳаш ҳайкали ёдгорӣ гузоштанд.

*(А. Шукӯҳӣ)*. Холаи ҷомадӯхта истодагӣ аз паси айнак ба писарчааш нигарист. *(П. Толис)*. Шамоли сахт вазида пулакҳои сафедори акнун барг баровarда истодаро мерезонд. *(Р. Ҷалил)*.

## 36. ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪИ СЕРТАРКИБ

Дар забони адабии тоҷикӣ ҷумлаҳои мураккаби тобее истифода мешаванд, ки дорои якчанд ҷумлаи пайрав мебошанд. Чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъро **ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб** меноманд. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб вобаста ба тарзи алоқаи ҷумлаҳои пайрави таркибиашон гуногун мешаванд:

1. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибе, ки дар онҳо ду ва ё зиёда ҷумлаи пайрав ба як сарҷумла тобеъ ҳастанд. ***Мисол:*** *Ман аз вай ниқор гирифта натавонистам, чунки ман як бачаи хурдсол, ӯ як ҷавони пурқуввати калонсол буд. (С. Айнӣ).*

*Дар ин мисол ду ҷумлаи пайрави сабаб ба як сарҷумла тобеъ шуда омадаанд. Чунин хели ҷумлаҳои пайравро, ки ба як сарҷумла тобеъ шуда, ба як савол ҷавоб мешаванд, ҷумлаҳои пайрави чида меноманд.*

***Дар шакли нақша тасвири ин ҷумла чунин аст:***




2. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҳамчунин бар эзоҳи сарҷумла ҷумлаҳои пайрави гуногун меоянд. Чунин ҷумлаҳои пайравро ҷумлаҳои пайрави ғайричида меноманд.

***Мисол:*** *Ман агар замини онҳоро намехаридам, аз ду сар вайро алаф зер мекард, чунки қуввати худи онҳо ба коридани заминашон намерасид. (С. Улуғзода).*

Дар мисоли боло сарҷумларо ду хели ҷумлаи пайрав – ҷумлаи пайрави шарт ва сабаб эзоҳ додаанд.

***Дар шакли нақша тасвири ин ҷумла чунин аст:***




***139. Матнро хонед, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб-ро ҷудо карда, хели онҳоро муайян кунед ва дар шакли нақша тасвир намоед:***

Дар вақтҳое ки ман ба синни мактабӣ расидам, дасти падарам намерасид, ки маро шахсан хононад. Бинобар ин, маро дар мактаби пеши масҷиди қишлоқи худамон – қишлоқи Соктаре, гузошт. Чун ман дар ин мактаб чизеро наомӯхтам, маро аз он ҷо гирифта, ба пеши зани имоми қишлоқ, ки мактаби духтарона дошт ва нисбат ба мактабдори мард беҳтар буд, гузошт ва дар ин миён абҷад ва ҳисоби абҷадро ба ман ёд дода, ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд (Ман давраи ҳаёти мактабии худамро дар «Мактаби куҳна» ном очерки худам ботафсил навиштам).

Ман дар пеши бибихалифа (дар мактаби занона) Ҳофиз, чанд ҷузъ аз Бедил ва чанд ҷузъ аз ғазалиёти Соиб (Дар мактабҳои он замон Соибхонӣ расм нашуда бошад ҳам, падарам, ки Соибро дӯст медошт ва чанд ғазали ӯро аз куҷо навишта гирифта будааст, бо ман ба бибихалифа фиристод, ки ҳамон ғазалҳоро ҳам ба ман хононад) хонда, дар даҳсолагӣ мактабро тамом карда баромадам. Лекин ҳанӯз савод надоштам, чизҳои дар мактаб хондагиамро хонда тавонам ҳам, чизҳои дигар ва аз он пеш хондаамро хонда наметавонистам.

Аммо шеърҳоро дӯст медоштам, ҳарчанд маъноҳои онҳоро дуруст нафаҳмам ҳам, оҳанги онҳо ба ман гуворо менамуд ва ба ёд карда хонда гаштани баъзе шеърҳо кӯшиш

мекардам. Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Соиб, Навоӣ ва Фузулӣ барин шоирҳои гузаштаро «валӣ» медонистам ва шеъргӯйии онҳоро аз ҷумлаи кароматн онҳо мешумурдам. *(С. Айнӣ).*

3. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибе, ки дар ҳайати онҳо ду ё якчанд ҷумлаи пайрав омада, ҷумлаи пайрави якум ба сарҷумла тобеъ шуда, ҷумлаи пайрави дуюм ба ҷумлаи пайрави якум тобеъ мешавад. Онҳо пай-ёпай, дараҷа ба дараҷа чун занҷир бо якдигар тобеъ шуда меоянд. Чунин ҷумлаҳои пайравро ҷумлаҳои пайрави дараҷа ва ё пайдарпай меноманд.

***Мисол:*** *Ғаму андӯҳи фарзандон, ки агар онҳо ҳоло дар қайди ҳаёт мебуданд, ҳар яке соҳиби хонаву дар ва зану бача мешуданд, мӯйҳои холаро сафед кардаанд. (Ҳ. Карим).*

Дар мисоли боло ба сарҷумла ҷумлаи пайрави муайянкунанда –***"ки ҳар яке соҳиби хонаву дар ва зану бача мешуданд"***, *тобеъ шуда, нақши сарҷумларо адо кардааст, ки дараҷаи якум аст ва худ ҷумлаи пайрави шартро тобеъ намудааст, ки он дараҷаи дуюм мебошад.*

*Агар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби болоро ба тариқи нақша нишон диҳем, чунин аст:*




Дар забони тоҷикӣ миқдори ҷумлаҳои пайраве, ки ба тариқи дараҷа воқеъ мегарданд, аз ду-се адад ҳам зиёд мешаванд: ***Мисол:*** *Боварӣ доштам, ки вай чашми интизорӣ ба роҳи ман дӯхтааст, зеро ман хат карда фиристода будам, ки дар аввали тобистон меравам. (С. Улуғзода).*

***Нақшаи ин ҷумла чунин аст:***




***140. Мисолҳои зеринро ба дафтаратон бинависед, аломатҳои китобаташонро гузошта, хели ҷумлаҳои пайравашонро муайян кунед:***

1. Ясавул бе он ки пойи худро аз рикоб барорад бо пошнаи мӯзааш ба сари синаи Гулнори дилафгор чунон зад ки мурдавор парида, якчанд қадам поинтар ба чуқурие афтод ва чир зада хомӯш монд. *(С. Айнӣ)*. 2. Умре ки баъд аз вафоти шавҳараш дар дари мардум мегузаронд таоми бадастае ки аз деги ҳамсоягон ба ивази меҳнат ва машаққатҳои беандозааш мехӯрд захми забони занони ҳамсоя ки ӯ канизи бебаҳои онҳо шуда буд сафедор барин қади рости холаро камон барин қат карданд. *(Ҳ. Карим)*. 3. Аз аҳолии бозори Бухоро як шахсе ки дар тани худ либоси нимрасмӣ дошт ва миёнаш аз рӯй бо фӯтаи сафед бастагӣ буд аз дари сарой баромада омад. *(С. Айнӣ)*.

***141. Яктоӣ ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо пайрави чида ва ҳархела бигӯед.***

***142. Аз ин порчаи манзум хели ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро муайян ва дар шакли нақша тасвир кунед:***

То насозад пойи нопокон лагад хоки туро,
То нагирад дасти малъун домани поки туро,
То напарронад хазон ранги тарабноки туро,
Нафканад то золим аз тан дасти чолоки туро,
Аз барои дафъи душман теғёзон меравам,
Ман ба майдон аз барои ҳифзи ҷонон меравам.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

***143. Аз ин матн ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро ҷудо карда, бигӯед, ки ҷумлаҳои пайравашон чида, ҳархела ё дараҷаанд?***

Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон кӯҳистон ба вазидани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез монанди дарёи пуроб мавҷ мезад, мавҷҳои сабзагиро танҳо харсангҳое, ки ҷо- ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, халал мерасониданд. Лекин ин гуна сангҳо, бо вуҷуди нотарошидагӣ, азбаски ба сабаби боронҳои баҳорӣ покиза ва мусаффо шуда буданд, ҳусн ва зебоии сабзазорро меафзуданд. Агарчи барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷойи барфи сафед гиёҳҳои кабуд рӯйида буданд, вале қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар накарда буданд, ки ин ҳол низ ба чашми бинанда олами дигареро ҷилвагар мекард. *(С. Айнӣ).*

***144. Матнро хонда, мазмуни онро бо ду-се ҷумла баён кунед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро ҷудо намуда, чида, ҳархела ё дараҷа будани ҷумлаҳои пайравашонро муайян кунед.***

Одина дар заводи пахта кор мекунад. Одина маҷбур буд, ки ҳар рӯз қанор ва ҷувол бардошта ба зинапояе, ки дар тарафи завод дидед, боло барорад, ё ки дар ҳар шабонарӯз дувоздаҳ соат ба даруни пахтахонае, ки шумо 5 дақиқа тоб оварда натавонистед, истода, ҷувол холӣ кунад. Ба чунин хизматҳо на танҳо Одина кор мекард, балки як сад нафар мардикорони тоҷик, ӯзбек ва барбарӣ дар таҳти дасти як нафар пудратчӣ кор мекарданд. Вақте ки мардикор ба чанги пудратчӣ гирифтор омад, дигар аз қувват ва тоқати ӯ намепурсад, хоҳ-нохоҳ бояд мисли гови корӣ кор кунад…

Одина ҳам аз бими бекорӣ ба ин ҳама корҳои тоқатгудоз бардошт карда, хизмат мекард. Аз ғайри ин ки нафасе дам гирад, қанор мебардошт ё холӣ мекард.

Ягона орзуи Одина ин буд, ки ҳар қадар душвор аст, тобоварӣ намояд, то аз музди кор чизе пасандоз карда, ба ватани худ бозгардад ва маҳбубаи меҳрубони худро ба никоҳи худ дароварад… *(С. Айнӣ).*

***145. Матнро хонед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибу омехтаро ба ду сутуни дафтаратон навишта, тарзи алоқаи онҳоро шарҳ диҳед:***

Айёми тобистон, офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм намуда буд, лекин ҳарчанд нимрӯзии тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор миёна ва форам буд; кабкҳои дарӣ гоҳо бар теға ва гоҳо дар камар сайругашт менамуданд; мурғони хушилҳом бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста нағмасарой ва ғазалхонӣ мекарданд; ҷӯйчаҳои оби соф, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб аз санге ба санге ҷастухез карда мефуромаданд, аз шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағматироз ҳамовозӣ мекарданд; гӯсфандон дар хоби ноз; бузғолагон дар такутоз; чӯпонбачагон дар давидан; оҳубаррагон дар рамидан; хулоса, ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

Чӯпонон ва подабонон гала ва рамаҳои худро, ки аз аввали пагоҳ то нимаи рӯз чаронда сер карда буданд, дар камарҳои соярав оварда ба истироҳат гузоштанд ва худҳошон ду-ду, чор-чор ба ҳар гуна бозиҳо: найнавозиҳо, ғазалхониҳо ва бадеҳагӯйиҳо машғул шуданд. *(С. Айнӣ)*.

## 37. ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ОМЕХТА

Ҷумлаи мураккабе, ки дар ҳайати он якчанд ҷумлаи сода бо ду тарзи алоқа: ҳам пайваст ва ҳам тобеъ муносибати наҳвию маъноӣ пайдо мекунанд, **ҷумлаи мураккаби омехта** ном дорад.

***Мисол:*** *Вақте ки муллоён бо Эшон гарми чақ-чақ буданд, касе ба поёни суфа омада, дар сояи чароғ истода, Яъқуббойро имо кард ва худ рафта дар роҳрави дарвоза истод. (С. Айнӣ).*

Дар мисоли боло ду ҷумлаи содаи мустақил, ки хусусияти сарҷумларо доранд, бо як ҷумлаи пайрави замон дар як таркиб муттаҳид шудаанд.

Байни ду ҷумлаи содаи мустақил алоқаи пайваст буда, байни ҷумлаи пайраву сарҷумла алоқаи тобеъ аст.

Ҷумлаҳои мураккаби омехта аз ҷиҳати таркиб хеле бой мебошанд. Дар таркиби онҳо 5-6 ва ҳатто аз ин ҳам зиёд ҷумлаҳои сода омада метавонанд.

***Мисол:*** *Дарёи шӯхи беқарор ва инодкор бехудона кафк бароварда, гелону ҷӯлон ба фарохиҳои водӣ ҷаҳд мекунад; аз нафаси вай насими сарде мевазад; оби кабуди вай шишавор шаффоф аст: дар шохчаҳои хурдтарини дарё ва «киса»-ҳои вай, ки об дар он ҷоҳо аз давутози девонавори худ бозмемонад ва кафк намебарорад, сангу қайроқчаҳои дар таги он бударо шумурдан мумкин аст. (С. Улугзода).*

***Нақшаи ин ҷумлаи омехта чунин аст:***




Дар ин мисол чаҳор ҷумлаи сода байни ҳам алоқаи пайваст дошта, ҷумлаи содаи чорум ба худ ҷумлаи пайрави эзоҳдиҳанда гирифтааст.

Имкон дорад, ки якчанд ҷумлаи содаи мустақили таркиби ҷумлаи мураккаби омехта ҷумлаи пайрав гиранд.

***Мисол.*** *Падар то вақте ки чашмаш кор мекард, ба болои чархи осиё кор кард, аммо он рӯз аз ҳаррӯза барвақттар рӯз торик шуд, бод шиддат карда, аз ҳавои гарду ғуборолуд регборон сар шуд, рег монанди борон борида, дар андак фурсат рӯйи заминро регфарш кард, ҳарчанд дарҳои хонаро пӯшонда, чарогро гиронда будам, аз тарқишҳои дар рег ба хона ҳам медаромад. (С. Айнӣ).*

***Нақшаи ин ҷумлаи омехта чунин аст:***



***146. Ду-се ҷумлаи мураккаби омехта тартиб дода, ҷумлаҳои содаи таркиби онҳоро ҷудо кунед, тарз ва воситаҳои алоқаашонро бифаҳмонед.***

***147. Қолаби ҷумлаҳои мураккаби зеринро муайян намуда, онҳоро дар шакли нақша тасвир кунед:***

1. Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

2. Эҳтимол, мутрибони дигар ба хонаҳояшон рафта буданд ва яктои боқимонда, ки аввали шаб ба ӯ фақат як-ду маротиба навбат расида буд, худро соҳиби майдон дида, то ҷон дошт, ҳунарнамоӣ мекард. *(Ф. Муҳаммадиев).*

3. Фирдавсӣ шод буд, аммо бинандаи зирак метавонист пай барад, ки шодии ӯ андешаолуд ва андӯҳомез аст. *(С. Улуғзода).*

***148. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби омехтаро ҷудо ва дар шакли нақша тасвир кунед:***

Ҷавон аз роҳи тангу торик ба майдони фароху равшани дара баромад, ҳар ҷо-ҳар ҷо дарахтони арча соя меафканданд, ҷӯйчаҳои оби мусаффо аз пайи дарахтони қатори зебо равон буданд, сабзаҳои расида ва себаргаҳои дамида гӯё қолини сабзе буданд, ки ба канори ин ҷӯйбор ва зери дарахтони қатор густурда шуда буданд… Ҷавон аз шодии дидани ин гулистон гул-гул мешукуфт ва ба дили худ:

– Ин аст боғи ман! – гуфт.

Ҷавон мехост пеш равад, лекин бисёр монда ва кӯфта шуда буд, бинобар ин, ба канори санглохе нишаст, сару рӯйи худро шуст ва ба об нигоҳ карда истод.

Об чун оина мусаффо буд, пас аз ором ёфтани лаппише, ки ҳангоми дастурӯйшӯйӣ пайдо шуда буд, ҷавон акси рӯйи худро дар ин оби ойина мисол дид:

Пеш аз ин ҳам ҷавон акси худро дар хонаи хӯҷаини худ дар оинае, ки зани он дар вақти мӯйбофӣ ба девор рост мемонд, дида буд, лекин дар он вақт рӯйи худро пажмурда, чашмони худро афсурда ва ҳолати худро парешон ва пароканда ёфта буд.

Акнун рӯяш чун себи рахш медурахшид, чашмонаш чун ситораи саҳарӣ нур мепошид, аз лабонаш аломати шодмонӣ ва хурсандӣ бо як табассуми бесабаб намоён буд... *(С. Айнӣ).*

***149. Аз матн ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва омехтаро ҷудо карда, фарқи онҳоро бигӯед:***

Борон дар боридан, роҳ лой, ҳаво сард, рӯз гашт карда ба бегоҳӣ наздик расидааст, як бачаи ҳаштсола роҳ меравад, аммо ба чӣ тарз? Ҳар қадами партофтаи худро се-чор бори дигар бардошта ба ҷойи аввалааш мениҳад ва ҳар замон баргашта ба дунболи худ нигоҳ мекунад. Маълум буд, ки ин бача хеле хунук хӯрдааст ва мехоҳад, ки барои гарм кардани бадани худ тезтар роҳ равад, лекин аз ҳар замон ба паси худ нигоҳ карданаш маълум мешуд, ки ба касе интизорӣ дорад. Аз дунбол як марди тахминан 40-сола меомад, ки ба пушти худ як зани тахминан 35-соларо бардошта буд, ба сабаби вазнинии роҳ ва гаронии бор мард сангпуштвор қадам мениҳод. Мард дар ҳар қадам ба атроф нигоҳ мекард, манзиле бошад, ки дар он ҷо паноҳ барад, ё одаме барояд, ки ба ин рӯзи сахти вай ба ӯ ёрмандӣ расонад. *(С. Айнӣ).*

# ҶУМЛАИ МУРАККАБИ БЕПАЙВАНДАК

## 38. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҶУМЛАИ МУРАККАБИ БЕПАЙВАНДАК

**Ҷумлаи мураккаби бепайвандак** хели алоҳидаи ҷумлаи мураккабро ташкил намедиҳад, балки бо ҳамон навъҳои муқаррарии ҷумлаҳои мураккаб, яъне ба гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ дохил мешавад.

Тафовут дар ин аст, ки ҷумлаҳои содаи таркиби чунин ҷумлаҳои мураккаб бе иштироки пайвандакҳои пайвасткунандаю тобеъкунанда алоқаманд мешаванд.

Хосияти муҳимми ҷумлаи мураккаби пайвандакдор ин аст, ки дар онҳо тавассути пайвандакҳо муносибатҳои маъноию наҳвӣ хеле равшан аст. Масалан, ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст ба воситаи пайвандаки «**аммо**» алоқа баста бошанд, *муносибати хилофӣ*, агар ҷумлаи пайрав ба воситаи пайвандаки «**вақте ки**» ба сарҷумла алоқаманд шуда бошанд, ифодаи *муносибати замонӣ* аст.

Фарқи ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак аз ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор ин аст, ки дар онҳо муносибати маъноӣ ва грамматикии байни ҷумлаҳои сода хуб равшану возеҳ нест. Аз ин рӯ, гоҳе дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак ғайр аз маънои асосӣ боз маъноҳои иловагӣ низ мушоҳида мешаванд. ***Мисол:*** *Ароба мебуд, боз хубтар мешуд. (Р. Ҷалил).*

Дар мисоли овардашуда байни ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби бепайвандак муносибати шарт аст, аммо муносибати маънои иловагии замон ҳам дида мешавад: *Вақте ки ароба мебуд, хубтар мешуд*.

***150. Ба ҷумлаҳои мураккаби бепайвандаки зерин худатон пайвандакҳои мувофиқ гузошта, бигӯед, ки пас аз илова кардани пайвандак дар қироати онҳо чӣ тафовуте пайдо мешавад:***

Одаташ ҳамин: дар ҳавои вайрон ҳар вақт рафта пахтаашро хабар мегирад. *(Р. Ҷалил)*. Модарам хона руфтанӣ шавад, омада аз дасташ ҷорӯбро мегирифт. *(С. Улуғзода)*. Хоби Ятим намебурд: ҳаво гарм ва дим буд. *(С. Айнӣ)*. Хоҳиш бошад, ҳама кор буд мешавад. *(С. Улуғзода)*. Ногаҳон гулдурроси раъд маҷбур кард, ба осмон назар кунам. *(А. Шукӯҳӣ)*. Офтоб ба фурӯ рафтан сар кард, кӯҳҳои барфӣ ранги сафеди худро ба сурх мубаддал карданд; кӯҳҳои сиёҳро торикӣ фаро гирифт, аз дара бухор баланд шуд. *(А. Деҳотӣ)*. Ҳаво соф буд, осмон бо ранги нилобии беғубор медурахшид, офтоб паҳн шуда тамоми биёбонро дар нури пурасрори худ ғарқ карда буд. *(С. Айнӣ)*. Бозиашон бароям ношинос буд, чизе нафаҳмидам. *(Ф. Муҳаммадиев)*.

## 39. ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТИ БЕПАЙВАНДАК

**Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак** ба воситаи интонатсияи пайваст ташкил ёфта, ба ҳамон навъи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдори муқаррарӣ мувофиқат мекунад.

Дар ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак муносибатҳои зерин ифода меёбад:

***1. Муносибати ҳамзамонӣ.*** Дар ифодаи ин муносибат ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак ҳодисаю воқеаҳои дар як вақт бавуҷудомадаро мефаҳмонад. ***Мисол:*** *Ҳаво торик мешуд, борон торафт шиддат мекард. (С. Турсун)*

Дар ифодаи чунин муносибат ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак таркибан аз якчанд ҷумлаи сода низ ташкил меёбанд. ***Мисол:*** *Бод бо ғурриши тамом аз чапу рост мевазид, абр бо камоли тундӣ аз ҷануб ба шимол медавид, борони барфомехта ба чашм кушодан намонда меборид, селоби шӯтадор аз рошҳои ҷӯйҳо мешорид, дарахтҳоро аз бех бармеканд. (С. Айнӣ)*.

***2. Муносибати пайиҳамзамонӣ.*** Дар ифодаи ин муносибат ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак ҳодисаю воқеаҳои пайиҳам рӯйдодаро мефаҳмонад. ***Мисол:*** *Баъди борон офтоб баромада, ҳусну тароввати табиат боз дилработар мегашт. (С. Айнӣ).*

***3. Муносибати хилофӣ.*** Дар ифодаи ин муносибат ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак ҳодисаю воқеаҳоеро мефаҳмонад, ки хилофи якдигаранд. ***Мисол:***

*Лайлӣ сари зулф шона мекард,*
*Маҷнун дурри ашк дона мекард. (Низомӣ)*

*Аз осмон борони сел меомад, вай ба ҳавлӣ намедаромад. (Р. Ҷалил).*

***4. Муносибати шумур.*** Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак ҳодисаю воқеаҳои якрангу ҳамзамонро ба тариқи шумур мефаҳмонад: *Мусиқӣ менавохт, хонандагон суруд мегуфтанд, раққосон мерақсиданд, колхозчиён барои тайёр кардани ин ҷашни таърихӣ поҳошонро ба замин нарасонда, ба ҳар тараф медавиданд, оби Мугиён мавҷзанон мегуррид, ман чашму гӯши худро ба мавҷу гурриши об дӯхта будам. (С. Айнӣ).*

***5. Муносибати сабабу натиҷа.*** Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак амалҳоеро мефаҳмонад, ки яке сабаб ва дигаре натиҷаи он амал аст. ***Мисол:*** *Шодӣ хеле тафсида рафт: аз зери мӯйҳои сараш арақ шорида ба тахтапӯшташ медавид. (Ҷ. Икромӣ).*

***6. Муносибати эзоҳӣ.*** Дар ифодаи чунин муносибат ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак яке дигареро шарҳ медиҳад. ***Мисол:*** *Сайидҷон, ҳақиқатан, ҷавони зебо буд; вай миёнақад, гандумгун ва тануманд буд. (Р. Ҷалил).*

***151. Муносибатҳои маъноӣ ва наҳвии ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки зеринро муайян кунед.***

1. Дар ҳавлии берун фақат Истамҷон буд; дар хонаи худаш бо мирзоҳо кор мекард.

2. Фирӯза гӯшт пора мекард, Асо барои печка ҳезум майда мекард.

3. Мӯйсафед ба ин кор муносиб набуд, ҳам худаш азоб мекашид, ҳам корҳо расво шуда буд.

4. Дар чашмонаш хоб набуд, дилаш ба пардаи ноаён ва номафҳуми ҳузн пӯшида буд.

5. Фирӯза ба тарафи кӯча тохт, Анбархола ба ҳавлии дарун, ба назди Ҳамроҳхон равон гашт.

6. Рӯз ба охир мерасид, ба сайргоҳ торафт одам зиёд мешуд. *(Ҷ. Икромӣ).*

***152. Аз мисолҳои зерин ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандакро як-як ҷудо карда муайян намоед, ки ҷумлаҳои содаи ҳайати онҳо кадом амалҳоро ифода кардаанд.***

1. Ҳаво сард буд, осмон бо ранги нилобии беғубор медурахшид, офтоб паҳн шуда тамоми ёбонро дар нури пурсурури худ ғарқ карда буд. *(С. Айнӣ).* 2. Шодӣ ба сари стол нишаст, Рашидов чой кашида монд. *(Ҷ. Икромӣ).* 3. Даста наздик расида омад, касе аз миёни даста омада аз пешвозчиён мақсад ва муродашонро фаҳмида рафт. *(С. Айнӣ).* 4. Овози ғур-ғури мошин шунида шуд, ҳама баргашта нигоҳ карданд. *(Ҷ. Икромӣ).* 5. Хар бачаашро намезанад, гов бачаашро намезанад, одам чаро фарзанди худро занад, ман ӯро ҳунар ёд гирад гуфта, пуписа кардам. *(С. Айнӣ).* 6. Офтоб ба фурӯ рафтан сар кард, кӯҳҳои барфӣ ранги сафеди худро ба сурх мубаддал карданд: кӯҳи сиёҳро торикӣ фаро гирифт, аз дара бухор баланд шуд. *(А. Деҳотӣ).* 7. Чашмонаш аз оташи ғазаб медурахшиданд, лабонаш монанди варақагирифтагон меларзиданд, пустҳои рӯй ва атрофи чашмонаш мепариданд. *(С. Айнӣ).* 8. Дар ҳақиқат, ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор таъсирбахшо буд: чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор, абруи каҷи дунболадори ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд. *(С. Айнӣ).*

## 40. ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕИ БЕПАЙВАНДАК

**Ҷумлаи мураккаби тобеъ бе пайвандакҳои тобеъкунанда** низ ташкил ёфта метавонад.

Алоқаи маъноӣ ва наҳвии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар нутқи шифоҳӣ ба воситаи интонатсияи тобеъ ва дар нутқи хаттӣ ба воситаи аломатҳои китобат ифода карда мешавад. ***Мисол:*** *Дар кушода нашуд, аз берун бастагӣ буд. (С. Айнӣ).*

Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ сарҷумла – **Дар кушода нашуд,** буда, ҷумлаи пайрав – **аз берун бастагӣ буд,** мебошад. Ҷумлаи пайрав сабаб буда, мебоист он ба воситаи пайвандаки тобеъкунандаи ***«зеро ки»*** **ё** ***«чунки»*** ба сарҷумла тобеъ мешуд, аммо сабаб алоқаи маъноию наҳвии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ба воситаи интонатсия ифода шудааст.

Дар забони тоҷикӣ алоқаи ҳамаи навъи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла метавонад бе пайвандак, ба воситаи интонатсия ба вуҷуд биёяд, вале дар нутқи хаттӣ онҳо бо аломатҳои китобат аз ҳам ҷудо карда мешаванд.

***153. Навъи ҷумлаҳои пайрави ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандакро аз мисолҳои зерин муайян карда, пайвандакҳои тобеъкунандаи мувофиқро гузоред.***

1. Поезд дар вақташ наёмад, якуним соат интизорӣ кашидан лозим шуд. *(С. Улугзода).*

2. Барфи тар меборид, мусофирон ҳама дар бинои истгоҳ ҷамъ шуда буданд. *(С. Улугзода).*

3. Сержантро ман дида натавонистам, вай хатро ба дасти ҳамсоязан дода рафтааст. *(С. Улугзода).*

4. Фирӯза сарпӯшро бардошт, ба рӯйи ҳавлӣ бӯйи хуши оши палав паҳн шуд. *(Ҷ. Икромӣ).*

5. Ту Миракро ба хонаашон гусел кун, шаб торик шуда монд. *(Ҷ. Икромӣ).*

***154. Мисолҳои зеринро навишта, ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъро ҷудо карда, пайвандакҳои пайвасткунандаю тобеъкунандаи мувофиқро гузоред:***

1. Зиндагӣ бо ман талх аст, ман аз ҳамин зиндагӣ ҳам шод ҳастам: охир, ҳеҷ набошад, зафарҳои ватанам, несту нобуд шудани душманони вайро дида метавонам-ку! *(С. Улугзода).*

2. Фирӯза дарун-дарунашро мехӯрд, хобу хӯр ба вай ҳаром шудааст.

3. Ҳайдарқул сабзӣ реза мекард, Фирӯза биринҷ тоза менамуд.

4. Ман гуфтам, раис ин корро ба худи вай супорид.

5. Вай дар ин бора ба модараш шикоят карда буд, модараш ӯро тасаллӣ дод.

6. Гоҳо бегоҳӣ дар ҳаво абрҳои сиёҳи боронӣ ҷамъ мешуданд, барқ ҳар замон дунёро равшан мекард, осмон гулдуррос мезад, баъд шатар-шутур чакраҳои калон-калони борон ба болои шаҳр меборид.

7. Ҳамроҳхон берун баромад, Анбархола ба газета чашм дӯхт.

8. Ман ба Боку телефон мекунам, ба ту ёрӣ мерасонанд.

9. Дари бахти ту ҳам кушода мешуд, ман ба муроду мақсадам мерасидам.

10. Ман ҳозир мефармоям, фойтун тайёр мешавад, шуморо ба хона бурда мемонад. *(Ҷ. Икромӣ).*

## 41. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ҶУМЛАИ МУРАККАБИ БЕПАЙВАНДАК

Дар ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак алоқаи маъноӣ ва наҳвии ҷумлаҳои содаи таркиби онҳо дар навишт ба воситаи аломатҳои китобат ишора карда мешаванд.

Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби бепайвандак (хоҳ ҷумлаи мураккаби пайваст бошад, хоҳ тобеъ) бо чунин аломатҳои китобат ҷудо карда мешаванд:

1. Ҳар як ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак ба воситаи аломати вергул ҷудо карда мешавад. ***Мисол:*** *Моҳи феврал буд, аз ҳаво борони барфрезадор меборид, гоҳ аз ҳар тараф бодҳои сахт ва тунд мевазиданд. (С. Айнӣ).*

2. Ҷумлаҳои содаи таркиби чунин навъи ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак миқдоран зиёд бошанд, байни онҳо **ҳам аломати вергул, ҳам нуқтавергул** гузошта мешавад: *Ҳаво соф буд, осмон ба ранги нилобии бегубор медурахшид; офтоб паҳн шуда тамоман ёбонро дар нури пурасрори худ гарқ карда буд. (Ҷ. Икромӣ).*

3. Агар ҷумлаи баъдӣ сабаби амали ҷумлаи аввалро фаҳмонад ё ин ки мазмуни онро шарҳу эзоҳ диҳад ва ё пурра намояд, байни он ҳиссаҳо **аломати баён** (ду нуқта) гузошта мешавад. ***Мисол:*** *Баъд вазъияти ҷисмониаш ҳам дигар шудан гирифт: ӯ рӯз аз рӯз аз гӯшт мефуромад, лоғар мешуд, пӯсти баданаш ба халтаи холӣ монандӣ пайдо мекард. (С. Айнӣ).*

4. Аломати китобати **тире** дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак дар мавридҳое гузошта мешавад, ки байни ҷумлаҳои таркиби он муносибати шартию замонӣ, хилофу натиҷа бошад. ***Мисол:*** *Дарро задам – девор кафид. (Зарбулмасал). Аз гунҷишк тарсӣ – арзан макор. (Зарбулмасал).*

***155. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва сабаби гузошта шудани аломатҳои китобати онҳоро фаҳмонед:***

1. Зайнаб ба конверт нигоҳ кард: дар зери он адреси кадом як госпитали Тошканд нишон дода шуда буд, фиристонандаи мактуб номи худро нанавишта буд.
2. Рандаи вақт ёди Ҷӯрабекро аз сафҳои хотири вай ҳанӯз тарошида тамом накардааст; фақат ёддоштҳои ширину талх дар хилваткадаҳои дилаш пинҳонанд.
3. Дар ин вақт трамвай омад, дугонаҳо ба он нишаста, баъд аз чоряк соат ба хонаи Лиза расиданд. *(С. Улугзода).*
4. Майдони Регистонро шинохтан мумкин набуд – он ба як шаҳри афсонавӣ табдил ёфта буд.
5. Пагоҳ баъд аз пешин поезди почта ҳаст, ман имрӯз ба Когон телефон мекунам, ду билети класси якумро навишта мемонанд, мо ҳам бо хотири ҷамъ баромада меравем. *(Ҷ. Икромӣ).*

***156. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби бепайвандакро ёбед ва дар онҳо пайвандакҳои мувофиқро гузошта, пайваст ё тобеъ будани онҳоро муайян кунед:***

– Чунон ҷанги сахт шуд, ки мондан гир! – гуфт ба пурсиши Мирак язнааш.

– Чор шабу чор рӯз аз хона баромадан ҳам хавфнок буду дар хона нишастан ҳам.

Одамҳои таҳхона доштагӣ ба таҳхона ҷо шуданд, ҳавличаи мо на таҳхона дорад на болохона, бинобар он, мо таваккал карда нишастан гирифтем. Бойҳо, давлатмандҳо ва амалдорҳо дар рӯзи сеюми ҷанг тиллою олотҳояшонро қисман гӯр карда, қисман бо худашон бардошта, аз шаҳр гурехта, ба боғот ва ҷоҳои беруни шаҳриашон рафтанд. Мо ба куҷо мерафтем? Ба тарафи қишлоқи шумо, ба Когон, рафтан ҳеҷ мумкин набуд – ҷанг дар ҳамон сӯ буд. Бинобар он, ҳар чӣ шавад, шудан гирад, гуфта, бепарво нишастан гирифтем… Аз осмон тир меборид, ҳама ҷо аз қӯрғошиммайда пур шуда рафт. Арк месӯхт, растаҳо месӯхтанд… Хайрият, ба тарафи мо тири тӯп наомад, ин тараф хотирҷамътар буд.

– Камбағал будани шуморо медонистааст-дия! – гуфта монд Мирак нимҷиддию нимҳазл. *(Ҷ. Икромӣ).*

***157. Аз мисолҳои зерин аввал ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак, баъд ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандакро навишта, пайвандакҳои мувофиқро гузоред. Бигӯед, ки дар байни ҷумлаҳои содаи таркиби онҳо кадом муносибатҳои маъноӣ ифода ёфтааст:***

1. Ду чақрим дуртар аз мо ҷанг мерафт, милтиқу пулемёт ғазал мехонд.

2. Абдулҳафиз гуфта дод: падарам вафот кардаанд, модарам аз Бойсун ба Бухоро омадаанд, аҳволашон бад будааст, бекасӣ ва нодорамӣ он касро ҳам ба бистари беморӣ партофтааст.

3. Ман шамшер занам, ту шамшер бардор, ман айш кунам, ту дурдахори ман мешавӣ.

4. Занаш бебача, бева мешавад, хонаю ҷояш бесоҳиб мемонад.

5. Деҳқон нархро надонад, бозор арзон мешавад.

6. Дар кӯчаҳо равандагон хеле кам менамуданд, гашти рӯз буд, гармии ҳаво хеле паст фуромада, кӯчаҳо соя шуда буданд.

7. Ризқу рӯзиро Худо мерасонад, бачаҳо калон шуда, ҷою мақоми худашонро ёфтанд.

8. Шаб торик шуда буд, аз ҳаво барф меборид.

9. Аспи сафеди шӯхи вай бозикунон по мекӯфт, чашмонаш аз камоли хурсандӣ барқ мепошиданд.

10. Тору ғижжаку наю танбӯр менолиданд, дойра ҷӯр мешуд, оҳанги шӯх рӯҳи занонро боло бардошта, ба ҳавлию хона фараҳ ва сурури беҳад овард. *(Ҷ. Икромӣ).*

**Таъкид:** Як хусусияти сохтории ҷумлаи мураккаби пайваст ин аст, ки дар аксар вақт агар хабари ҷумлаҳои содаи он аз ҷиҳати ифода як хел бошанд, дар яке ё дар чанде аз ҷумлаҳои сода зикр нашуданаш мумкин аст. ***Мисол:*** *Қорӣ ба роҳ даромад, ман ҳам аз дунболаш. (С. Айнӣ).*

Дар ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандаки боло хабар дар ҷумлаи содаи якум омадааст, аммо дар ҷумлаи содаи дуюм ифода наёфтааст. Қолаби пурраи он чунин аст: *Қорӣ ба роҳ даромад, ман ҳам аз дунболаш ба роҳ даромадам.*

Мавриди дигар ин аст, ки гоҳо феъли ёридиҳанда аз таркиби хабари ҷумлаҳои содаи ҷумлаи мураккаби пайваст фуруугузор шуда, танҳо дар хабари ҷумлаи содаи охир зикр мешавад. ***Чунончи:*** *Дару девор ва тамоми рӯйи ҳавлӣ ба нури моҳтоб ғарқ, дарвозаи кӯча аз дарун занҷир буд. (Ҷ. Икромӣ).*

Дар мисоли боло феъли ёвари «**буд**» ба хабари номии ҷумлаи содаи якум – **«ғарқ буд»** наомада, танҳо ба хабари номии ҷумлаи содаи дуюм – **«занҷир буд»** омадааст, вале ба ҳарду хабар баробар тааллуқ дорад.

Хусусияти дигари ҷумлаи мураккаби пайваст дар ин аст, ки он метавонад бо ҳарду воситаи алоқа оҳанги гӯйиш (интонатсия) ва пайвандакҳои пайвасткунанда, созмон ёбад. ***Чунончи:*** *Обҳои зулол аз қаъри кӯҳҳои ба фалак саркашида ҷӯшида мебароянд, аз болои шӯхҳои ба чашм ноаён шаршара шуда ба пойин мерезанд, ниҳоят ба рӯд мубаддал мешаванду он рӯд аз байни дараҳои васеъ бо таронаҳои шӯху форам ба тарафи водиҳо равона мегардад. (М. Турсунзода).*

Дар чунин тарзи ифода ҳам феъли ёвари **«буд»** гоҳо фуругузор ва танҳо бо хабари ҷумлаи содаи охир меояд. ***Мисол:*** *Қомати ин одам аз миёна пасттар, рангаш сиёҳча, бинияш нукпаст ва паҳн, чашмонаш танги бемижгон, аммо сиёҳ, сараш онқадар калон не, аммо дарозрӯятар, пешонааш дунгва ноҳамвор, рӯяш борик, аммо ду устухони ду ҷоғи болоияш берун баромада дамидагӣ буд. (С. Айнӣ).*

## 42. ВОҲИДИ ТОМИ НАҲВӢ (БАНДИ НАҲВӢ)

Дар забони адабии тоҷик **воҳиди томи наҳвӣ ё банди наҳвӣ** нақши муҳим дошта, тарзу воситаҳои алоқаи дастурии худро дорад. Ҷузъҳои банди наҳвӣ нисбатан мустақилияти сохторию маъноӣ низ доранд. Аз ин ҷост, ки дар нутқи хаттӣ гоҳо ҷузъҳои тобеъ бо пайвандаки тобеъкунанда аз ҷузъҳои асосӣ ҷудо карда мешавад, аммо вобастагии маъно ва такрору ишораи баъзе вожаҳо онҳоро дар як банди яклухти наҳвӣ муттаҳид месозад. ***Мисол:*** *Ман аз ин зиёрат бисёр хурсанд шудам. Чунки дар он маҷлис бисёртар сухан бар болои шеъру адабиёт мерафт, бештарин меҳмонон ё шоир буданд, ё шеършинос. Агар баъзеашон аз адабиёт хабардор набошанд ҳам, хушгап, ширинсухан, зариф ва бамавқеъгӯй буданд, ки дар рафти суҳбат латифаҳои ширин мегуфтанд ва мувофиқи мақом воқеаҳои намакин нақл менамуданд: шоирон ба тарзи муошира бадеҳа мисраъҳои ногаҳонӣ гуфта, мисраъҳои якдигарро танзим мекарданд, шеършиносон аз шеърҳои гузаштагон ба тарзи мисол байтҳои баланд мехонданд ва тақлиди бемуваффақиятонаи он мазмунҳоро исбот карда, ки ин муошираҳо ва шеърхониҳо ба ҳаҷв ё мадҳи якдигар ё масхара кардани касони ғоиб оид мешуд. (С. Айнӣ).*

Чунон ки мебинем, дар ин банди яклухти наҳвӣ сухан дар бораи як нишасте меравад, ки ранги маҳфили адабиро дорад ва дар ҳар ҷузъи ин банди яклухти наҳвӣ вожаҳои шеър, адабиёт, шоир, байт, шеършинос, муошира, сухан такрор мешаванд, ки барои робитаи ҷузъҳо аҳамияти муҳим дорад. Гоҳо як ҳикоя ё нақле ба сурати як банди яклухти наҳвӣ сурат мегирад. Ин тарзи ифода, хусусан, дар насри ахлоқии осори адибони классикӣ роиҷ буд, ки намунаи онро мо дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, “Насиҳат-ул-мулук”-и Муҳаммад Ғазоллӣ,

“Ахлоқи Муҳсинӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Дастур-ул-мулук”-и Самандархоҷаи Тирмизӣ ва аз адибони садаи ХХ дар “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ дида метавонем.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки донишмандону адибони классикӣ оид ба ин қолаби ифода, яъне воҳиди томи наҳвӣ ишора кардаанд. Масалан, Самандархоҷаи Тирмизӣ дар "Дастур-ул-мулук” ҳар як пораи насрии бо порчаи шеърӣ омехтаро бо истилоҳи “Фикра” ном бурдааст. Воқеан, “фиқра” дар луғат ба маънии порае аз наср аст. Порае аз насре, ки ҳиссаҳаи таркиби он ба ҳам аз нигоҳи мазмун иртиботи қавӣ дошта, ҳар кадоме барои саҳеҳии матлаби манзури назар хизмат мекунад. Масалан, дар асари ахлоқии Самандархоҷаи Тирмизӣ “Дастур -ул -мулук” омадааст.

### ФИҚРА

Азизи ман, хирадманд чун бинад, ки душман қасди ӯ дорад, агар саъю ҷадал нанамояд, дар хуни худ саъй карда бошад: чун ба ҷанг муқайяд[1] шавад, аз ду ҳол берун нахоҳад шуд: агар зафар ёбад; номи мардӣ дар сафҳаи рӯзгор гузарад, агар душман ғолиб ояд, боре ба номардӣ машҳур шуда, малъун[2] нагардад.

### ҚИТЪА

Чу хасм қасди ту кард, аз барои дафъи зарар
Ба ҷидду ҷаҳд бикӯш, ба ақл машҳурӣ,
Ки гар мурод ба даст оядат, ба ком расӣ
Ва гар ба ҳам нарасад, он замон ту маъзурӣ[3].

Тамоми калимаю ибора ва ҷумлаҳои содаю мураккабе, ки дар порчаи насрӣ ва қитъаи боло омадаанд, барои ифодаи як матлаб, яне шуҷоат, хизмат кардаанд. Нависанда аҳамият, моҳияту арзиши шуҷоатро ба воситаи ин воҳиди томи наҳвӣ кушодааст. Воҳиди томи наҳвӣ, чунон ки мушоҳида шуд, воҳиди нисбатан мукаммали забон буда, он мазмуни ҷумлаҳои содаю мураккаберо фаро мегирад, ки аз нигоҳи мазмун бо якдигар иртиботи қавӣ дошта, бо ёрии воситаҳои гуногуни луғавию дастурӣ ба ҳам алоқаманд мешаванд. ***Як***

---

**1 Муқайяд** – гирифтор, побанд
**2. Малъун** – лаънат карда шуда
**3 Маъзур** – узурдор

***мисоли дигар аз устод Айнӣ:*** *Дар вақтҳое, ки ман ба синни мактабӣ расидам, дасти падарам намерасид ки маро шахсан хононад. Бинобар ин маро дар мактаби пеши масҷиди қишлоқи худамон – қишлоқи Соктаре, гузошт. Чун ман дар он мактаб чизеро наомӯхтам, маро аз он ҷо гирифта ба пеши зани имоми қишлоқ, ки мактаби духтарона дошт ва нисбат ба мактабдори мард беҳтар буд, гузошт ва дар ин миён абҷад ва ҳисоби абҷадро ба ман ёд дода, ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд. (С. Айнӣ).*

Дар матни боло як фикри томи ба итмомрасидаи дорои хулоса баён шудааст, ки як давраи мушаххаси ҳаёти қаҳрамони асарро нишон додааст ва ҳиссаи "ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд" хулосаи ин воҳиди томи наҳвӣ аст.

**Воҳиди томи наҳвӣ** аз нигоҳи сохтор, банду баст, тарзу воситаҳои алоқа ва мазмуну вазифаи наҳвӣ ба матн наздику монанд мебошад. Матн маҷмуи воҳиди томи наҳвӣ аст. Воҳиди томи наҳвӣ мисли ҷумла дар ташкили матн саҳми муҳим дорад.

Дар воҳиди томи наҳвӣ, одатан, тамоми рафти сухану баён дар атрофи як вожа ё ибораи калидӣ давр мезанад ва моҳияту арзиши мафҳумҳои ифодакунандаи ҳамон вожаю ибора кушода мегардад.

***158. Хусусияти сохторӣ ва маънои воҳидҳои томи наҳвиро аз намунаҳои зерин шарҳ диҳед:***

1. Подшоҳе писареро ба адибе доду гуфт: Ин фарзанди туст, тарбияташ ҳамчунон кун, ки яке аз фарзандони хеш. Адиб хидмат кард ва мутақаббил шуд ва соле чанд бор ба ӯ саъй карду ба ҷое нарасид ва писарони адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ[1] шуданд. Малик донишмандро муохазат[2] карду муотабат[3], ки ваъда хилоф кардӣ ва ваъда ба ҷо наовардӣ! Гуфт: Бар ройи Худованди рӯйи замин пӯшида намонад, ки тарбият яксон асту табоеъ[4] мухталиф. *(Саъдии Шерозӣ)*.

2. Ҳаё хислати шариф ва сирати мақбул аст. Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас

1. **Мунтаҳӣ шудан** – ба ниҳоят расидан, ба поён расидан
2. **Муохазат кардан** – бозхост кардан
3. **Муотабат** – сарзаниш ва итоб
4. **Табоеъ** – табиат, сиришт, ниҳод

шарм набошад, низоми ҷаҳон халал пазирад, аммо сифати ҳаё намегузад, ки ҳар кас ҳар чи хоҳад, бикунад. (*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*).

3. Давлат ғолиб шуд, ё мағлуб ҳеҷ фарқ надошт, ба кадом ҳол ки бошад, хуни ранҷбар мерехт, авлоди меҳнаткаш ятим, зани деҳқон бева мемонд. Аммо сарватдорон ба тақдири ғалаба дар айшунӯши худ зиёдтар исроф карда, кайфу сафо меронданд. Бар тақдири мағлуб шудан ҳам ба истироҳати шахсии худ заррае халал намерасонданд, барои ин ки ниқори худро аз душман бигиранд, дуюмбора ба таҳияи асбоб ва силоҳ шуруъ мекарданд, боз ранҷбарро тазъиқ мекарданд, боз деҳқонро ба аскарӣ мекашиданд. *(С. Айнӣ)*.

## 43. УСУЛИ ТАҲЛИЛИ НАҲВИИ ҶУМЛАИ МУРАККАБ

***Таҳлили наҳвии ҷумлаи мураккаб дар асоси чунин нақшаи умумӣ сурат мегирад:***

1. Ҷумларо ифоданок хонда, ба мазмуни умумии он таваҷҷуҳ кардан, пайвандакдор ё бепайвандак, пайваст ё тобеъ буданашро муайян намудан;

2. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасту тобеъро ҷудо карда тавонистан;

3. Агар ҷумлаи мураккаби пайваст бошад, муносибати маъноӣ ва наҳвии ҷумлаҳои содаи таркиби онро, агар ҷумлаи мураккаби тобеъ бошад, муносибати ҷумлаи пайраву сарҷумларо шарҳ додан;

Дар ҷумлаи мураккаби пайваст, пеш аз ҳама, таркиби онро бояд муайян кард. Таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст имкон дорад, ки аз ду ҷумлаи сода иборат бошад ё аз якчанд ҷумлаи сода ташкил ёфта бошад. Пас аз муайян кардани таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст зарур аст, ки воситаҳои алоқа, саҳми онҳо шарҳ дода шавад.

4. Агар ҷумлаи мураккаби тобеъ бошад, аввалан, муайян намудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав муҳим аст. Сипас, бояд маълум кард, ки ҷумлаи пайрав кадом хели ҷумлаи пайрав аст ва он ба эзоҳи ягон аъзои сарҷумла омадааст ё тамоми сарҷумларо

шарҳ додааст. Пас аз ин воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайравро бо сарҷумла (пайвандакҳо, интонатсия, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ, ҷойи ҷумлаи пайрав) ва аломатҳои китобатро дар он шарҳ дода тавонистан, ҷумлаи пайравро бо ибораи мувофиқ баргардонда, хусусияти муродифӣ доштани ҷумлаи пайраву ибораро таъкид кардан зарур аст.

5. Ҷумлаи таҳлилшаванда агар мураккаби тобеи сертаркиб бошад, аз таркиби он ҳар кадоме аз ҷумлаҳои пайравро ҷудо карда, хели ҷумлаҳои пайрав, воситаҳои алоқаи онҳоро муайян намуда, чида, ҳархела (ғайричида) ва ё дараҷа будани онҳо эзоҳ дода мешавад.

6. Агар ҷумла мураккаби омехта бошад, аввал муносибати грамматикии ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқи таркиби онро муайян карда, сипас муносибати ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқро бо ҷумлаҳои пайрав нишон додан зарур аст.

7. Нақшаи ҳар як ҷумлаи мураккаби таҳлилшударо амалан бо ёрии аломатҳои шартӣ нишон бояд дод.

## НАМУНАИ ТАҲЛИЛ

*1. Анборҳои бой аз ғалла пур буду ғаллакор нони шикамсерӣ намехӯрд. (Р. Ҷалил).*

Ин ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор аст. Дар таркиби он ду ҷумлаи сода омадааст. Ҷумлаи содаи якум **«Анборҳои бой аз ғалла пур буд»,** ҷумлаи содаи дуюм **«Ғаллакор нони шикамсерӣ намехӯрд».**

Асоси грамматикии ҷумлаи якум – **«Анборҳо пур буд»,** ва асоси грамматикии ҷумлаи дуюм – **«Ғаллакор намехӯрд»** мебошад. Ҳарду ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст дутаркибаанд.

Муносибати маъноии ҷумлаҳои содаи таркиби ин ҷумлаи мураккаби пайваст қиёсӣ-хилофӣ аст. Ҷумлаҳои сода бо ёрии пайвандаки пайвасткунандаи пайиҳами **«у»** ба ҳам алоқаманд шудаанд. Пайвандаки **«у»** дар ин ҷумла чун муродифи пайвандакҳои пайвасткунандаи хилофии **«аммо», «вале», «лекин»** хизмат кардааст.

Бо ёрии аломатҳои шартӣ ҷумлаи таҳлилшуда чунин ишора карда мешавад:




*2. Гулбибӣ ғунчае буд, ки дар як лаҳза ҳам баҳорро дид, ҳам хазонро. (С. Айнӣ).*

Мисоли таҳлилшаванда ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор аст. Ин ҷумлаи мураккаби тобеъ аз сарҷумлаи «Гулбибӣ ғунчае буд» ва ҷумлаи пайрави «ки дар як лаҳза ҳам баҳорро дид, ҳам хазонро» иборат мебошад. Ҷумлаи пайрав муайянкунанда буда, бар эзоҳи хабари номии сарҷумла, ки бо исми «ғунча» ифода ёфтааст, омадааст. Ҷумлаи пайрав бо ёрии воситаҳои зерин ба сарҷумла алоқаманд шудааст:

1) пайвандаки **«ки»**; 2) морфемаи **-е;** 3) ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла омадааст ва ин яке аз ҷойҳои муқаррарии ҷумлаи пайрави мазкур аст.

Бо ёрии аломатҳои шартӣ ҷумлаи мазкур чунин ишора мешавад: ________________ + е ~~~~~~~~~~~~~~~~

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда аксар муродифи ибораи сифати феълӣ мебошад. Чунончи, ҷумлаи мураккаби мазкурро бо ҷумлаи сода бармегардонем, ки дар натиҷа ба ҷойи ҷумлаи пайрави муайянкунанда ибораи сифати феълӣ пайдо мешавад. Гулбибӣ ғунчаи дар як лаҳза ҳам баҳору ҳам хазондида буд.

Бо ёрии аломатҳои шартӣ нақшаи ҷумлаи мазкурро нишон бидиҳем, ин тавр мешавад:




*3. Агар шаш моҳ барфу борон борад, зимистон зимистониашро кунад, дар он вақт деҳқон аз замин ҳосил гирифта метавонад. (С. Айнӣ).*

Ин ҷумла мураккаби тобеи сертаркиб аст, ки аз се ҷумлаи сода: як сарҷумла ва ду ҷумлаи пайрави чидаи шартӣ тар-

киб ёфтааст. Ҷумлаҳои пайрав ба як савол ҷавоб шуда, барои адои як вазифаи наҳвӣ омадаанд. Ҳарду ҷумлаи пайрави чида ба сарҷумла бо ёрии пайвандаки «**агар**» тобеъ шудаанд. Хабари ҷумлаҳои пайрави чида чун қоида ба шакли аорист (замони ҳозира – ояндаи сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ) ифода шудаанд. Ҷумлаҳои пайрав пеш аз сарҷумла ҷой гирифтаанд, ки ин ҷойи муқаррарии ҷумлаи пайрави шарт аст. Ҷумлаҳои пайрав бо мундариҷаи умумии сарҷумла алоқаманд мебошанд. Байни ҷумлаҳои пайрав алоқаи пайваст дида мешавад.

Ин ҷумла дар шакли нақша чунин тасвир карда мешавад:




*4. Ман агар замини онҳоро намехаридам, аз дусар вайро алаф зер карда мерафт, чун ки қуввати худи онҳо ба коридани заминашон намерасид. (С. Улуғзода).*

Ин мисоли овардашуда дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави ҳархела (ғайричида) сохта шудааст, ки аз се ҷумлаи сода таркиб ёфтааст. Ҷумлаи аввал **«ман агар замини онҳоро намехаридам»** ҷумлаи пайрави шарт, ҷумлаи дувум **«аз дусар вайро алаф зер мекард»** сарҷумла буда, ҷумлаи сеюм **«чунки қуввати худи онҳо ба коридани заминашон намерасид»** ҷумлаи пайрави сабаб мебошад. Агар ин ҷумларо дар шакли нақша тасвир кунем, ин тавр мешавад.




*5. Дарвоқеъ, бой аз куҷо медонист, ки Восеъ дар кӯҳистон, дар байни одамони содаи софдиле калон шудааст, ки дуздӣ, қаллобӣ, муттаҳамиро намедонанд. (С. Улуғзода).*

Ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб аст, ки аз се ҷумлаи сода иборат аст. Ҷумлаи якум **«Дарвоқеъ, бой аз**

**кучо медонист»** сарҷумла буда, ҷумлаи дуюм **«ки Восеъ дар кӯҳистон, дар байни одамони содаи софдиле калон шудааст»** ҷумлаи пайрави пуркунанда буда, ба сарҷумла тобеъ шудааст ва пайрави дараҷаи якум мебошад. Ҷумлаи сеюм **«ки дуздӣ, қаллобӣ, муттаҳамиро намедонанд»** ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст ва пайрави дараҷаи дуюм мебошад.

Ҷумлаи пайрав хусусияту аломати исми ҷумлаи пайрави пуркунанда – калимаи «одамон»-ро шарҳ додааст. Ҷумлаи пайрави пуркунанда, аз як тараф, дар нисбати сарҷумла ҷумлаи пайрав бошад, дар муносибат бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда вазифаи сарҷумларо адо кардааст.

**Дар шакли нақша ин ҷумла ин тавр мешавад:**




*6. Ҳарду ҳам нағз ҳис мекарданд, ки хомӯширо барҳам додан зарур аст, аммо ҳеҷ кадоми онҳо ҷуръат намекард, ки аввалин шуда, лаб вокунад. (П. Толис).*

Ин ҷумлаи мураккаби омехта аст, ки аз чаҳор ҷумлаи сода таркиб ёфтааст. Дар байни ҷумлаи содаи якум ва сеюм алоқаи пайваст буда, воситаи алоқа пайвандаки **«аммо»** мебошад. Байни ҷумлаи якуму дуюм ва сеюму чаҳорум алоқаи тобеъ дида мешавад, ки воситаи алоқаи онҳо пайвандаки **«ки»** аст. Яъне, дар ин ҷумлаи мураккаб ду навъи алоқа мушоҳида мешавад, ки ҳарду алоқа асосӣ аст. Ин хели ҷумлаҳои мураккабро **ҷумлаҳои мураккаби омехта** меноманд.

Ҷумлаи мураккаби омехтаи мазкур дар натиҷаи омезиши ду навъи ҷумлаи мураккаб – ҷумлаи мураккаби пайваст ва тобеъ таркиб ёфтааст. Агар онро ба ҳиссаҳо ҷудо кунем, як ҷумлаи мураккаби пайваст ва ду ҷумлаи мураккаби тобеъ пайдо мешавад.

**Дар шакли нақша ин ҷумла чунин аст:**




Ҳангоми таҳлили наҳвии ҷумлаҳои мураккаб мавқеи гузориши аломатҳои китобат, саҳму вазифаи онҳоро низ шарҳ додан зарур аст.

Ин усули таҳлили ҷумлаҳои мураккаб барои аз худ намудани хусусиятҳои маъноию шаклии ҷумлаҳои мураккаб ёрӣ хоҳад расонд.

***159. Ҷумлаҳои зеринро бо усуле, ки нишон дода шуд, таҳлил кунед ва дар шакли нақша тасвир кунед:***

1. Дар хабар омадааст, ки мардуми олиҳимматро ҳама дӯст медоранд. (*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*).

2. Агар шаҳнаи[1] адл бар забти аҳволи раъият эҳтимом нанамояд, дасти фитна ба дастёрии ситам димор[2] аз аҳли рӯзгор барорад. (*Самандархоҷаи Тирмизӣ*).

3. Ин гуна бозӣ ба зудӣ бачагонро монда кард, баъзеҳо ба рӯйи реги нарм дароз кашиданд, баъзе дигарашон аз паси пода ва рамаашон рафтанд. *(С. Айнӣ).*

4. Ин таклиф ба ман маъқул шуд, гиряам сусттар ва дилам кушодатар гардид. *(С. Айнӣ).*

5. Охир адолаташ ба ҷое расид, ки барра аз пистони шер шир мехӯрд ва меш бо шир лаби шерро мешуст, юз[3] бо буз бо назари тез намедид, мурғи даштӣ бо фарқи баҳрӣ ошён мекард ва мурғи обӣ бо боз ҳамроҳ мешуд. (*Самандархоҷаи Тирмизӣ*)

6. Махдуми Гав ҳанӯз нафасашро рост нагирифта буд, ки саркорони ҳар се тараф ба пеши ӯ омада маълум карданд, ки Рустамча ном як ҷавони 20-солаи шӯркулӣ ба гӯштӣ гирифтан ба ӯ талабгор шудааст. *(С. Айнӣ).*

7. Азизи ман, муносиб чунон аст, ки ҳушёрони олами маънӣ мастони ҷоми ғафлатро ба гушмоли насиҳат ҳушёр созанд ва лоиқ чунон аст, ки бедорони арсаи дониш бе-

1. **Шаҳна** – амалдори давраи амирӣ
2. **Димор** – аз касе ё чизе интиқом гирифтан
3. **Юз** – саги шикорӣ: ҳайвони даррандае хурдтар аз паланг

хабарони кӯйи фориғболиро бо сими адаб бедор кунанд *(Самандархоҷаи Тирмизӣ)*.

8. Мулло Хокироҳ саросема шуда монд, вай ҳеҷ гумон надошт, ки Нодирахола ин бегоҳ аз маркази район бармегардад. *(Ҷ. Икромӣ)*.

9. Ман низ суратҳо мекашидам, то одаме созам, аммо барор намегирифт корам. *(Сорбон)*.

10. Модарам ҳамон рӯз маро ба хобидан маҷбур кард, ки шаб бедор нишаста тавонам, то ки саҳар хӯрокро дуруст хӯрам ва рӯзи ояндаро дар хоб гузаронам, ки гузаштани рӯз номаълум шавад. *(С. Айнӣ)*.

***160. Ин ҳикояро хонда, мазмунашро нақл кунед ва ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиброро ҷудо намуда, таҳлил кунед:***

Овардаанд, ки шахсе гурбае дошт ва ҳар рӯз ба вай он миқдор гӯшт, ки оташи гуруснагии ӯро фурӯ нишонда тавонад, муқаррар карда буд. Аммо гурба аз гурусначашмӣ ба ин миқдор қаноат намекард. Рӯзе аз пеши кабӯтархона мегузашт ва аз садои диловези кабӯтарон иштиҳои гурба дар ҳаракат омада, худро ба он кабӯтархона афканд[1]. Посбони кабӯтархона гурбаро дастгир карда кушт ва ба пӯсташ коҳ ҷой карда, ба болои кабӯтархона овехт. Иттифоқо гузари соҳибаш ба он ҷой афтод, гурбаи худро дар он ҳол дида гуфт:

– Эй шӯхчашми ҳарис, агар ба он қадар гӯшт, ки ба ту мерасид, қаноат мекардӣ, пӯсти туро намекашиданд. (*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*).

## 44. НУТҚИ АЙНАН ВА МАЗМУНАН НАҚЛШУДА

Нутқи шахси дигарро бо ду тарз нақл кардан мумкин аст: айнан ва мазмунан.

### НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

Нутқи шахси дигарро, агар гӯянда ё нависанда бо тамоми хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва интонатсиониаш, бе тағйири вожаю ибораҳо аз номи соҳиби нутқ нақл кунад, нутқи айнан нақлшуда меноманд.

Нутқи айнан нақлшуда гоҳо мустақил ва баъзан бо

1. **Афкандан / афгандан** – андохтан, партофтан.

нутқи муаллиф (сухани гӯяндаю нависанда ё ровӣ) дар як таркиби мураккаб алоқаи мустаҳками маъноӣ пайдо карда, онро пурра мекунад ё шарҳу эзоҳ медиҳад.

Дар ҳама ҳолат нутқи айнан нақлшуда аз нутқи муаллиф ҷудо карда мешавад:

*Мулло Бурҳон гуфт: «Ман дар поёни ғазали худ як байтеро, ки гӯяндааш маълум набуда, дар охири мактубҳои ошиқона навиштани он дар байни ишқбозони Бухоро одат шуда буд, навиштам». (С. Айнӣ).*

Яке аз хусусиятҳои нутқи айнан нақлшуда ин аст, ки дар он унсурҳои луғавии забони зинда: вожаҳои гӯйиши мардумӣ, воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои модалӣ, ҳиссачаҳо, нидоҳо ва зарбулмасалу мақолҳо ба таври фаровон истифода мешаванд.

***Мисол:*** *– Хайр, писарам, худат медонӣ. Роҳат кушода шавад, Худои Карим дар паноҳаш нигоҳ дорад, – ҳамин барои ман давлати калон. (С. Турсун).*

## АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

1. Нутқи айнан нақлшуда дар нохунак гирифта мешавад: *Сафар аз рӯйи ҳавлӣ ба тарафи меҳмонхона рӯ оварда гуфт: «Акои Олим, ҷойи ин хоин меҳмонхонаи дигар аст…». (Ф. Ниёзӣ).*

2. Агар нутқи айнан нақлшуда пас аз сухани муаллиф омада бошад, пас аз сухани муаллиф ду нуқта (аломати баён) гузошта шуда, нутқи айнан нақлшуда дар нохунак гирифта мешавад: *Падарам ҳам як рӯз оҳ кашида, ба модарам гуфт: «Лаънат ба ғарибӣ. Аз хирвори тиллои ғарибӣ – хоки ватан беҳтар». (Р. Ҷалил).*

3. Агар нутқи айнан нақлшуда пеш аз сухани нақлкунанда (муаллиф) ояд, пас аз он вергул ва пеш аз нутқи айнан нақлшуда тире гузошта мешавад: *«Аз лой гурехта ба лойдон афтодам», – оҳ кашид Ҳоҷӣ. (Р. Ҷалил).*

4. Агар нутқи айнан нақлшуда саволӣ ё хитобӣ бошад, пас ба ҷойи вергул аломати савол ё хитоб гузошта шуда, дар нохунак гирифта мешавад: *«Дадаш, нигоҳ карда мешинем-мӣ?» – гуфта ба гап даромад. (Ҳ. Карим).*

5. Баъзан сухани нақлкунанда дар байни нутқи айнан нақлшуда меояд, ки он аз ду тараф бо вергулу тире аз нутқи

айнан нақлшуда ҷудо карда мешавад: *«Андак истед, – гуфт Нуралӣ, – ҳозир масъаларо маълум мекунем». (С. Улуғзода).*

6. Ҳолатҳое низ мушоҳида мешавад, ки дар ҷойи буридашудаи нутқи айнан нақлшуда аломати савол ё хитоб гузошта мешавад: *«Ҳеҷ кас надарояд! – гуфт Ҳамроҳхон сахт карда. – Ва ба ҳеҷ кас раво ҳам намебинам!» (Ҷ. Икромӣ).*

7. Дар диалог, ки бештар дар адабиёти бадеӣ вомехӯрад, пеш аз нутқи ҳар як шахс аломати тире гузошта мешавад. Дар ин ҳолат нутқи айнан нақлшуда бе нохунак, аз сархат ва бо ҳарфи калон навишта мешавад:

*– Ёдгор Қобилов ҳаст?*
*– Ҳа, омадам, – аз берун як одам овоз дод.*
*– Аз даромадгоҳ омадам, равам ё истам?*
*– Равед!*
*– Хуб.*
*– Камол?*
*– Аз ҳама пеш ман омада будам.*
*– Боракалло!*
*– Бӯрибой Азимов!*
*– Аз куҷо омадӣ?*
*– Аз ҳавлӣ.*
*– Хайрият ки,– гуфт яке дар роҳ, аз соят натарсидӣ? (С. Айнӣ).*

## НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА

Нақлкунанда (гӯянда ва ё нависанда) нутқи каси дигарро бо тағйиротҳои ҷузъӣ мазмунан низ оварда метавонад. Дар ин ҳолат, одатан, нидою мухотаб, ҳиссачаю воҳидҳои туфайлӣ, истисноӣ партофта мешаванд. Агар ин воҳидҳо ихтисор карда нашаванд, нутқи айнан нақлшударо ба мазмунан нақлшуда баргардондан хеле душвор ва баъзан номумкин аст.

Аксар вақт нутқи айнан нақлшударо бе душворӣ ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонидан мумкин аст. Дар ин ҳолат бояд мазмуне, ки муаллифи нутқи айнан нақлшуда дар назар дорад, нигоҳ дошта шавад.

1. Агар нутқи айнан нақлшуда дар қолаби ҷумлаи сода бошад, ҳангоми баргардондани он ба нутқи мазмунан нақлшуда ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳосил мешавад.

**Муқоиса кунед:**

| *айнан нақлшуда:* | *мазмунан нақлшуда:* |
|---|---|
| – Дониста кор кун, дониста! – гуфт Ҳайдарқул. *(Ҷ. Икромӣ).*<br>«Хона гармтар-ку!» – мегӯед шумо. *(П. Толис).* | Ҳайдарқул гуфт: – дониста кор кунам, дониста!<br><br>Шумо мегӯед, ки хона гармтар-ку. |

2. Агар нутқи айнан нақлшуда дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ бошад, ҳангоми баргардонидани он ба нутқи мазмунан нақлшуда калимаи «гуфта» чун воситаи алоқабандии ҳиссаҳои ҷумла илова карда мешавад.

**Муқоиса кунед:**

| | |
|---|---|
| Муаллим таъкид кард, ки «пагоҳ маҳфили шеърхонӣ мешавад».<br>Рафиқам аз ман пурсид: «Кадом китобҳои бадеиро хондӣ?» | Муаллим пагоҳ маҳфили шеърхонӣ мешавад гуфта таъкид кард.<br>Рафиқам аз ман кадом китобҳои бадеиро хондӣ гуфта пурсид. |

***161. Аз ҷумлаҳои зерин нутқи айнан нақлшуда ва сухани ровиро ҷудо карда, онҳоро шарҳ диҳед. Вазифаи сухани ровиро фаҳмонед:***

1. Мироб гуфт: «Дар колхозамон ҳам азиз ҳастем, агар азиз намешудем, дар айни ҷӯшиши кор ҳамаи вазниниро ба худашон гирифта, моро ба курорт роҳӣ намекарданд». *(Ҷ. Икромӣ)*. 2. «Гулхан забон дорад» – пурсидам ман, аз ҳикояти бобоям дар тааҷҷуб монда.

«Набошад чӣ? – гуфт ӯ бо лабханд. – Дар ин дунёи куҳан, баррача, ҳар як санг, ҳар як дарахт, ҳар як гулу гиёҳ – ҳама, ҳама чиз забон дорад». *(С. Турсун)*. 3. «Ман, – гуфт Темурмалик, – аз он вақт боз, ки ҷанг сар шудааст, ҳеҷ гоҳ зану фарзанди худро аз аҳли хонаводаи дигарон фарқ кунонда, барои онҳо ғамхории ҷудогона накардаам». *(С. Айнӣ)*.

4. «Оҳ, акнун ҳеҷ намебинам!» – фикри баде ба майнааш омада ҳамчун тир мерасид. *(П. Толис)*. 5. «Аз ду тараф чӣ қадар одамон кушта шуданд,– мегуфт дар дил Усмон Азиз, аз ёли зебои сиёҳмушкинаш, ки сабук пой мемонд, чашм наканда». *(С. Турсун)*. 6. «Бачаи бебок, дасткушодӣ ҳам соату маврид дорад. Аввал асбобу анҷоми хона, хӯрду хӯрок, сару либоси аҳли оиларо таъмин бикун. Ошнобозӣ намегурезад. О, нонат, ки аз рӯйи китобу мактаб аст, мисли дигарҳо курсиву чорпоя бихар, хонаро чунон ба тартиб биёр, ки бинанда ҳавас хӯрад», вакти ба деҳа рафтанаш гуфта буд ӯ. *(А. Самадов)*.

***162. Аз намунаҳои зерин нутқи айнан нақлшударо ҷудо карда, ба нутқи мазмунан нақлшуда баргардонед.***

1. Имоми муршид[1] Муҳаммад Ғазолиро пурсиданд: "Чӣ гуна расидӣ бад-ин манзалат дар улум?" Гуфт: "Бад-он ки ҳар чи надонистам, аз пурсидани он нанг надоштам" *(Саъдии Шерозӣ)*.

2. Дар ахбор омада, ки писари амири Балх рӯзе ба тамошо берун омада буд. Гузораш бар девори пасте афтод ва нигоҳ кард, пире дид зунноре[2] бар миён баста ва беле дар даст гирифта дарахте мешинонад. Амирзода гуфт: Эй пир, дарахте, ки аз меваи он нахоҳӣ хӯрд, чаро шинонӣ? Пир гуфт: "Дигарон коштанд, мо хӯрдем, мо низ мекорем, то дигарон бихӯранд. Шояд мо низ бихӯрем" *(Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*.

3. Ман ба вай "кор намеёбам, хона надорам, сарсон ҳастам" гуфта будам, ки "ба завод кӯчида биё, дар ҳамин ҷо кор мекунӣ", – гуфт *(С. Улуғзода)*.

4. "Агар тӯйро дар Соктаре мекардед, ба фаҳми ман, ин қадар харҷ намешуд, чунки ин деҳаи мо деҳаи гушнагон аст, дар ин ҷо сад дег ош пазад ҳам, боз сер намешаванд," – гуфт модарам ҳасраткунон. *(С. Айнӣ)*.

## 45. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ

### *Аҳамияти аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ*

Дар нутқи шифоҳӣ гӯянда барои фаҳмонидани мақсаду матлаби худ имкониятҳои зиёде дорад. Аз ҷумла, тартибу низом ва

1. **Муршид** – пешво, роҳнамо
2 **Зуннор** – риштае, ки ба миён мебанданд.

суръати нутқ, истҳо (пауза), оҳанги овоз, ҳаракатҳои дасту абру, қиёфа ва ғ. дар нутқи шифоҳӣ аҳамияти муҳим доранд.

Дар нутқи хаттӣ ҳамаи ин ба воситаи аломатҳои китобат сурат мегиранд. Аломатҳои китобат ба ҳиссаҳо ҷудо шудани нутқи мо, муносибату тартиби байни онҳоро мефаҳмонанд. Аз ин рӯ, донистани аломатҳои китобат ва риояи онҳо дар нигориш яке аз фазилатҳои шахси босавод маҳсуб меёбад.

Мазмуни матне, ки дар он аломатҳои китобат дурусту бомавқеъ гузошта шудааст, ба хонанда бештар фаҳмо мебошад. Аломатҳои китобат пораҳои ҷудогонаи матнро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа равшану возеҳ мекунанд. Масалан, **аломати нуқта, савол, хитоб** баитмомрасии ҷумлаи ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобиро мефаҳмонанд. Аломати дунуқта нишон медиҳад, ки ҳиссаи пас аз он меомадагӣ матлаби пешро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ аз инҳо иборатанд:

## 1. НУҚТА (.)

1. Аломати нуқта дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ, ки бо оҳанги нарму ором гуфта мешавад, меояд.

***Мисол:*** *Дар пешгоҳаш як чархи бисёр калони пӯлодин дар гардиш аст. (С. Айнӣ).*

2. Гоҳе ҷумлаи алоҳида бо пайвандакҳои хилофии **аммо, лекин, вале** шурӯъ мешавад. Дар ин гуна мавридҳо пеш аз ин пайвандакҳо аломати нуқта гузошта мешавад: Ва эҳтимол вай, Таманно, дар Дизак раиси ҷамоаро сари вақт ёфта, ҳоло ба Нилу баргашт. *(С. Турсун).* Дар зиндагӣ ҳар кас бахт меҷӯяд. Лекин бахт ба касе даст медиҳад, ки саъй кунад. *(Б. Насриддин).* Лекин, гап байни худамон, ман аз он мартаба он қадар хурсанд набудам. *(Р. Ҷалил).*

3. Дар охири ҷумлаҳои амрие, ки бо оҳанги хоҳиш, орзу, илтимос гуфта шудаанд, аломати нуқта гузошта мешавад: Канӣ, марҳамат кунед. *(П. Толис).*

4. Дар охири калимаҳои ихтисоршуда ба ҷойи ҳиссаи ихтисор аломати нуқта мегузоранд: ва ҳ. (ва ҳоказо), ш. (шаҳри), ҷ. (ҷилди), саҳ. (саҳифа).

## АЛОМАТИ САВОЛ (?)

Аломати савол дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

1. Дар охири ҷумлае, ки дорои пурсиш ва савол аст.

*Шумо дар синфи чандум мехонед?*

*Дар шумо аълохонҳо бисёранд?*

2. Дар охири ҷонишинҳои саволӣ:

*Бахтиёр гуфт, ки фардо ба мактаб омада наметавонад.*

*Муаллим аз ӯ пурсид:*

*– Чаро?*

3. Дар охири ҷумлаҳое, ки гӯянда тасдиқи фикри худро ба воситаи савол аз шунаванда фаҳмидан мехоҳад: *Магар, ман меҳнат накардаам? (Ҷ. Икромӣ).*

4. Дар охири ҷумлаҳои саволии риторикӣ (Ҷумлаи саволие, ки ҷавоб талаб намекунад): *Магар, ҳамин ҳам кор аст? Ба куҷо равам, чӣ кунам, дарди дил ба кӣ гӯям? (П. Толис).*

## АЛОМАТИ ХИТОБ (!)

***Аломати хитоб дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:***

1. Дар охири ҷумлаи хитобӣ: *Чӣ андоза зебо, дилрабоянд онҳо, Олимҷон ако! (Ф. Ниёзӣ). Зиндаю поянда бод Ватани зебои мо! Хизмат дар Артиши миллӣ шараф аст!*

*Бӯйи хуш медамад, баҳор, баҳор!*

*Зуд биштоб, эй баҳори кор! (П. Сулаймонӣ).*

2. Дар охири ҷумлаи амрие, ки бо оҳанги хитоб гуфта мешавад: *Бирав, аз хонаи Одина хабар гир! (С. Айнӣ).*

*Далери ман, сазовори падар бош,*

*Чу шамшери падар соҳибзафар бош! (М. Турсунзода).*

3. Дар охири ҷумлаҳое, ки дорои нидоҳои ҳайрат, таассуф, шодӣ, андуҳ мебошанд: *Во, балам! Во, Одинаҷонам! Во, чашму чарогам! Во, қуввати дилам! (С. Айнӣ).*

*– О, Гуландом, туӣ! (П. Толис).*

## 4. АЛОМАТИ СЕНУҚТА (…)

***Аломати сенуқта ё бисёрнуқта дар чунин мавридҳо гузошта мешавад:***

1. Нутқе, ки гӯянда бо ягон сабабе давоми онро ба итмом нарасонидааст, дар навишт бо аломати сенуқта ишора карда мешавад: – Наход, гӯед шишта будем, ки … *(П. Толис).* «Эҳ! Таклифи Соҳибамакро ба Сергей гуфтанӣ будаму… Хайр, бо телефон мегӯям». *(П. Толис).*

2. Иқтибос ва асноде, ки барои тақвияти фикр гӯянда ё нависанда аз касе ё сарчашмае меорад, агар он нотамом ё ихтисор карда шавад, дар аввал, байн ё охири он, яъне ҷое, ки ихтисор карда шудааст, се нуқта гузошта мешавад: *«Агар сарҷумла дар таркиби худ калимаи нисбӣ дошта бошад, ба ҷумлаи пайрав… эҳтиёҷ пайдо мекунад…»*

## 5. АЛОМАТИ ВЕРГУЛ (,)

***Аломати вергул дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:***

1. Барои ҷудо кардани аъзоҳои чидаи ҷумла: Киштҳои кунҷид, лӯбиё, нахӯд, мош, харбуза, тарбуз, хусусан, шолӣ зинат бар зинати ин майдони сабзу хуррамро меафзуданд. *(С. Айнӣ)*. Даҳмардаҳо бо зану фарзандонашон дар тан сарулибоси нав, харсавору аспсавор, доиразанону сурудхонон аз талу теппаҳои атроф мехамиданд. *(А. Самадов)*.

2. Барои ҷудо кардани аъзои истисноии ҷумла: *Ин деҳа тобеи райони Ғиҷдувон буда, як фарсах – 8 километр, дуртар аз маркази район воқеъ аст. (С. Айнӣ). Дар назди тиреза, дар сари мизи корӣ, марде менишаст. (Ҷ. Икромӣ).*

3. Барои ҷудо кардани калима, таркиб ва ибораҳои туфайлӣ: *Хушбахтона, ҳариф ба як нуқтаи сусти ман пай набурда буд. (С. Айнӣ). Имсол, ба назарам, баҳор хеле серборон омад (Ҷ. Икромӣ). Хулосаи калом, Одина ба умедвории бисёре дубора ба завод даромад. (С. Айнӣ).*

4. Барои ҷудо кардани мухотаб: Раҳмат, дӯсти азизам, ҳазор бор раҳмат. *(Р. Ҷалил)*.

*Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,*
*Ба бекорию нодонӣ намонем. (С. Айнӣ).*

5. Барои ҷудо кардани аъзоҳои такрори ҷумла:

*Фазлу ҳунарам, Ватан, туӣ, ту,*
*Сози зафарам, Ватан, туӣ, ту. (М. Турсунзода).*

6. Барои ҷудо кардани ҳиссачаҳои тасдиқию инкорӣ:

*Не, намедонем, ки ӯ меравад. (Р. Ҷалил).*
*Ҳа, шуморо мешиносам. (Ҷ. Икромӣ).*

*7. Барои ҷудо кардани нидоҳои гуногун:* Оҳ, ту магар Гулнор нестӣ?! – гуфта як қад парид зани ҷӯлидамӯ. *(С. Айнӣ).*

*«Ӯҳу, инҳо ҳамон муъминони пок ва мусулмонони ростгӯйи муқаррарӣ-ку», – гуфт худ ба худ қозикалон зери лаб ғурғуркунон. (С. Айнӣ).*

8. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак: *Офтоб тамоман фурӯ рафт, сояҳои ғафси кӯҳсор чун пардаҳои шаби тор пасу пеши маро фаро гирифт, ман мадҳушона ба хаёл фурӯ рафтам. (С. Айнӣ).*

*9. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофии пайвандакдор: Ҳанӯз офтоб дар паси кӯҳҳои сурхоб паноҳ буд, лекин дар он тараф осмон равшан гашта буд. (Ҷ. Икромӣ).*

10. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ: *Дарахтон кайҳо баргҳояшонро партофта, шоху танаҳояшонро гоҳ борон шуста мегузашт, гоҳ барф пахш мекард. (П. Толис). Ё дар идора касе набуд, ё телефон вайрон буд. (Ҷ. Икромӣ).*

11. Барои ҷудо кардани ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ:

а). Ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла: *Ба қадре ки рӯзи тӯй наздик омада, хароҷот зиёд шудан мегирифт, қарзи вай ҳам зиёдтар мешуд. (С. Айнӣ).*

б). Ҷумлаи пайрав дар байни сарҷумла: *Чакраҳое, ки аз чандин чунин чашмаҳо мечаканд, дар як ҷо гун шуда ҷӯйчаи мусаффоеро ба ҳам мерасонанд. (С. Айнӣ).*

в). Ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла: *Мо ҳама парвонаҳое будем, ки дар гирди шамъи фурӯзони адабиёти тоҷик – устод Айнӣ, давр мезадем. (Р. Ҳошим).*

12. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои пайрави чида, ғайричида ва дараҷа дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб: *Офтоб – он офтобе, ки ҳар рӯз бо баромадани худ аз сари Одина ғаму андуҳи шабонаро қадре дур мекард, он офтобе, ки ҳар шаб бо фурӯ рафтани худ ба фурӯ рафтани Одина дар ғаму ғусса сабаб мешуд, имрӯз ба Одина таъсири чаппа мекард. (С. Айнӣ).*

13. Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби омехта: *Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон кӯҳистон бо вази-*

*дани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез монанди дарёи пуроб мавҷ мезад, мавҷҳои сабзагиро танҳо харсангҳое, ки ҷо-ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, халал мерасониданд. (С. Айнӣ).*

***163. Вазифаи аломати вергулро дар ҷумлаҳои зерин фаҳмонед.***

1. Хушбахтона, ҳариф ба ин нуқтаи сусти ман пай набурда буд. *(С. Айнӣ).* 2. Албатта, соли оянда боз ҳам зиёдтар китоб чоп хоҳад шуд. *(С. Айнӣ).* 3. Воқеан, аз суҳбати мо ба худи шумо низ суде хоҳад расид. *(Ф. Муҳаммадиев).* 4. Майлаш, – розӣ шуд Малик. *(П. Толис).* 5. Хулосаи калом, Одина ба умедвории бисёре дубора ба завод даромад. *(С. Айнӣ).* 6. Имсол, ба назарам, баҳор хеле серборон омад. *(Ҷ. Икромӣ).* 7. Албатта, духтар гуфтаи бойро бо шиддат рад карда, «маро аз ин палид халос кунед» гуфта, ба домани падараш часпидааст. *(С. Айнӣ).* 8. Ба ҳамин тариқ, кафшҳои зебо, бадошт ва арзонтари ман талабгорони зиёд дошт. *(Р. Ҷалил).* 9. Хиромон, зоҳиран, аз аввалин тоҷикдухтарони крандор аст. *(Ф. Муҳаммадиев).* 10. Ин, ба фикри ман, аз он ҷиҳат рӯй додааст, ки ин ду симои тавонои рус танҳо дар чорчӯбаи назми миллӣ маҳдуд нашудаанд. *(М. Турсунзода).*

## 6. НУҚТАВЕРГУЛ (;)

Аломати нуқтавергул дар охири ҳар фикри содаи мустақиле гузошта мешавад, ки он ба таркиби фикри мураккабтару муфассалтар дохил мешавад, аз ин рӯ, аломати нуқтавергул дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

1. Барои ҷудо кардани аъзоҳои чидаи тафсилии ҷумлае, ки пеш аз ин аъзоҳои тафсилӣ ё баъди онҳо аломати вергул гузошта шудааст:

*Дар он юнучқазорҳо баррагони ширмаст озодона чарида, монанди мурғобиҳои ба даруни оби зулол шино мекардагӣ сайр менамуданд; аз буттаҳои алаф бо дандонҳои садафини худ аз сари он оҳистакак канда мегирифтанд. (С. Айнӣ).*

2. Барои ҷудо кардани ҷумлаи мураккаби пайвасту тобеъ, ки дар таркиби матн дар як банди яклухти наҳвӣ муттаҳид шудаанд:

*Ҳамин ки офтоби ҷаҳонтоб баромада партави худро дар сари ҷаҳониён андохт, ба қатори ҳайвонон ва наботот гӯё ки хок ҳам аз хоби гарон сар бардошт; ба таъсири тобиши офтоб аввал шабнам бухор шуда, ба ҳаво парид, пас аз он хок ҳам хушк ва сабук шуда бо расидани суми гӯсфандон ба парвоз оғоз кард; вақте ки офтоб қади найза баланд шуд, чанг ҳам рӯйи ҳаво ва офтобро фаро гирифта, оламро сиёҳ ва торик кард, гӯё ки офтоб пас аз як соати баромадани худаш боз фурӯ рафт, лекин дар атрофи баромадгоҳи худ фурӯ рафт. (С. Айнӣ).*

## ДУНУҚТА (:)

***Аломати дунуқта ё баён дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:***

1. Барои ҷудо кардани ду ҷумлаи содае, ки ҷумлаи содаи дуюм шарҳу эзоҳ ва тафсили ҷумлаи содаи аввал аст:

*Сағирахона як сағирахонаи интернатсионалӣ буд: дар он ҷо тоҷик, ӯзбек, қазоқ ва туркман барин миллатҳои маҳаллӣ буданд. (С. Айнӣ).*

2. Баъд аз воҳидҳои хулосакунанда, ки пас аз онҳо аъзоҳои чидаи ҷумла меоянд: *Аз водиҳо то талу теппаҳои Ҳисор киштзору боғот ба назар рангоранг: сабзу нилобӣ, норинҷию гулобӣ, зардчаю пистоқӣ менамуд. (Ф. Ниёзӣ).*

3. Пеш аз нутқи айнан нақлшуда: *Бача тааҷҷуб намуда пурсид: «Қишлоқро тамошо мекунӣ». (Ҷ. Икромӣ).*

***Машқи 164. Вазифаи аломати дунуқта ва нуқтавергулро дар ин матн фаҳмонед:***

Дар мавзеи Хоҷа Балҷувони вилояти Балҷувон маҷлиси тантананоке барпо шудааст, гӯсфандонро кушта, дегҳоро қатор карда, ошҳои гуногун пухта истодаанд. Дар як тараф калоншавандагони мамлакат: боён, муллоён, эшонон, саркардагон ва амалдорон дар ҳузури бародари вакили мухтор, ки баъди аз Бухоро рафтани худи вакил ба ҷойи ӯ ҷонишин шуда буд, дузону нишаста «тақсиркашӣ» мекунанд. Дар тарафи дигар Сурайё-афандӣ ба шарафи меҳмонон аскарҳои миллиро машқ дода, намоиш кунонда, тантанаи ин маҷлиси таърихиро дуболо мекунад.

Дар поёни зиёфат Давлатмандбӣ, Абдулқаюмбӣ ва Абдушукур, ки ин зиёфат ба шарафи онҳо муҳайё шуда буд, бо ҷомаи зардор, аспони роҳвор ва накдаҳои бисёр сарфароз гардиданд; дигар калоншавандагон ҳам ҳар кадом ба қадри ҷоҳу мартабаи даври амирии худ аз «давлати» ҷонишини вакили мухтор баҳравар шуданд; хулоса, ҳама шод ва ҳама миннатдор.

Танҳо дар гӯшае, дуртар аз маҷлиси зиёфат, дар ҷое, ки дар он ҷо аспони ҷонишини вакили мухторро баста буданд, Дохунда сари дупо нишаста буд, ки аз чеҳрааш аломати нохушнудӣ ҳувайдо мегардид; ӯ ба наздикии ин маҷлис, ки овози «зинда бод!»-ҳо ва садои қарсакҳо ба осмон мепечид, гӯё ки ҳеҷ чизро намедида ва намешунида бошад, пешонии худро ба сари зонуи худ ниҳода, дар олами хоб ва хаёл фурӯ рафта буд. *(С. Айнӣ).*

## ТИРЕ (–)

***Аломати тире дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:***

1. Дар байни мубтадо ва хабаре, ки бандаки хабарӣ ва феълҳои ёвар ифода наёфта бошанд: *Душанбе – маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон; Турсунзода – шоир. Ҳаво – соф. Асоси кулли хушиҳои зиндагӣ – заҳмат. (С. Турсун).*

2. Пас аз аъзоҳои чидае, ки баъд аз онҳо воҳидҳои хулосакунанда омадааст: *Қасрҳо, кӯшкҳо, саройҳо, корвонсаройҳо, растаҳо, бозорҳо, ятимхонаҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, манораҳо, масҷидҳо – ҳама ва ҳама сӯхта хокистар гардида буданд. (С. Айнӣ).*

3. Барои ҷудо кардани нутқи муаллиф (наклкунанда) аз нутқи айнан нақлшуда. *«Наход ки шумо аз ман хафа шуда бошед?» – гуфт Ҳошим Корвон. (С. Улугзода).*

4. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеи бепайвандаке, ки яке аз ҳиссаҳо шарт, замонро фаҳмонад ё ин ки яке аз ҳиссаҳо ба дигаре муқобил гузошта шавад. *Меҳнат кунӣ – роҳат мебинӣ. Аз бад – касофат, аз нек – шарофат.*

5. Дар байни шумораҳои тахминие, ки ба вазифаи ҳолшарҳкунанда омада, замону макон, микдору андозаро мефаҳмонанд:

*Вай ба ин ҷо даҳ – понздаҳ рӯз пештар омада буд. Дар маҳфили дирӯза чил – панҷоҳ нафар талаба иштирок дошт.*

6. Барои ҷудо кардани аъзои истисноӣ аз аъзои муқарарӣ: *Ҳомидхоҷа – хоҳарзодаи шавҳараш, бемордорӣ мекард. (С. Айнӣ).*

7. Дар муҳовара (диалог) пеш аз сухани ҳар як гӯянда аломати тире гузошта мешавад:

*– Ба муҳоҷир шуда омаданатон ягон ҳафт-ҳашт сол шудагист?*

*– Ҳа, ҳашт соли рапа-расо. (П. Толис).*

***165. Вазифа ва моҳияти аломати «тире»-ро дар ҷумлаҳои зерин шарҳ диҳед:***

1. Ду понздаҳ – як сӣ. *(Фолклор)*. 2. Омадан – бо иродат, рафтан – бо иҷозат. *(Зарбулмасал)*. 3. Шаст – камоли мардист. *(Фолклор)*. 4. Панҷум – Ашрафҷон ном сандуқсоз буд. *(С. Айнӣ)*. 5. Ҳаво – соф. *(С. Айнӣ)*. 6. Ҳаво – тару тоза ва бисёр форам, сада, беди қади ҷӯйбор – сабз, дарахтони бодому зардолу сап – сафед. *(С. Улугзода)*. 7. Сафар кардан – ҷаҳон дидан. *(Ҷ. Икромӣ)*. 8. Амина – ҳамсафараш. *(С. Турсун)*. 9. Асоси кулли хушии зиндагӣ – заҳмат! *(С. Турсун)*. 10. Шон раис – соҳиби деҳа! *(С. Турсун)*. 11. Онҳо – душмани дупои кулли даррандагони олам. *(С. Турсун)*.

## ҚАВС ()

***Аломати қавс дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:***

1. Барои ҷудо кардани калима, ибора ва ҷумлаи иловагӣ, туфайлӣ, ки барои шарҳу эзоҳ ё пурра кардани матни асосӣ дар мобайн ё охири он оварда мешавад: *Пошобибӣ (модари хӯҷаин) ҳар рӯз маро ба чанд ҷой ба чиз бардоштабарӣ ё чиз бардоштабиёрӣ мефиристод (С. Айнӣ).: Зардолуҳои пешпазак (ҷавпазак, моҳтобӣ, лучак) кайҳо пухтаанд. (Ҳ. Карим). Вай ҳар замон Иброҳимбекро ҳушдор медод, ки ӯ (ба ангушт ба синаи хеш кӯфта) содиқтарин дӯсти амир Олимхон аст. (Садои Шарқ).*

2. Барои ҷудо кардани калимаю ибораҳое, ки муносибати шунавандаро ифода мекунанд: *Ҳунарманди мумтоз дар саҳна пайдо мешавад (қарсакзании бардавом).*

3. Барои нишон додани манбаъ ва сарчашмае, ки ба он ишора карда мешавад: *Мирзо Турсунзода соли 1911 таваллуд ёфтааст (Аз кит.: Адибони Тоҷикистон).*

4. Барои шарҳи калимаҳои ҷудогонае, ки иқтибосианд ё маъниашон нофаҳмоанд ва ё истилоҳ мебошанд: *наҳв (синтаксис), мутаадӣ (гузаранда), актив (фаъол), пассив (ғайрифаъол).*

***166. Дар матни зерин вазифаи аломатҳои китобатро фаҳмонед:***

Подшоҳе бо ғуломе аҷамӣ[1] дар киштӣ нишаст ва ғулом дигар[2] дарё надида буд ва меҳнати[3] киштӣ наёзмуда. Гиряву зорӣ дарниҳод[4] ва ларза бар андомаш афтод. Чандон ки мулотифат[5] карданд, ором намегирифт ва айши малик аз ӯ мунағғас[6] буд. Чора надонистанд.

Ҳакиме[7] дар он киштӣ буд, маликро[8] гуфт:

– Агар фармон диҳӣ, ман ӯро ба тариқе хомӯш гардонам.

/Малик/ гуфт:

– Ғояти лутфу карам бошад[9].

/Ҳаким/ бифармуд, то ғуломро ба дарё андохтанд, боре чанд ғӯта хӯрд, мӯяш гирифтанду пеши киштӣ оварданд, ба ду даст дар суккони[10] киштӣ овехт. Чун баромад, ба гӯшае бинишаст ва ором ёфт.

Маликро аҷаб омад, /аз ҳаким/ пурсид:

– Дар ин чӣ ҳикмат буд?

/Ҳаким/ гуфт:

– Аз аввал меҳнати ғарқ шудан начашида буд ва қадри саломати киштӣ намедонист. Ҳамчунин қадри офият[11] касе донад, ки ба мусибате[12] гирифтор ояд. *(Саъдии Шерозӣ).*

---

1. **Аҷамӣ** – эронӣ
2. **Дигар** – ба маънои пеш аз ин
3. **Меҳнат** – азоб
4. **Дарниҳод** – сар кардан
5. **Мулотифат** – лутфу меҳрубонӣ, навозиш
6. **Мунағғас** – талх, тира
7. **Ҳаким** – донишманд
8. **Малик** – подшоҳ
9. **Ғояти лутфу карам бошад** – ин кори ту ниҳояти лутфу меҳрубонӣ хоҳад буд.
10. **Суккон** – чанбари киштии бодбонӣ, ки дар қафои он аст.
11. **Офият** – саломатӣ.
12. **Мусибат** – ғаму кулфат.

## НОХУНАК « »

***Аломати нохунак дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:***

1. Барои нутқи айнан нақлшударо аз сухани муаллиф ҷудо кардан:

*Ба дарвеш гуфт он тавонгар: «Чаро»*
*Ба пешам пас аз дерҳо н-омадӣ?»*
*Бигуфто: «Чаро н-омадӣ пеши мо?»*
*Басе хуштар аст аз «Чаро омадӣ».*

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

*2. Барои ҷудо кардани калимаю ибораҳое, ки бо маънои ғайриаслии худ омадаанд: Як-ду бригадир «сарфакорӣ мекунем» гуфта, нуриро ба замин аз меъёр кам андохта буданд. (Ф. Муҳаммадиев).*

3. Номи адабиёти бадеӣ, асару мақолаҳо, рӯзномаю маҷаллаҳо дар нохунак гирифта мешаванд: *Хусусан, баъзе бобҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-ро то даҳ бор рӯйбардор карда буд. (Б. Р.) Вай повести «Одина»-и устод Айниро бодиққат мутолиа кардааст.*

***167. Аломатҳои китобати матни зеринро фаҳмонед:***

Дарвеши олиҳиммат бо подшоҳи соҳибшавкат алоқаи рафтуомад ва ҳамсуҳбатӣ дошт. Рӯзе вай дар пешонии подшоҳ асари малол дид ва ҳарчанд кӯшид, ки сабаби ин ҳолро бифаҳмад, ғайр аз бисёр омадурафт кардани худ сабабе наёфт. Пас, рафтуомади худро бас кард ва аз суҳбати ӯ даст кашид. Рӯзе он подшоҳро дар роҳе бо вай мулоқот афтод ва забон ба мақолот бикушод, ки: «Эй дарвеш, сабаб чист, ки алоқа аз мо буридӣ ва қадам аз омадурафт кашидӣ?» Дарвеш ҷавоб дод: «Сабаб он ки донистам, ки наомада савол шунидан беҳтар аст аз омада малол дидан».

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ЗАБОН

Хонандагони арҷманд! Шумо аз синфи якуми мактаби таҳсилоти умумӣ забони модарии худ, яъне забони тоҷикиро, омӯхтаед. Оё медонед, ки худи забон чист, вай барои чӣ хизмат мекунад? Шумо ғайр аз забони модарии худ боз кадом забонҳоро медонед ва шумораи онҳо дар дунё чӣ қадар аст? Шумо медонед, ки забони тоҷикӣ ба кадом оилаи забонҳои дунё дохил мешавад ва забонро кадом илм меомӯзад?

Забон ба қатори ҳодисаҳое дохил мешавад, ки ба ҳаёти ҷомеаи инсонӣ алоқаманд мебошанд. Ягон ҷомеа бе забон арзи ҳастӣ накардааст. Одамон ҳамеша бо ҳам дар робитаю иртибот[1] ҳастанд. Робитаи байни одамон тавассути забон амалӣ мешавад. Инсон мақсаду маром ва андешаҳои худро ба воситаи забон иброз[2] медорад, пас забон ба тафаккури инсон дар иртибот аст. Забон одамонро ҳамдаму мунис мегардонад, забон одамонро ба сулҳу салоҳ ҳидоят мекунад. Аз ин ҷост, ки дар бораи суду зиёни забон, саҳми он дар ҷомеаи инсонӣ донишмандони олам, ба хусус, олимону адибони форсу тоҷик андешаҳои муфиде ба ёдгор мондаанд. Чунончи, Саъдии бузург гуфтааст:

Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.

Воқеан, забон калидест, ки қуфли бисёр муаммою мушкилоти ҳаётро мекушояд ва дари ганҷи маърифату донишро ба рӯйи одамон боз мекунад.

Забон мисли шуури инсон қадимӣ аст. Забон аз даврахои хеле қадим ҳамчун воситаи муомилаи одамон хидмат кардааст. Инкишофи тадриҷии забон ба одамон имкон дод, ки таҷрибаҳои ҳосилкардаашонро сайқал диҳанд. Онро аз насл ба насл ба ёдгор бимонанд. Забон ба инсон шароит фароҳам овард, ки сатҳи зиндагӣ, илму фарҳанги башариро баланд бардорад. Халқҳои ба ҳам хешу наздике, ки баромади онҳо

1. **Иртибот** – алоқа, робита, бастани чизе ба чизе
2. **Иброз** – ошкор кардан, нишон додан

ягона аст, забонашон низ ба ҳам хеш мебошад ва онҳо як оиларо ташкил менамоянд. Чунин оилаи забонҳо аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва сохти грамматикӣ умумият доранд. Масалан, ҳамаи эроннажодон бо забони умумии ба ҳам хеш гап мезананд.

Забонҳои имрӯзаи форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ аз як забони умумӣ пайдо шудаанд. Воқеан, таҳлилу таҳқиқи давраҳои инкишофи забонҳои форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ нишон медиҳад, ки забонҳои шохаи эронӣ бисёр хусусиятҳои муштараку ягона доранд.

Дар дунё зиёда аз 3600 забон аст, ки онҳо ба оилаҳои бо ҳам хеш ҷудо мешаванд.

Тамоми забонҳои дунё ба 24 оилаи калон гурӯҳбандӣ мешаванд. Яке аз ин оилаи забонҳо гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст, ки он дар худ 12 шохаи забонҳоро муттаҳид мекунад. Забонҳои гурӯҳи эронӣ яке аз шохаҳои оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба шумор мераванд. Ба гурӯҳи забонҳои эронӣ ин забонҳо дохил мешаванд: **форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ, пашту, курдӣ, осетӣ, балуҷӣ, тотӣ, талишӣ, мозандаронӣ, забонҳои помирӣ, яғнобӣ**; забонҳои мурдаи форсии қадим; **авестоӣ, паҳлавӣ, мидӣ, парфянӣ, бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ, скифӣ, сакӣ.**

Забони миллӣ баробари ташаккули миллат пайдо мешавад ва яке аз нишонаҳои муҳимми миллат забони ӯст.

Забон, ки воситаи муҳимму асосии мубодилаи афкори одамон аст, ба ҳаёти ҷомеа алоқаи ҳамешагӣ дорад. Тағйироту дигаргуниҳои ҷомеа дар забон низ асари худро мегузоранд. Аз ҳама қисматҳои забон дида таъсиру дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бештару беҳтар дар таркиби луғавии забон дида мешавад. Аз ҳаёти ин ё он халқу миллат баробари аз байн рафтани мафҳумҳои алоҳида, ашёҳо номи онҳо низ оҳиста-оҳиста аз истеъмол мемонад, ё ин ки ба гурӯҳи луғатҳои ғайрифаъол мегузарад. Вале қисми фаъоли луғати ҳар як забон, номи ашё ва мафҳумҳои ҳаётан зарур дар давоми асрҳои зиёд дар забон боқӣ мемонад. Масалан, калимаҳои ифодакунандаи номи ашёҳо: **об, нон, замин,**

**ҳаво, кӯҳ, дарахт, оташ, хок, дарё, роҳ**; номи мафҳумҳои хешу таборӣ: **падар, модар, бародар, хоҳар**; номи амалҳо: **гуфтан, рафтан, хондан**; номи ададҳо: **як, даҳ, сад, ҳазор**; ҷонишинҳо: **ман, ту, вай, мо, шумо, онҳо** ва ғайра калимаҳои ҳаётан заруру решагии забони тоҷикианд.

Дар забони тоҷикӣ ин вожаҳо дар тӯли асрҳои зиёд чун луғатҳои ҳаётан муҳим хидмат кардаанд ва имрӯз ҳам ба қатори луғатҳои фаъол дохил мешаванд.

Тағйиротҳо дар дигар қисматҳои забон: фонетика, калимасозӣ, грамматика ҳам мушоҳида мешавад.

Дар солҳои Ҳукумати Шӯравӣ тағйирот дар ҳамаи бахшҳои забон: лексика, фразеология, фонетика, грамматика рӯй дод. Вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсию маданӣ ва тараққиёти илму техника ва соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаю ибораҳои фаровоне ворид шуданд, ки имрӯз ҳам дар истеъмоланд.

## ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ

Ҳарчанд ки дар забони ҳар миллат лаҳҷа ва гӯйишҳои гуногун мавҷуданд, забони адабӣ ва расмии он ягона аст. Бояд кулли табақаҳо ва мардумони гуногунлаҳҷаи он миллат ба ҳамон забони адабии ягона таълим гирифта, китобат намуда ва гап зананд. Коргузории расмии идорӣ ва расонаҳои ахбори умум, нутқи саҳнавӣ, гуфтори радио ва телевизион, муоширати байни соҳибони ин забон бо ҳамин забони адабии ягона сурат мегирад.

Забони адабии тоҷик дастоварди муҳимми халқу миллати тоҷик аст. Забони адабӣ ин категорияи таърихӣ буда, пайдоиш ва ташаккули он ба омилҳои зиёди ҳаёти ҷомеа вобаста мебошад.

Аломатҳои асосии забони адабӣ, пеш аз ҳама, аз шаклҳои шеваю гӯйишҳо боло истодани ӯ, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа истифода шудан, шакли устувори сохти грамматикиву меъёрии он ва дар шакли хаттӣ фаъолият доштани вай мебошад.

Хат яке аз комёбиҳои барҷаста ва оламшумули инсоният аст, ки тавассути он шароит ва заминаи зарурию муҳимми инкишофи забони адабӣ ба миён омадааст. Маҳз ба туфайли хат услубҳои гуногуни забони адабӣ шакл гирифта, сайқалу инкишоф ёфтааст. Хат ҳам давраҳои гуногуни рушду ривоҷро аз сар гузаронидааст.

Забони адабии тоҷикӣ (форсӣ) дар асрҳои IX-X ташаккул ёфтааст. Маҳз дар ҳамин асрҳо аломатҳои асосии забони адабӣ дар забони тоҷикӣ пайдо мешавад ва доираи истифодаи он васеъ мегардад. Дар ҳамин ду сада дастовардҳои илмӣ ва маданӣ бо ин забон дар осори хаттӣ назаррас аст. Осори адабии оламшумул, асарҳои илмие, ки аз ин асрҳо боқӣ мондаанд, нишон медиҳанд, ки забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X дорои низоми муайян ва меъёрҳои устувори сарфиву наҳвӣ будааст.

Забони адабии тоҷикӣ дар тӯли асрҳои тӯлонӣ ба тағйироту дигаргуниҳои зиёде дучор шудааст, ки он дар ҳамаи бахшу услубҳояш мушоҳида мешавад. Вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии давр гоҳе ба соданависӣ ва гоҳе ба мураккабу печдарпечии услубҳои нутқ майл карда шудааст.

Забони адабии тоҷикӣ чи дар гузашта ва чи имрӯз дар услубҳои гуногун амал кардаасту амал карда истодааст.

**Услуби бадеӣ.** Мафҳуми забони адабӣ ва услуби адабӣ ё бадеӣ аз ҳам фарқи муҳим доранд. Забони адабӣ фақат аз услуби бадеӣ иборат нест, балки татбиқи амалии забон дар соҳаи расонаҳои ахбор, илм, коргузории давлатӣ, ҳамчунин суханронӣ (нутқи шифоҳӣ) ҳам тавассути забони адабӣ воқеъ мегардад.

Услуби бадеӣ забони адабие мебошад, ки ба воситаи он асарҳои бадеӣ таълиф мешавад. Тарбияи эстетикӣ ва бой гардидани олами маънавии инсон ба воситаи асарҳои бадеӣ аз вазифаҳои асосию муҳимми услуби бадеӣ ба шумор меравад. Мафҳуми услуби бадеӣ хеле васеъ аст. Асарҳои насрӣ, мавзун, жанрҳои гуногуни бо назму наср иншошаванда ба услуби бадеӣ мансубанд. Имкониятҳои услубии асарҳои бадеӣ

хеле васеъ аст. Равонию суфтагӣ, ширинию хушоҳангии забони мо ба туфайли шеъри олию оламшумули мо ба вуҷуд омадааст. Аз ин нигоҳ, волотарин арзиши шеъри тоҷикӣ барои имрӯз дар нигоҳдорӣ ва густариш додани забони тоҷикӣ аст.

Дар услуби бадеӣ нависандаю шоир имкон доранд, ки аз тамоми имкониятҳои забонии вожаю ифодаҳо истифода кунанд. Барои таъмин намудани образнокии тасвир, обуранги бадеӣ суханварон дар услуби бадеӣ аз ташбеҳу истиора, кинояву муболиға, зарбулмасалу мақол, ибораю ифодаҳои фразеологӣ, саволҳои аслию риторикӣ, ҷумлаҳои амрию хитобӣ, ҷумлаҳои унвонию нопурра ба таври васеъ истифода мекунанд, хусусан, дар тасвири манзараҳои табиат, офариниши типу образҳои бадеӣ.

***168. Намунаҳои зерини услуби бадеиро хонда, ба вожаю ифодаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва қолаби ҷумлаҳо диққат диҳед:***

Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро.
Шакарфурӯш, ки умраш дароз бод, чаро
Тафаққуде[1] накунад тӯтии шакархорро?
Ғурури ҳуснат иҷозат магар надод, эй гул,
Ки пурсише накунӣ андалеби шайдоро?
Ба хулқу лутф тавон кард сайди аҳли назар,
Ба банду дом нагиранд мурғи доноро.
Надонам, аз чӣ сабаб ранги ошноӣ нест
Саҳиқадони[2] сияҳчашми моҳсиморо?
Чу бо ҳабиб нишинию бода паймоӣ,
Ба ёд ор муҳиббони[3] бодпайморо.
Ҷуз ин қадар натавон гуфт дар ҷамоли ту айб,
Ки вазъи меҳру вафо нест рӯйи зеборо.
Дар осмон на аҷаб, гар ба гуфтаи Ҳофиз,
Суруди Зуҳра ба рақс оварад Масеҳоро.

*Ҳофизи Шерозӣ*

1. **Тафаққуд** – меҳрубонӣ, пазироӣ, ҷустуҷӯ, аҳволпурсӣ
2. **Саҳиқад/сиҳиқад** – рост, мавзунқомат, хушқомат
3. **Муҳиб** – дӯст, дӯстдор

На он мӯрам, ки дар поям бимоланд,
На занбӯрам, ки аз дастам биноланд,
Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам.

*Саъдии Шерозӣ*

Эй писар, бояд ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то ки агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост бигӯй. Валекин, рости ба дурӯғ монанд магӯй, ки дурӯғи ба рост монанд беҳ, ки рости ба дурӯғ монанд, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он номақбул.

*Унсурулмаолии Кайковус*

* * *

Дар ҳақиқат, ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор таъсирбахшо буд: чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абрӯи каҷи дунболдори ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд; мӯйи дарози тобдораш, ки то ҳамгашти зонуҳояш мерасид, барои ҳаваскорон каманди печоне буд; зулфи парешонашро дар гирди рухсори тобонаш бо он зебоӣ тасвир кардан аз дасти ҳеҷ наққоши нодиракор намеомад; қади навраста, рӯйи хуҷаста, зулфи шикаста, абрӯи пайваста – ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд. Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони дурахшонаш ба рӯйи рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯйи гулбарги сурхе ҷилва медоданд.

Хусусан, дар ҳолати ҳозира ҳусн ва зебоии Гулнор яке бар даҳ афзуда буд: чашми бепарвое, ки ба нигоҳи мағруронааш бинандагон зор буданд, ҳоло бо нигоҳи маъюсона зорӣ мекард: лаби пуристиғное[1], ки дар ғояти ноз ба ҷуз пеши дилбохтаи худ (Ёдгор) ба боз шудан гардан намефуровард, ҳоло ба ниёз омада буд. *(С. Айнӣ)*.

---

1. **Истиғно** – нисбат ба касе ноз кардан, беэътиноӣ кардан

**Услуби илмӣ** аз нигоҳи корбасти вожаю истилоҳот аз услубҳои дигар фарқ мекунад. Асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо услуби илмӣ навишта мешаванд. Дар услуби илмӣ ба саҳеҳии фикр, асоснокӣ, мантиқи қавии навишта эътибор дода мешавад. Дар услуби илмӣ барои тасдиқи фикр, қувват додани фикр, ба сарчашмаҳои дигар, далелу маъхазҳои муътамад такя карда мешавад, бинобар ин ба онҳо ишора меравад. Ҳар як соҳаи илм истилоҳи хоси худро дорад.

***169. Намунаҳои зеринро аз услуби илмӣ хонед ва мулоҳизаҳои худро оид ба онҳо баён кунед:***

«Қавл аз бисёрии он чаҳор қисмат аст: яке амр, чунонки касе мар ба касе гӯяд: «Чунин гӯй» ва ҷуз он. Ва дигар истихбор[1] аст ба ғайри «яъне» хабар пурсидан, чунон ки касеро гӯем: «Чӣ гуна будӣ?» ва «Куҷо рафтӣ» ва ҷуз он. Ва сеи дигар суол, яъне хостани чизе, чунон ки касеро гӯӣ: «Маро таом деҳ»… Ва чаҳорум хабар аст, ки гӯем: «Чунин аст» ва ҷуз он».

*Носири Хусрав*

* * *

«Образи бадеӣ дар адабиёт ва санъат шакли инъикоси воқеият, манзараи конкрет ва муҷталии[2] ҳаёти инсон буда, дар партави идеали эстетикии санъаткор бо ёрии тахайюли[3] бадеӣ офарида мешавад». (*Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик).*

**Услуби публисистӣ.** Аз ин услуб дар воситаҳои ахбори умум истифода бурда мешавад. Хусусияти барҷастаю фарқкунандаи ин услуб он аст, ки содаю ҳамафаҳм буда, образнокию барҷастагии воситаҳои тасвир дар он саҳми назаррас дорад. Дар ин услуб калимаю ифодаҳои ҳамаи соҳаҳо истифода шуданаш мумкин аст. Дар услуби публисистӣ унсурҳои услуби бадеӣ, илмӣ, расмӣ низ ҷо-ҷо истифода бурда мешавад.

1. **Истихбор** – хабар пурсидан
2. **Муҷтал** – ҷамъшуда, тӯдашуда
3. **Тахайюл** – хаёлот, ба хаёл овардан

***170. Намунаҳои зеринро аз услуби публисистӣ хонда, хусусиятҳои барҷастаю фарқкунандаи онҳоро аз услубҳои дигар фаҳмонед:***

Дар Боку аввали моҳи сентябри соли 1920 Анҷумани якуми аҳолии Шарқ барпо гардид. Анҷуман, чунон ки дар байни аҳолии Шарқ муносибот таъсис карда, барои эшон як хати ҳаракати муайяни машриқзамин, ки солҳои дароз дар зери фишори сарватдорон ва ҷаҳонгиронӣ Фаранг молиш мехӯрад, роҳи халос ва наҷотро нишон хоҳад дод.

Маълум аст, ки Шарқ қарнҳост, ки зулм мебинад, фишор мехӯрад, тороҷу толон мешавад, дар натиҷаи ин аҳволи тоқатгудозона гоҳ-гоҳ ҳаракати мазбуҳӣ[1] мекунад, лекин аз он ҷо ки то кунун ҳаракатҳои инқилобкоронаи машриқзамин пароканда ва аз якдигар бехабар меафтода, натиҷаи матлубе[2] намедод.

*Садриддин Айнӣ.*

* * *

Деҳаи Пискон 9 хоҷагӣ дорад. Боз имсол як мӯйсафеди 86-сола Атобулло Бобоев бӯйи хоки Ватанро шамида, аз Зафаробод ба деҳааш Пискон бозпас омад ва феълан хонасозӣ дорад. Зимни суҳбат мӯйсафед дарди дил кард:

– Дар Зафаробод кор карда наметавонам, бо азоб мегаштам. Дар Яғноб ҳам лой мекунам, ҳам девор мезанам. Обаш дору, ҳавояш дору, гиёҳаш дору… Сангу хорашро гиромӣ медорам.

*Аз маҷаллаи "Садои Шарқ."*

**Услуби расмӣ – коргузорӣ.** Ба ин услуб навиштаҳои ҳуҷҷатҳои кории идорию муассисаҳои давлатӣ, маъмурӣ, дипломатӣ, ҳуқуқшиносӣ, қонуну фармонҳо, қарору шартномаҳо, навиштани дархосту пешниҳодот, ҳолнома, фиристодани табрикномаҳои расмӣ ва ғайра дохил мешаванд.

1. **Мазбуҳ** – ба ҳалокат расанда
2. **Матлуб** – талаб кардашуда, мақсуд

Барҷастатарин хусусияти ин услуб кӯтоҳбаёнӣ, равшании фикру матлаб, саҳеҳии санаду далелҳо мебошад.

***171. Намунаҳои зеринро аз услуби расмӣ-коргузорӣ хонда, андешаҳоятонро нисбати онҳо баён кунед:***

1. «Ашӯр ном аз фуқароёни Қаротегин ба дарбори олӣ омада, арз кард, ки Ниёзшоҳ заминҳои маро бо зӯрӣ гирифт, ҳокими вилоят арзи маро намепурсад гуфта, ионатнома[1] талаб кард. Бинед, агар дарвоқеъ, чунин бошад, заминҳояшро ба худаш гирифта диҳед, вагарна мувофиқи шаръи шариф ҷанҷолро қатъ намоед». *(С. Айнӣ)*.

ХИСЛАТНОМА

ба хонандаи синфи 9-уми муассисаи таҳсилоти умумии №76-уми ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Раҷабов Умед, соли таваллудаш 2002, миллаташ тоҷик.

Раҷабов Умед соли нуҳум аст, ки дар муассисаи таҳсилоти умумии № 76-уми ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таҳсил мекунад.

Умед бачаи боинтизом аст, супоришҳоро дар муҳлати муайяншуда иҷро мекунад. Дар таҳсил фаъол буда, бо баҳои аъло мехонад. Дар корҳои ҷамъиятии синф ва мактаб фаъолона иштирок мекунад.

Умед хонандаи боадаб аст, ҳамсинфон, омӯзгорон ва калонсолонро эҳтиром менамояд. Ба фанҳои дақиқ шавқу ҳаваси зиёд дорад, дар маҳфилу озмунҳои фаннӣ фаъолона иштирок карда, доимо барои баланд бардоштани дониши худ кӯшиш мекунад.

Раҷабов Умед аъзои ҳайати таҳририяи газетаи девории синф аст. Вай ба варзиш низ шавқи зиёд дорад, аъзои дастаи футболбозони мактаб аст.

Роҳбари синф имзо Ф. Шодмонзода
21. 04. 2018.

---

1. **Ионат** – ёрмандӣ, ёрӣ, кумак

Ба директори муассисаи таҳси-
лоти миёнаи умумии
№ 76-уми ноҳияи Фирдавсии
шаҳри Душанбе Бӯстонзода Ф. А.
аз истиқоматкунандаи ноҳияи
Фирдавсӣ, кӯчаи Навбаҳор,
хонаи 23/4, ҳуҷраи 48
Фирӯззода Садбарг

**Ариза**

Аз шумо хоҳиш мекунам, ки писари ман Азиззода Маъмурро ба синфи якум қабул кунед. Ба ин ариза ҳамаи ҳуҷҷатҳои даркориро илова мекунам.

имзо С. Фирӯззода
10. 08. 2018.

**Забонхат**

Ман, Каримзода Рустам, хонандаи синфи 9-уми «А» муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 76-уми ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз мудири хоҷагии мактаб Холзода Нуралӣ барои истифода дар қитъаи замини мактаб 15 (понздаҳ)-то бел гирифтам.

имзо Р. Каримзода 02. 03. 2018

**Тарҷумаи ҳол**

Ман – Раҳимӣ Толиб, 20-уми майи соли 2002 дар шаҳри Душанбе дар оилаи зиёӣ таваллуд шудаам. Соли 2009 ба синфи якуми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 42-юми шаҳри Душанбе дохил шуда, дар айни ҳол дар ҳамин мактаб дар синфи 9-ум таҳсил карда истодаам. Падарам – Раҳимӣ Шокир, омӯзгори мактаб, модарам – Раҳимӣ Шаҳло низ дар мактаб омӯзгор шуда кор мекунанд.

имзо Т. Раҳимӣ.
10. 05. 2018

## ХАТ ВА ПАЙДОИШИ ОН

Дар баробари нутқи овозӣ хат воситаи иловагии мубодилаи афкори одамон ба шумор меравад.

Хат дар натиҷаи зарурати расондани фикри одамон аз як қабила ба қабилаи дигар, аз як мавзеъ ба мавзеи дигар, аз як насл ба насли дигар пайдо шудааст.

Дар ибтидо хат шаклҳои бисёр дағалу ноқулай ва содалавҳона дошт. Хатҳои ҳозира шакли бисёр инкишофёфта ва суфтаи хатҳои ибтидоиянд.

Пайдоиш ва мавҷудияти хат чун воситаи мубодила дар ҳаёти ҷомеа саҳми муҳим дошт ва дорад.

Хат имкон дод, ки одамон вақту масофаро сарфа кунанд, таҷрибаи башариро нигоҳ доранд, онро аз як насл ба насли дигар интиқол[1] дода, бою ғанӣ гардонанд, аз таҷрибаи ҳамдигар баҳра бигиранд. Маҳз ба туфайли хат инсон имкон ёфт, ки дастовардҳои гузаштагонро омӯзад, онҳоро инкишоф диҳад.

Аҳамияти хат дар пешбурди ҳаёти сиёсӣ низ калон аст. Ҳар як тағйироти сиёсӣ-иҷтимоӣ ба воситаи хат аз як минтақа ба минтақаи дигар, аз як давлат ба давлати дигар мегузарад.

Саҳми хат дар инкишофу пешрафти ҳаёти илмию маданӣи ҷомеа, адабиёту санъати миллату халқҳо низ хеле калон аст. Маҳз ба воситаи хат ин соҳаҳои ҳаёти одамон аз насл ба насл интиқол ёфтааст.

Хатҳои ибтидоӣ бисёр содалавҳона буданд. Онҳо тавассути худи предметҳо, сурати онҳо ё символи (рамзи) онҳо ифода карда мешуд. Геродот – муаррихи Юнони қадим (асри V то милод) чунин ҳикояте меорад, ки гӯё скифҳо (қабила) ба форсҳо сурати қурбоққа, муш, парранда ва панҷ тирро кашида мефиристанд ва ин рамзи он буд, ки «агар форсҳо мисли қурбоққа ба об, мисли муш ба сӯрохие, мисли парранда ба ҳаво паранд ҳам, бо ин панҷ тир кушта мешаванд».

Хелҳои гуногуни хат, аз ҷумла, пиктографӣ, идеографӣ, фонографӣ ва ғайра маъмуланд.

**Хати пиктографӣ.** Вожаи «пиктография» лотинӣ буда, аз ду ҳисса: пиктус – *расм* ё тасвир ва графос – *навиштан* иборат

1. **Интиқол** – аз ҷое ба ҷое бурдан

аст. Ин навъи хат яке аз аввалин хатҳои инсон аст, ки чун воситаи алоқаи одамон ба масофаҳои дур хизмат кардааст. Ин хат алифбо надошт, фақат ба воситаи расм, сурати одамон, ашёю предметҳои воқеию мушаххас тасвир карда мешуд. Ин хатро халқҳои гуногунзабон фаҳмида метавонистанд, аммо хати пиктографикӣ камбудиҳои зиёд дошт: аввал ин, ки дар ин хат мафҳумҳои абстракт (маъни)-ро ифода кардан мумкин набуд, дигар ин, ки кашидани расми предмету ашёҳо хеле душвор ва ҳар кас онро дуруст тасвир карда наметавонист. Ҳамчунин бо ин хат матлабро низ фаҳмонидан душвор буд. Аз ин хат ҳоло ҳам истифода мебаранд. Масалан, дар намоиши дӯконҳо, мағозаҳо тасвири предметҳоро медиҳанд, ё ин ки дар рекламаҳо, ашёҳои ҷудогона тасвири ин ё он чизро мекашанд.

**Хати идеографӣ.** Вожаи «идеография» юнонӣ буда, аз ду ҷузъ: *идеа* – мафҳум ва *графос* навиштан иборат аст. Аломатҳои хати идеографиро *идеограмма* меноманд. Агар пиктограмма предметро тасвир кунад, идеограмма маъниро мефаҳмонад. Идеограмма айнан кашидану тасвир кардани предмети ифодашавандаро талаб намекунад, балки бо аломатҳои шартии ифодакунандаи маъно сарукор дорад. Масалан, аломатҳои зерин: (+) – ҷамъ, (x) – зарб, (–) – тарҳ, (:) – тақсим, (=) – баробариро мефаҳмонанд. Ҳамаи аломатҳои шартӣ дар илми математика, мантиқ ва ғ. хусусияти идеографӣ доранд.

Хати идеографӣ аз хати пиктографӣ бо якчанд хусусияташ бартарӣ дошт.

1). Хати идеографӣ ҳам мафҳумҳои моддӣ ва маъниро ифода карда метавонад.

2). Дар хати идеографӣ баъзе шаклҳои грамматикӣ ифода мешаванд.

3). Дар хати мазкур аз маҷмӯи аломатҳои мушаххас истифода бурда мешавад.

Яке аз шаклҳои хати идеографӣ *иероглифика* мебошад. Маънои иероглиф кандакории муқаддас аст. Дар ин хат ҳам тасвири предмет бо рамз то андозае дида мешавад. Масалан, расми пой маънои роҳ рафтанро дорад, ё шакли доираи дорои нуқта – маънои офтобро дошта бошад, қаноти парранда маънои париданро дорад. Аз ин хат ҳоло ҳам хитоиҳо истифода мебаранд.

**Хати фонографӣ.** Вожаи «фонография» юнонӣ буда, аз «фоне» (*овоз*) ва «графо» (*навиштан*) иборат аст. Дар ин хат овозу ҳиҷоҳо ифода мешаванд. Бо ҳамин хотир ин хат ба ду шоха ҷудо мешавад: ҳиҷоӣ (силлабикӣ) ва ҳарфӣ.

Қадимтарин хати ҳиҷоӣ – хати шумериҳо, яке аз халқҳои арабизабон (тахминан 3 ҳазор сол пеш аз милод) буд.

Ба хати ҳиҷоӣ хатҳои ҳозираи ҳиндӣ, банголӣ, эфиопӣ, японӣ дохил мешаванд.

Хати аввалини ҳарфӣ ё овозӣ – хати финикиҳо (хати яке аз халқҳои араб) буда, ба асри 12-10 пеш аз солшумории мо тааллуқ дорад. Дар ин хат ҳамсадоҳо бо 22 ҳарф ишора мешуд, садонокҳо бо ҳаракатҳо, бинобар ин, хати мазкурро консонантӣ (ҳамсадоӣ) меномиданд.

Хатҳои яҳудӣ, эронӣ, сириягӣ ва арабӣ аз рост ба чап навишта мешаванд. Хати Юнони қадим (асри VIII-VII пеш аз милод) низ асоси худро аз хати финикӣ гирифтааст. Кириллитсаи русӣ асоси худро дар асри IX аз хати юнонӣ гирифта ва асоси хатҳои имрӯзаи булғорӣ, сербӣ, белорусӣ, чувашӣ, бошқирдӣ, тоторӣ, ёқутӣ ва ғ. мебошад.

## НУТҚИ МУРАТТАБ

Инкишофи нутқи мураттаб барои сайқал додани нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон аҳамияти муҳим дорад.

Хонандагон дар натиҷаи иҷрои машқу супоришҳо тарзи муратtабсозии матн, нақли бонизоми андеша ва мулоҳизоти худро ёд мегиранд.

Усули дарси инкишофи нутқи мураттаб тахминан чунин мешавад.

**Бад макуну бад маяндеш**

(*ба таври мубоҳиса*).

*Мақсад:* Таҳлил ва муҳокимаи бадӣ, бадкирдорӣ ва оқибатҳои он.

Катиба: Ин ҳама ҳеҷ аст, чун мебигзарад,
Бахту тахту амру наҳю гиру дор.
Номи неки рафтагон зоеъ макун,
То бимонад номи некат ёдгор.

*Саъдии Шерозӣ*

*Равиши дарс:*

I. Суҳбати муқаддимавии муаллим доир ба масъалаи бадӣ ва бадкирдорӣ.

II. Шарҳ додани калимаҳои душвори матн:

**Зоеъ кардан** – барбод додан, нобуд кардан
**Дар табиат** – дар зиндагӣ, дар ниҳоди одамӣ
**Саноат** – пеша, кор, рафтор
**Ҳамдам** – дӯст, ҳамроз, мунис
**Иттифоқ** – тасодуфан, ғайри ихтиёр
**Рафоқат** – дӯстӣ, ҳамдамӣ
**Маъво** – манзил, макон
**Нишот** – шодӣ, хурсандӣ
**Тараб** – шодмонӣ, хурсандӣ, шодӣ
**Фироқ** – ҷудоӣ, дурӣ, ҳиҷрон
**Сипар** – асбоби ҷангӣ
**Наҳй** – манъ кардан, боз доштан
**Ҷавшан** – либоси ҷангии оҳанӣ
**Озмойиш** – санҷиш, имтиҳон
**Барошуфтан** – хашмгин шудан
**Бемурувват** – бадсират
**Хоро** – санги сахт, гранит
**Ҳукамо** – ҳокимон
**Хасис** – паст, разил, бахил, мумсик

**III.** Шеърро мустақилона хонед ва маънидод кунед.

Набояд кард бад бо бегуноҳе,
Набояд канд худро низ чоҳе.
Гуноҳ набвад з-ин дар табиат,
Макун бо бегуноҳе ин саноат.

*Фаридаддини Аттор*

IV. Зарбулмасалу мақолҳои зеринро, ки ба мавзӯи бадкирдорӣ дахл доранд, хонед ва аз ҳаёти шахсии худ, аз навигариҳои радио ва телевизион, рӯзномаву маҷаллаҳои хондаатон вазъиятҳоеро нақл кунед, ки ба мазмуни зарбулмасалу мақолҳо мувофиқат кунанд:

а) Ба кирдори бад – сазои бад.

б) Чоҳкан – зери чоҳ.

в) Бад кунӣ, бад бинӣ.

V. Ҳикояти зеринро бо диққат хонед ва мазмуни онро нақл кунед.

## САНГПУШТ ВА КАЖДУМ

Сангпуште бо каждуме дӯстӣ дошт ва онҳо ҳамеша ҳамдаму ҳампушт буданд.

Рӯз то шаб муоширу ҳамдам,
Шом то субҳ мунису маҳрам.

Вақте чунон иттифоқ афтод, ки аз рӯйи зарурат мебоист ватани худро тарк кунанд. Ҳарду дар рафоқати якдигар ба сӯйи маъвои дигар равон шуданд. Иттифоқо гузари онҳо ба наҳри калоне афтод. Чун каждум аз он об гузашта наметавонист, ҳайрон шуд.

Сангпушт гуфт:

– Эй ёри азиз, туро чӣ шуд, ки гиребони ҷомаи ҷон ба дасти андӯҳ додӣ ва домани дил аз нишоти тараб дарчидӣ?

Каждум гуфт:

– Эй бародар, андешаи гузаштан дар ин об маро дар гирдоби ҳайрат афкандааст, на аз об гузаштан муяссар аст ва на тоқати фироқи дӯстон мумкин.

Ту меравию мани хаста боз мемонам,
Аҷаб ки бе ту бимонам, аҷаб ҳамемонам.

Сангпушт гуфт:

– Ҳеҷ ғам махӯр, ки ман туро бе кулфате аз об гузаронда, ба соҳил мерасонам ва ба пушти худ завраќе сохта, синаро сипари балои ту месозам. Ҳайф бошад ба душворӣ ёре ба даст овардан ва ба осонӣ аз даст додан.

Пас сангпушт каждумро дар пушт гирифта, сина бар об афканда равон шуд. Дар аснои шиноварӣ овозе ба гӯши сангпушт расид ва ков-кове аз ҳаракати каждум ҳис кард. Пурсид, ки «ин чӣ овоз аст, ки мешунавам ва ту чӣ кор мекунӣ?» Каждум ҷавоб дод, ки «нӯги неши худро бар ҷавшани вуҷуди ту озмойиш мекунам». Сангпушт барошуфт ва гуфт:

– Эй бемурувват, ман ҷони худро барои ту дар гирдоби хатар афкандаам ва ба киштии пушти ман аз ин об мегузарӣ. Агар ҳаққи дӯстии қадимро ба эътибор нагирӣ, сабаби неш

задан чист? Ҳарчанд аз ин ҳаракати ту осебе ба ман нахоҳад расид ва неши дилхароши ту дар пушти хоромисоли ман таъсире нахоҳад кард?

Каждум гуфт:

– Табиати ман майли неш задан дорад, хоҳ захм бар пушти дӯст бошад, хоҳ бар синаи душман.

Сангпушт ба худ андешид, ки ҳукамо рост гуфтаанд: «Нафси хасисро парвардан обрӯйи худ барбод додан аст ва сарриштаи кори худ гум кардан». *(Ҳусайн Воизи Кошифӣ).*

1. Ба рафтори каждум чӣ хел баҳо медиҳед?
2. Оё бадӣ дар ҳалли мушкилоте, ки дар ҳикоят ҷой дорад, ёрӣ расонд?
3. Магар рафтори бадкирдоронаи каждум боиси ба миён омадани мушкилоти наве нашуд?
4. Одамон пеш аз бадкирдорӣ чӣ андеша мекарда бошанд?
5. Агар шумо шоҳиди чунин ҳодиса шавед, чӣ хел рафтор мекардед?
6. Бепарвоии одамон сабаби зиёд шудани бадкирдорӣ шуда метавонад?
7. Ба фикри шумо, чӣ бояд кард, ки бадию бадкирдорӣ дар байни одамон ба нестӣ расад?

VI. Навиштани нақли муфассал дар мавзӯи «Бадкирдорӣ ва оқибатҳои он» (мустақилона).

VII. Хондани нақли навишташуда:

Се-чор нафар хонанда (интихобан) матни навиштаашонро мехонанд ва аҳли синф онро муҳокима мекунанд.

VIII. Кор бо хатоҳо: Бо ёрии омӯзгор хонандагон хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва лафзии дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ содиркардаашонро ислоҳ мекунанд.

IX. Хулосабарорӣ ва ҷамъбасти мавзӯъ.

***172. Матнро бодиққат хонед ва онро истифода карда худатон мустақилона дар ин мавзӯъ иншо нависед.***

## КИШВАРИ МАН ОБОД МЕШАВАД

… Агар ба дастовардҳои истиқлолият хушбинона назар афканем, самараҳои аҷиби дарахти озодиро мушоҳида мекунем.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар намоишгоҳи «ЭКСПО-2000», ки дар шаҳри Ҳанновери Олмони федеролӣ сурат гирифт, бигирем. Дар байни мамлакатҳои хурду бузурги дунё сарватҳои табиӣ, маҳсулоти корхонаҷот, ҳунар, расму русуми худро намоиш додан ва мақоми хоса ёфтани Тоҷикистон чун як давлати соҳибистиқлол бахти андак нест. Воқеан, ман дар ин намоишгоҳ бузургии ватан ва қимати ватандорӣ, соҳиби кишвари озоди худ буданро аз нигоҳи «ҷамъият»-и ғарибон боз амиқтар дарк кардам. Охир, бисёр тоҷикистониҳои бо амри тақдир муҳоҷир аз мамлакатҳои хеле дур барои ширкат дар Рӯзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ҷо омада, бо пазмонӣ ва меҳри беандоза савту суруд ва рақсҳои ҳунармандони тоҷикро пазируфта, ашки шодӣ мерехтанд. Ман он ҷо бастакори маъруфамон Фирӯз Баҳорро дида, аҳвол пурсидам:

– Медонӣ, – гуфт ӯ маҳзунона, – Хонаам ин ҷо асту дилам дар Душанбе… Як чизро дарк кардам: решаву пояи асарҳои ман дар Тоҷикистон аст. Э бародар, барои он, ки дар Душанбе хуни нофаш рехтааст, дар оғӯши гарму пурмеҳри тоҷик бузург шудааст, зистан дар мамлакати ғайр азоби алим[1] аст…

Ва ҳамдиёрони олмонинажоди муҳоҷир, ки аз базмҳои тоҷикӣ бо ифтихор меболиданд, сари ҳар қадам бо ҳасрат мегуфтанд:

– Ғайри Душанбеву Тоҷикистон ҳама чиз мерасад. Ҳамсояҳои меҳрубону ҳамкорони азиз, хиёбонҳои гулпӯши Душанбе, эҳе, дараи Варзоб ҳамеша ба хобамон медароянд. Бовар кунед, баъзан ашк мерезам. Ҳо, ғарибӣ дили одамро нозук, обу адо мекардааст. Шунидани як сурудак, дидани манзараҳои Тоҷикистон ончунон ба дил таъсир мерасонад, ки беихтиёр оби чашм шаш қатор мерезад.

– Азизон, мо-ҷамъияти ғарибонро,боз Тоҷикистони азиз бо ҳам овард,– мегӯяд зане ба воситаи баландгӯяк дар базми хайрбод ва меафзояд:

---

1. **Алим** – дарднок, аламнок, пуразоб

– Ман худро ҳамеша тоҷикистонӣ меҳисобам, ифтихор дорам, ки тоҷикистониам. Эҳе, дар ин мамлакат ин хел базму самимиятро дар хоби шабат мебинӣ… Нигоҳ кунед, чӣ хел мо – ҳама мисли фарзандони як оила зебову озода, хушбахту сарфароз гирди як дастархон нишастаем. Ватандорӣ чӣ бахти бузургу беназир аст. Афсӯс, ки инсон то аз канори модар – ватан, маҳрум нашавад, ба қадри ин неъмати беҳамто намерасад. Зиндаву поянда бод, Тоҷикистони маҳбуб!

Ба сиёсати сулҳҷӯёнаи Президент Э. Ш. Раҳмонов барор мехоҳем!

… Дӯстону хайрхоҳони давлати соҳибистиқлоли мо, шукри Худо, ки имрӯз дар саросари дунё зиёданд. Тоҷик дар хонадони худ президентҳои бузургтарин мамлакатҳои дунёро пазируфт ва перомуни сулҳу осоиши дунё суҳбат орост.

Сарвари давлати мо имрӯз на танҳо барои ободиву осудагии Тоҷикистон, балки таҳкими сулҳу осоиш дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва саросари дунё худро масъул мешуморад, пайваста мубориза мебарад, ҳиссаи арзанда мегузорад.

Ҷомеаи Тоҷикистон, фарзандони донишманду боҳунари тоҷик чун даҳ қарн пеш ҳадафу афкори башардӯстонаро равнақ мебахшанд ва чашми тоҷик ҳамеша ба роҳи дӯсти ҷонӣ интизор, дари дил ва хони меҳру неъматаш барои хайрхоҳон кушода аст.

…Эй кош, ниҳоли истиқлоли давлати тоҷик дарахти бузурги сарсабз гардад ва ба рағми[1] душманон ҳазорҳо сол ба фарзандони миллат меваи шаҳдбори озодӣ диҳад!... *(А. Самадов).*

***173. Матнро хонда, мулоҳизаҳоятонро дар бораи дӯстии оҳу, гунҷишк ва муш баён кунед. Бигӯед, ки дӯстӣ чӣ тавр пайдо мешавад? Омилҳое, ки дӯстиро мустаҳкам ё заиф мегардонанд, ба назари шумо, кадомҳоанд?***

Оҳуе дар баландии хушбоду ҳаво ва сералафи кӯҳсор мечарид. Чашми вай ба гунҷишке, ки ҳар сӯ меҷаҳид, афтод. Оҳу ба вай нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ ин қадар ҷастухез дорӣ, магар ба саёҳат омадӣ?

1. **Рағм** – қароҳат, ҳақиру хор нигаристан, ба назар нагирифтан

– Не, ман ба назди ту омадам, мехоҳам бо ту ошно шавам, – ҷавоб дод гунҷишк.

– Ту чӣ кори хуб карда метавонӣ, ки ман ба ту ошно шавам? – гуфт оҳу.

– Парво накун, аз дасти ман бисёр корҳои хуб меояд. Худат дида, баъд қоил мешавӣ, – гуфт гунҷишк.

Оҳу ин пешниҳоди гунҷишкро қабул кард. Онҳо аз ҳамон рӯз сар карда дӯстона зиндагӣ ба сар мебурданд. Баъд ба онҳо муш ҳам ошноӣ пайдо кард.

Рӯзе оҳу аз рафиқонаш ҷудо шуда, ба доми сайёде афтод. Сайёд хост, ки оҳуро зинда ба хонааш барад. Бинобар ӯро ба дарахт бо банд сахт баста, худаш ба деҳа рафт.

Гунҷишк ва муш ба ҷустуҷӯйи оҳу баромаданд. Ногоҳ гунҷишк дид, ки оҳу дар як дарахт баста шудааст. Вай зуд ба назди муш рафта, воқеаро нақл кард.

Ҳардуяшон ба назди оҳу омаданд. Муш бо дандончаҳои тезаш бандро бурид. Оҳу аз доми сайёд озод шуда, бо дӯстони хурдтараки бовафои худ ба даштҳои васеъ дилкушо рафтанд. Онҳо ҳамин тавр дӯстона зиндагӣ мекарданд.

*Аз афсонаҳои халқӣ*

***174. Матнро бодиққат хонед. Бигӯед, ки дар ин ҳикоя чӣ ҳикмат таъкид шудааст? Худатон аз дида ва шунидаҳоятон дар ин мавзӯъ нақл кунед.***

Як марди мӯйсафеде дар биёбон ниҳоле шинонда нигоҳубин мекард. Чанд сол мегузараду ниҳол қомат афрохта бузург мешавад. Ҳар як шахси раҳгузар дар сояи он дарахт нишаста, ба шинонандаи ӯ раҳмат мегӯяд. Марди мусофир қарор медиҳад, ки аз мӯйсафед он дарахтро бихарад. Аввал мӯйсафед ризо намешавад, вале марди мусофир зорию илтиҷо мекунад.

Ниҳоят, марди мусофир дарахтро мехарад, вале сирри ин воқеаро ба ҳеҷ кас намегӯяд. Аз байн як-ду сол мегузараду роҳи ӯ боз аз ҳамон биёбон меафтад, ки яккадарахтро харида буд. Савори асп хурсандона ба ҷониби он биёбону он дарахт лаҷоми аспро тоб медиҳад, ки ҳоли дарахтро бифаҳмад. Роҳи пештараро тай карда, рафта мебинад, ки яккадарахт аз пештара беҳтар нашъунамо дорад, сояааш

ғафстар шудааст. Ҳоло дар сояи он се нафар раҳгузар, ки аз шаҳри дур омадаанд, нишастаанду ба якдигар мегӯянд:

– Ба одами ин дарахтро шинондагӣ раҳмат. Дар сояаш хеле дам гирифтем.

– Албатта, раҳмат. Лекин, агар ин дарахти мевадор мебуд, дар ин биёбони беоб одами раҳгузар меваи онро хӯрда ташнагиашро мешикаст. Дар ҷойҳои мо дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи роҳҳои дур себи туршак мешинонанд, ки одами ташна якто гирифта хӯрад, ташнагиаш мешиканад. Себи ширинак не, қасдан туршакро мешинонанд.

Аммо онҳо дар ҳаққи шахси ин дарахтро харидагӣ ҳеҷ чиз нагуфтанд, чунки аз яккадарахтро харидани ӯ хабар ҳам надоштанд. Ва ақли ҳеҷ кас намегирифт, ки ин яккадарахтро касе дар байни ин биёбон сабзонида, боз ба каси дигар фурӯхта бошад. Вай аз гапҳои онҳо маъюс шуда, дар як тараф рӯйи ҷомааш дароз кашида, ба хониши мурғони роҳгузар гӯш медиҳад, ки онҳо чӣ мегуфта бошанд. Мурғон аз ҳар тараф бисёр омада буданд. Ҳар кадомашон овози хоси худро доштанд, лекин мазмуни байти суруди ҳамаашон як хел буд.

– Ба одами ин дарахтро шинондагӣ ҳазор раҳмат, ба харида соҳибикарда сад раҳмат, – такрор ба такрор мехонданд онҳо.

Он вақт марди мусофир мефаҳмад, ки аз шинондан то харидан чӣ фарқе будааст ва афсӯсхӯрон ба пешонаи худ якто мезанад, ки як бех дарахт нашинонда, умри худро беҳуда гузаронидааст. Марди мусофир боз ба гуфтаҳои се нафар роҳгузаре, ки барои ташнагиро шикастан аз фоидаи себи туршак гап мезаданд, панд гирифта, минбаъд ҳар сол аз баҳорон сар карда, қад-қади кӯчаҳо, дар куҷое имкони сабзидани як ниҳоле бошад, мешинонад ва то амал карданӣ онҳо об кашонида, зери ҳар бех мерезад. Ва, ниҳоят, дар чанд ҷойи он биёбон себҳои туршак шинонда мепарварад, ки роҳгузарон себ хӯрда, ташнагиашонро бишкананд.

*Мутеулло Наҷмиддинов*

***175. Матнро хонда аломатҳои китобати онро шарҳ диҳед. Бигӯед, ки дар он кадом сифатҳои баҳор ёдрас шудааст? Ба ҳамин матн такя карда, худатон дар мавзӯи «Наврӯз – огози киштукор» иншои мухтасар нависед.***

– Ана, боз баҳор омад. Баҳори файзбор, баҳори суруду шодӣ, баҳори кор бахри деҳқони бунёдкор.

Марҳабо, баҳор! Қадамҳои нахустинат ба ватани мо ҳуҷаста бод, баҳори нозанин! Омадани туро тамоми мавҷудоти олам интизорӣ мекашанд. Бо омадани ту замин аз хоби ноз бедор мешавад, тамоми гулу буттаҳо, дарахтону сабзаҳо ба шукуфтан оғоз мекунанд:

Эй баҳори орзуи умри инсон, марҳабо,
Эй сафои рӯзгори чархи гардон, марҳабо.
Аз назокат накҳати гул бар машоми кас расид,
Нози наврӯзӣ ба хоки Тоҷикистон, марҳабо!

Парандагон бо чаҳ-чаҳи худ, дарёву ҷӯйборҳо бо оби равон, талу теппаҳо бо гулу сабзаҳо ба шукуфтан медароянд, ки ин ба табиат ҳусни дигареро зам мекунад, аз ҳавои атромези баҳорӣ ва хониши булбулони зор бо савту навои худ ошёнгузори гулзору чаманистонҳо мешаванд, ба хотири он ишқи дилсӯзе, ки нисбати гул дорад, кас ҳаловат мебарад.

Бо расидани ҷашни Наврӯз айёми киштукори баҳорӣ сар мешавад ва деҳқонон серташвиш мегарданд. Аз ин рӯ, Наврӯзро иди баҳор, иди деҳқон низ меноманд.

Деҳқонон ба саҳро мебароянд, мӯйсафедон донаи гандумро ба замин мекоранд, бо ҳамин фасли кишт оғоз меёбад. Одамон хонаҳо ва дилҳои худро пок мекунанд. Ғаму кинаи куҳнаро аз дил берун меоранд, гуноҳи якдигарро мебахшанд, соли навро бо ниятҳои тоза пешвоз мегиранд.

Баҳор бо ҳама хубӣ, зебоӣ ва рангинии худ меҳмони мардуми Тоҷикистон мешавад. Баҳори нозанин ва Наврӯзи дилафрӯзро мардум бо шодиву хурсандӣ ва суруду тарона истиқбол мегиранд:

Наврӯз шуду асри наву соли нав омад,
Дар кишвари тоҷик зи нав иқболи нав омад.
Пӯшида ба бар, тоҷ ба сар духтари Наврӯз,
Бо соли нав иқболи наву фоли нав омад.

*«Парвин»*

***176. Матни зеринро хонед, мазмуни онро нақл кунед. Пас аз он мулоҳизаҳоятонро мустақилона оид ба ин мавзӯъ нависед.***

Пӯлод ҳар рӯз ба боғчаи бачагон меравад. Дар боғчаи бачагон дарахтони гуногун ва гулҳои зебо бисёранд.

Пӯлод як хислати бад дорад. Вай шикастани шохчаҳои дарахтон, кандани ғунчаи ношукуфтаро дӯст медорад. Ӯро барои ин кораш мураббия борҳо танбеҳ дода буд. Пӯлод на танҳо гулҳоро меканаду шохчаҳои дарахтонро мешиканад, ӯ ҳатто гурбаи худаш ва мурғони ҳамсояро ором намегузорад.

Ҳалимбобо, ки ҳамсояи Пӯлод аст, асалпарвар аст, чанд бор Пӯлодро бо асал зиёфат карда буд.

Занбӯрҳои асали Ҳошимбобо чунон зебо, ки болҳои тиллорангу нафиси онҳо дар офтоб чун абрешим медурахшиданд. Дар дили Пӯлод дарҳол хоҳиши дастгир намудани ин занбӯрҳо пайдо шуд. Ӯ давида рафта чӯрӯби дар назди дарвоза хобидаро гирифта овард. Вақте ки 3-4 занбӯри асал ба лаби ҷӯйча нишаст, Пӯлод онҳоро бо чӯрӯб сахт-сахт зад. Як занбӯр аз зарби чӯрӯб ба об ғарқ шуд, дигаре дар ҳолати беҳушӣ дар рӯйи рег хобид. Ду занбӯри дигар ба зӯр парида рафт.

Пӯлод дарҳол он занбӯри афтодаро дастгир карда, дар як лаҳза болҳои зебою дурахшони онро аз тан ҷудо кард. Бечора занбӯри бебол акнун парвоз карда натавониста, дар рӯйи рег мехобид. Ду занбӯри аз дасти Пӯлод халосхӯрда бо тарсу ҳарос ба хонаи худ, ба назди қуттиҳои асал парида рафтанд. Дар даромадгоҳи қуттиҳои асал занбӯрмодар бачаҳояшро бодиққат аз назар мегузаронд. Вай модари бисёр сахтгир буд. Ягон нафар бачаи худро бо пойҳои чиркин ва ё болҳои пурчанг ба асалхона даромадан намемонд.

Якбора ду занбӯри асал бо доду фиғон ба назди модар парида омаданд.

– Дар боғи ҳамсоя, дар лаби ҷӯйча писарбачае…

– Хайр, чӣ кор кард он писарбача? – пурсид занбӯрмодар бо хотири парешон.

– Як хоҳаракамонро нобуд кард, болашро канд…

– Як хоҳаракамонро ба об ғарқ кард, – гуфт занбӯри дигар.

– Чӣ бераҳмӣ! – ба ғазаб омад занбӯрмодар. – Мо рӯзи дароз заҳмат мекашем, асали хушбӯй ҷамъ меоварем, вай бошад… Равед, ӯро ҷазо диҳед!

Як занбӯри асал бо фармони модар ба сӯйи ҳавлии Пӯлод парвоз кард. Вай зуд аз байни шохҳои дарахтон, гулу сабзаҳо, аз болои деворҳо гузашта, ба лаби ҷӯйча расиду ба зери чашми Пӯлод неш зад. Пӯлод доду фарёд бардошт:

– Вой, вой, вой, ору газид…

Пас медонед чӣ шуд?

Чашму рӯйи Пӯлод чунон варам кард, ки мондан гиред! Вай ҳатто аз шармаш як рӯз ба боғча нарафт.

Пас аз ин Пӯлод фаҳмид, ки оқибати ранҷонидани мурғ, гурба ва занбӯр барин ҷонваракони бегуноҳ чӣ тавр бад будааст. (*Аз маҷалла*).

***177. Матнро бодиққат мутолиа намуда, мазмуни онро бо якчанд ҷумла баён кунед. Бигӯед, ки аломатҳои китобат дар ташкили ин матн чӣ саҳм доранд?***

Деҳаи Березович (Беларус) дар оғӯши зулмат мехобид. Аз канори беша хонаҳои чӯбии бомҳояшон най ва пахолпӯш мисли сиёҳии киштиҳое, ки дар бандар лангар андохтаанд, пасту баланд менамуданд. Баъзе хонаҳое, ки аз берун бо оҳак сафед карда шуда буданд, бо тирезаҳои хурд-хурди чоркунҷаашон завраққои бодбониро мемонданд. Ҳар замон шулӯп-шулӯпи ба соҳил бархӯрдани оби кӯли на чандон калоне, ки дар самти шарқии деҳа воқеъ буд, шаҳрчаи лаби баҳрро ба хотир меовард. Чирроси ҳашаротҳои гуногун то хеле дурӣ ба гӯш мерасид ва гоҳ-гоҳ аз ин ҷою аз он ҷо аккосзании сагон хомӯшии ваҳмангези шаби торро халалдор мекард…

– Онҳое, ки немисҳо дирӯз дастгир кардаанд, дар осиёби деҳа маҳбус мебошанд, – гуфт Давлат ба Клими донбасӣ, ки дар паҳлуяш ҳамроҳи Самееви Восмушка дароз кашида буд. – Вазифаи гурӯҳи шумо номаълум ба осиёб наздик шуда, посбонро аз миён бардошта, одамони моро озод кардан ва ҳамроҳ ба беша қафо нишастан аст…

Ҳамин вакт телефонист Петя Семёнов омада хабар дод:

– Рафиқ комбат, аз сардори штаб Карпенко хабар омад, ки ҷанговарони мо бо сардории артиллерист ба анбори яроқу аслиҳа роҳ кушодаанд ва аллакай чизи бисёре кашонидаанд.

– Айни вақти ҳамла, – гуфт худ ба худ Давлат ва ба воситаи Петя командирони гурӯҳҳоро ба наздаш ҷамъ карда, бори дигар вазифаи ҷангиро таъкид намуд.

– Сар мекунем, рафиқон. Аз ҳама аввал гурӯҳи Клим ба сӯйи осиёб ҳаракат мекунад. Баъди он авангарди гурӯҳҳо, аз

паси он ҳар се гурӯҳ аз ғарбу шарқ ва ҷануб хомӯш пеш рафта, ҳамин ки ба наздикии посбонҳои немисҳо қадамҳои башумор монд ва деҳа ба ҳалқа гирифта шуд, ба осмон мушаки сабз парронда мешавад ва ин ишора ба ҳамлаи якҷояи ҳама мебошад. Фаҳмидед?

– Фаҳмидем, рафиқ комбат, – ҷавоб доданд оҳиста ҳозирон…

– Пеш аз ҳама, кӯшиш бояд кард, ки нақшаи мо ба қадри имкон бе ғалоғула ва оташфишонии зиёдатӣ ба амал барояд, то ки қувваи тозаи немисҳо аз атроф ба ёрӣ нашитобад,– таъкид кард Давлат.

– Ғалаба насибатон бод, рафиқон! – гуфт комбат Сафоев ба китфи ҳар кадоми онҳо бо навозиш даст зада.

Расо соати сею ними шаб амалиёт сар шуд.

Аз ҳама аввал посбонҳои немис барҳам дода шуда, барои амалиёти якҷоя имконият ба миён омад. Пас аз ин як гурӯҳ ҷанговарон бо сардории худи комбат Сафоев дарҳол ба хонаи командири ротаи немисҳо зада даромада, ӯро зинда ба даст овардан мехостанд, ки вай дар оғӯши торикӣ аз тиреза ҷаҳида гурехт…

*Фотеҳ Ниёзӣ*

***178. Матнро хонда, онро ба қисматҳо ҷудо кунед. Аз рӯйи қисматҳои ҷудокардаатон мухтасар нақл кунед.***

Вақте ки Одина дар самоворхона аз Шариф хабаре аз хонаводааш пурсид, аввал, аз бими он, ки ба Одина таъсири бад хоҳад кард, бо вуҷуди донистани ин ҳама аҳволро ба ӯ нагуфтанӣ буд. Чун баъд аз нақли саргузашти худаш ӯро хеле осуда ва оромида ёфт, ба ин аҳволи ӯ фирефта шуда ҳамаи ин воқеаҳоро, агарчи ба ин тафсил набошад ҳам, кӯтоҳ карда гуфт. Шариф дар вақте ки ин воқеаҳоро ба Одина ҳикоят мекард, дар ҳар сари сухани худ ба ҳоли ӯ бодиққат менигарист ва ӯро аз аввал ҳам осудатар ва оромида ёфта ба ҳикояти худ давом мекард.

Баъд аз тамом шудани ҳикоят дид, ки Одинаро хоб рабудааст, яқин кард, ки ӯ ба ин аҳвол аҳамияте надодааст. Дар ин асно Шоҳмирзо палав ва шӯрборо кашида овард ва хост

Одинаро бедор кунад, то ҳамроҳ хӯрок хӯранд. Ҳарчанд саъй кард, Одина бедор намешуд, пас маълум гардид, ки мадҳуш шудааст. Шариф донист, ки он ҳама осудагӣ ва оромиҳо на аз ҷиҳати аҳамият надодан, балки аз ҷиҳати заъф ва нотавонӣ будааст.

Агарчи Одина баъд аз дасту пояшро молидан ва ба рӯяш об задани Шоҳмирзо ба ҳуш омада, чашмонашро кушода бошад ҳам, чиз хӯрдан он тараф истад, ёрои ҳаракат кардан ва ҷунбидан надошт, танҳо чашми худро кушода ба як нуқта теғ кашида нигоҳ карда меистод ва боз мепӯшид.

Бо таъсири ин аҳвол аз гулӯи Шоҳмирзо ва Шариф ҳам ош ва нон нагузашт ва таомро ба як сӯ ниҳода ҳарду кати Одинаро бардошта ба даруни самоворхона даровrouteанд.

Шариф ҳам ба боз омадан ваъда дода баромада ба қӯшхонаи худ рафт.

*Садриддин Айнӣ*

***179. Матни зеринро аввал шифоҳӣ нақл карда, пас аз он мазмунашро дар шакли ҳикояи хурд нависед.***

Гулбибӣ аз падари худ Султонмурод ба синни яксолагӣ ятим монда буд, то синни ҳаштсолагӣ ба дасти модараш Раҳимабегим, ки холаи Одина буд, парвариш ёфт. Раҳимабегимро ягона муддао ин буд, ки Гулбибиро қадрас карда, ба хоҳарзодаи худ ба занӣ бубахшад, ба ин восита чароғи худ ва чароғи ҳамшираи худро фурӯзонад.

Лекин ба ин орзуи худ нарасида вафот кард. Дар вақти мурдани худ ягона васияте, ки ба модараш Бибиоиша намуд, ин буд, ки нури чашми ӯ Гулбибиро ба қатори Одина парвариш намояд, вақте ки қадрас шавад, ба Одина ҳамхона кунад.

Албатта, Бибиоиша ин васиятро фаромӯш накард ва шабу рӯз дар пайи ин буд, ки Одина зудтар калон шавад ва аз хизмати Арбоб халосӣ ёфта, асбоби тӯйро тайёр намуда, дар вақти зиндагии ӯ амонаташро (яъне Гулбибиро) аз дасти ӯ бигирад. Рӯзе Бибиоиша гуфт:

– Ҷони модар, солат ҳабдаҳи пурра шуд. Ду сол аст, ки ба Арбоб хизмат мекунӣ, бояд ба бадали музди хидмати ду-

солаат ҳаққи ҳисоби Арбоб бо ту баробар шуда бошад. Акнун вақти он аст, ки аз хӯҷаини худ рухсат гирифта, дар пайи кори худ шавӣ ва панҷу чоре пасандоз карда дари хонаи модаратро кушоӣ ва чароғи падаратро фурӯзонӣ…

Одинаро ҳам ягона орзу ҳамин буд, ки ҳар чи зудтар аз дасти Арбоб Камол халос шавад. Монанди дигар ҳамватанони худ ба тарафҳои Фарғона рафта муздурӣ ва ҳаммолӣ намояд. Вақте ки соҳиби як миқдор чизу чора шуд, ба диёри худ бозомада, ба духтари холаи худ Гулбибӣ ҳамхона шуда, ба хушию хуррамӣ рӯзгор гузаронад.

Аммо чӣ гуна ва ба чи роҳ аз дасти Арбоб халосӣ ёфтанро намедонист. Дашномҳо, шаттаҳо, шапалоқҳои Арбоб чунон чашмашро тарсонида буд, ки ёрои сар бардошта ба ӯ нигоҳ карданро надошт.

Чӣ ҷойи ҳисобталабию рухсатхоҳӣ. Лекин бо вуҷуди ин, ҳама тарсу бим ба сабаби модаркалонаш далерӣ пайдо карда, рӯзе фурсат ёфта ба Арбоб матлаби худро изҳор кард.

Арбоб Камол бо шунидани ин моҷаро мисли шери дарранда ғурридан гирифт ва дар зери лаби худ мегуфт.

– Рухсат… ҳисобӣ… Ин чист?... Ҳамоно шиками ин модарбахато аз нон сер шудааст. *(С. Айнӣ)*.

## ТАКРОРИ СОЛОНА

Саволу супоришҳо барои такрору банизомдарории маводди дар синфҳои V-IX омӯхташуда:

1. Забони адабии муосири тоҷикӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир чӣ мақом дорад?
2. Услубҳои забони адабии муосири тоҷикӣ кадомҳоянд?
3. Воҳидҳои забонро вобаста ба бахшҳои забоншиносӣ номбар кунед.

***180 . Таърифи ҳар як бахши забоншиносиро ба ёд оварда бигӯед, ки фонетика, луғат, морфология, синтаксис чиро меомӯзанд?***

## 46.ФОНЕТИКА ВА ИМЛО

***181. Фонетика чиро меомӯзад ва воҳиди он чист?***

***182. Дар алфавити имрӯзаи тоҷикӣ чанд ҳарф аст?***

***183. Дар таҳрири нави имлои тоҷикӣ кадом тағйирот ворид шудааст?***

***184. Овозҳои нутқ чӣ тавр ҳосил мешаванд? Дастгоҳи овозҳои нутқро номбар карда, вазифаи ҳар яки онро шарҳ диҳед.***

***185. Аз порчаи манзуми зерин калимаҳои ишорашударо ба дафтаратон навишта, овозу ҳарфҳои таркиби онҳоро шарҳ диҳед:***

**Хирад** афсари **шаҳрёрон**[1] бувад,
Хирад зевари **номдорон** бувад.
Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи **хеш** реш.
**Тавоно** бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир **барно** бувад…
**Биёмӯзу** бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳар донише **ромише.**

*Абулқосими Фирдавсӣ*

***186. Овозҳои садоноку ҳамсадоро номбар карда, тафовути фонетикии онҳоро бигӯед.***

***187. Матнро хонед, калимаҳои ишорашударо ба дафтаратон навишта, ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранги таркиби онҳоро шарҳ диҳед:***

Уштуре ва дарозгӯше[2] ҳамроҳ мерафтанд. Ба канори ҷӯйи бузург расиданд. Аввал уштур даромад. Чун ба миёни ҷӯй расид, об то шиками вай баромад. Дарозгӯшро овоз дод, ки:

– Дарой, ки об то шикам беш нест.

Дарозгӯш гуфт:

– Рост мегӯӣ, аммо аз шикам то шикам тафовут[3] аст. Обе, ки ба шиками ту наздик шуд, аз пушти ман хоҳад гузашт.

---

1. **Афсари шаҳрёрон** – тоҷи подшоҳон
2. **Дарозгӯш** – хар, маркаб
3. **Тафовут** – фарқ

Қитъа

Эй бародар, аз ту беҳтар ҳеҷ кас нашносадат,
З-он чи ҳастӣ, як сари мӯ хешро афзун[1] манеҳ.
Гар фузун аз қадри ту бистоядат[2] нобихраде,
Қадри худ бишносу пой аз ҳадди худ берун манеҳ!

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

***188. Имлои ҳарфи ӣ (и-и дароз)-ро фаҳмонед.***

***189. Аз ҷумлаҳои зерин хабарҳоро ёфта, бандакҳои феълию хабариро ҷудо кунед ва онҳоро шарҳ диҳед:***

Ҳарду хӯриш ниҳоят бомаза ва хушгувор буд. *(С. Улугзода).* Кӯдакони кунҷков аз ӯ чашм наканда, ҳайрон буданд. *(С. Айнӣ).* Аз куҷоҳо тоқа-тоқаву села-села гунҷишкакон парида омада, дар бомгӯшаи иморат ва шохи дарахтон нишаста, беғамона чириқ-чириқ мекарданд. *(С. Турсун).* Саид Амон дар канори гандумзор такя бар танаи тути пир дода менишаст. *(Ф. Муҳаммадиев).*

***190. Қоидаи аз сатр ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калимаро бо мисол фаҳмонед.***

***191. Аз порчаи манзуми зерин пайвандаку пешояндҳоро ҷудо карда, имлои онҳоро шарҳ диҳед:***

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг – андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

***192. Доир ба имлои ҷонишинҳои таркибӣ мулоҳизаҳоятонро бигӯед.***

---

1. **Афзун** – изофа, зиёдтар, бештар
2. **Ситудан** – ба маънии мадҳ кардан

## 47. КАЛИМА (ЛУҒАТ)

***193. Аз матни зерин калимаҳои касбӣ-соҳавиро ҷудо карда, шарҳ диҳед:***

Ин дафъа дар Марғилон мо ба маҳзи расидан ҳавлии Султонмаҳмудро дарак гирифта, ба маҳаллаи Машҳад рафтем.

Ӯ моро ба корхонаҳои рангрезӣ, абрбандӣ, тарроҳӣ[1], пилакашӣ ва нусхазанӣ бурда ошно кард. Моро ба ҳама косибони даркорӣ шиносонид.

Дар косибхонаи Марғилон, азбаски ҳама одамони камдастмояе буданд, абрешими путро як қадоқ-ду қадоқ харида, дар деги умумии рангрезхона бо абрешими дигарон дар як ҷо пухта мегирифтанду рангу оби бофашонро[2] худ дар ҳавлиашон дастӣ мекарданд. Шоҳибофони ин ҷоро аз ранги дасту нохунҳояшон шинохта метавонистед, чунки дар ин ҷо фақат чилаҳои[3] абри худро дар рангрезхона ранг мекунонданд…

Мо абрешимҳои худро оварда, ба дукони рангрезӣ мепартофтем, барои иваз кардани бандаки калобаҳои абрешим панҷ қадоқ калобаи ресмон ва аз ҳар ранге як қуттигӣ шаш қуттӣ ранг ва ду пут зок[4] харида омадем…

Дуконхонаи рангрезии Атобой дар таги девори чапаш суфаи калоне дошт. Дамбархона дар ибтидои ҳамин суфа воқеъ шуда буд, ба тавре ки абрешимҳои шусташударо барои дафъаш охир ба мили дамбар[5] гузаронида, бо чорчӯб сахт тофта фишор медод, то мурдобе дар мағзаш намонад ва ҳам абрешим зудтар хушк шавад. *(Ҳ. Ирфон).*

***194. Истилоҳоти зеринро аз рӯйи соҳаҳо ҷудо кунед.***

Овоз, ҳарф, реша, асос, бандак, мубтадо, муайянкунанда, ибора, исм, феъл, ҳиссача, зарф, фонетика, морфология, синтаксис, байт, қофия, радиф, арӯз, достон, қасида, сюжет, образ, матлаъ, мақтаъ, давлат, сулола, ғуломдорӣ, хонигарӣ, шӯриш, гулӯгоҳ, ҷазира, қитъа, баҳр, уқёнус, халиҷ, иқлим,

1. **Тарроҳӣ** – гулбардорӣ
2. **Боф** – пуди абрешим
3. **Чила** – калобаи тори абрешим
4. **Зок** – намаке, ки аз туршии гӯгирд ҳосил мешавад, мисли замч
5. **Дамбар** – афзори дуконхонаи рангрезӣ

дарё, ҷисм, қувва, тавоноӣ, суръат, масофа, масоҳа, лаппиш, мавҷ, секунҷа, доира, силиндр, росткунҷа, ҳандаса, нуҷум, ситора, моҳ, офтоб, сайёра, расадхона, мунаҷҷим.

***195. Ин байтҳоро аз ёд карда, калимаю ибораҳои «сахтӣ», «абри сиёҳ», «оби сафед»-ро ба дафтаратон нависед ва ба кадом маъно омадани онҳоро фаҳмонед:***

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
Ки абри сияҳ борад оби сафед.

*Низомии Ганҷавӣ*

Хуш бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.

*Камолиддини Биноӣ*

***196. Порчаи манзуми зеринро аз ёд карда, муродифи калимаҳои ишорашударо ёбед:***

Биё, то **ҷаҳонро** ба бад наспарем,
Ба **кӯшиш** ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад **пойдор**,
Ҳамон **беҳ**, ки некӣ бувад ёдгор.
Чу некӣ кунад кас, ту **подош** кун,
Ва гар бад кунад, низ пархош[1] кун.
Ҷуз аз **бад** набошад мукофоти бад,
Чунин аз раҳи **дод** додан сазад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

## 48. КАЛИМАСОЗӢ

***197. Сутунҳои нақшаи зеринро бо мисолҳои мувофиқ пур кунед ва ҳар якеро шарҳ диҳед:***

| *Сохта бо ёрии пасвандҳо* | *Сохта бо ёрии пешвандҳо* | *Васлшавӣ бо роҳи пайваст* | *Васлшавӣ бо роҳи тобеъ* | *Гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи нутқи дигар* |
|---|---|---|---|---|
| боғбон | боақл | ҷастухез | тангкӯча | хонанда |

1. **Пархош** – ҷанг ва хусумат

***198. Калимаҳои мураккаб бо ҷузъи «хона»-ро ба як сутун ва калимаҳои мураккаб бо ҷузъи «хуш»-ро ба сутуни дигар нависед:***

Намуна

| | |
|---|---|
| китобхона<br>меҳмонхона | хушсухан<br>хушнавис |

## 49. САРФ (МОРФОЛОГИЯ)

***199. Дар нақша ҳиссаҳои нутқ навишта шудаанд. Нақшаро дар дафтаратон кашида, доир ба ҳар як ҳиссаи нутқ дар сутунҳо 5-6- тоӣ мисоли мувофиқ илова кунед:***

| *Исм* | *Сифат* | *Шумора* | *Ҷонишин* | *Феъл* | *Зарф* | *Пешоянду пасоянд* | *Пайвандакҳо* | *Ҳиссача* | *Нидо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| гул | ширин | даҳ | ман | хондан | зуд | дар<br>-ро | ва | не | оҳ |

***200. Матнро хонда, калимаҳоро аз рӯйи тартиби ҳиссаҳои нутқ гурӯҳбандӣ кунед:***

Ташриф овардани ҳоким ба хонаи Фирдавсӣ ба зудӣ дар деҳа овоза шуд. Дар хонаҳо, давраҳо гапи ҳамин воқеа буд. Деҳқонони калон – ашхоси тавонгар ва мағрури беаслу насаб аз шоир ҳасад мебурданд, ки ба чунин илтифоти хосе аз ҷониби ҳокими вилоят мушарраф шудааст: дар воҳӯриҳо ӯро табрик мегуфтанд; баъзе аз онҳо, ки пештар ба Абулқосими камбизоат бо назари такаббур менигаристанд, акнун бо лаҳни хушомадомез аз вай хоҳиш мекарданд, ки онҳоро ғоибона бошад ҳам, ба ҳоким муаррифӣ намояд. *(С. Улуғзода).*

***201. Аз матни зерин ҷонишинҳоро ҷудо карда, вазифаи наҳвии онҳоро муайян кунед:***

Мо бо Фатҳуддинов дар саҳро вохӯрдем. Се трактори МТС-и Обигарм заминҳои аз зағир холишудаи дашти Бедонаро шудгор менамуд. Раис аз рӯйи шудгори нав чобукона қадам партофта, ҳар замон ба замин диккак менишаст ва хоки тозаро ба каф гирифта, зеҳн мемонд, бӯй мекард ва ба кафи дастонаш майда намуда, боз ба замин мепошид. Ба шахси ношинос аз дур рафтори ӯ аҷоиб менамояд: гӯё аз бекорӣ хокбозӣ мекунад. Дар ҳақиқат ин тавр нест. Сайидака деҳқони куҳна аст, мӯйи сари вай маҳз дар қишлоқ сафед шудааст. Вай ҳаёти худро дур аз замин, аз трактор, ферма, хирман тасаввур карда наметавонад.

Ин дафъа авзои раис парешон буд. Мо аввал гумон кардем, ки ӯ аз рӯйи осмонро пӯшидани абрҳои серборони тирамоҳӣ дар ташвиш аст. *(Ф. Муҳаммадиев).*

***202. Аз матни зерин феълҳоро ҷудо карда, сохташонро фаҳмонед:***

Салоҳи ман дар он аст, ки худро дигарбора ба диёри Ҳинд расонам ва худро аз ин саросемагӣ ва изтироб вораҳонам.

*Аҳмади Дониш*

Баҳори умр ба субҳи дамида мемонад,
Нафас ба ваҳшати сайди рамида мемонад.

*Абдулқодири Бедил*

Ҳоли нодонро зи нодон беҳ намедонад касе,
Гарчи дар дониш фузун аз Бӯалӣ Сино бувад.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Дар берун барф мееборид, дар хона гули садбарг ханда мекард. *(А. Шукӯҳӣ).*

***203. Аз порчаи манзуми зерин пешоянду пасоянд ва пайвандакҳоро ёфта, вазифаи грамматикиашонро фаҳмонед:***

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накуҳоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.
Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Накуҳоҳу ба кас роҳатрасон бош!
Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор…
Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ чораи бечорагон бош!

*Носири Хусрав*

## 50. НАҲВ (СИНТАКСИС)

***204. Бигӯед, ки ибора чи хел воҳиди наҳвӣ аст ва аз дигар воҳидҳои забон чӣ фарқ дорад? Якчанд ибораи озоди наҳвӣ оварда, шарҳ бидиҳед.***

***205. Аз мисолҳои зерин ибораҳоро ҷудо карда, вазифаи наҳвии онҳоро фаҳмонед:***

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Хизматгор дастархон овард. Нони гандуми хушбӯй, шири гарм ва асал ҷоғи меҳмонро тафсонд. Зоҳиран, ӯ хеле гурусна буд, ки хӯрданиҳоро ба ғояти иштиҳо меошомид, ширро ҳурт мекашид ва пораҳои калони нонро ба асал ғӯтонда ва нима хоида фурӯ медоду гап мезад. *(С. Улуғзода)*.

Аробакаши пир аз сари аспҳо гарданакҳоро бароварда, ҷонварҳоро аз ароба озод карда, аз якдигар дур баст, то ҷанг накунанд, сипас чор тарафи полизро тамошокунон якта-нимта қадам ниҳода, сӯйи каппа омад. *(А. Самадов)*.

***206. Аз матни зерин ибораҳоро ҷудо карда, навъи онҳоро аз рӯйи маъно муайян кунед. Бигӯед, ки он ибораҳо бо ёрии кадом воситаҳо ташкил шудаанд?***

Офтоб хеле баланд шуда, ба замину замон гармӣ мебахшид. Осмон мусаффо, нилобӣ ва дастнорас буд. Аз сабзаи навхези баҳорон гирду атроф сабз метофт. Дар пеш кӯҳи Ҳафтсар бо ғурур қад афрохта, барфи қуллаҳояш дар партави офтоби чоштгоҳӣ хуш ҷило медод. Олам дар оғӯши сукунат буд. Ва ин сукунатро танҳо садои на чандон баланди суми аспҳо халалдор мекард.

Усмон Азиз дар болои зин устувор нишаста, сараш андак хам, ба як ранг асп меронд. *(С. Турсун).*

***207. Аз матни зерин ҷумлаҳои сода ва мураккабро ҷудо карда, хели онҳоро фаҳмонед:***

Бегоҳӣ Ҳошим омад. Гулбону аз хушдимоғӣ гирди писараш тортанак мезад. Рӯйи дастархон сарширу ҷурғот, маскаи тар, хел-хел мураббо мениҳод. Ҳарчанд дили Шоҳин аз дидори фарзанд кушода шуд, зоҳиран ба вай рӯйи хуш надод. Вале ба машоми пирамард аз дастон, сару либоси даҳмардагии писараш бӯйи гулу гиёҳи чарогоҳ, нони товагӣ, бӯйи шири гӯсфанд расиду дилаш гум зад. Чеҳраи гандумгуни Ҳошим аз зарби офотоби тезу шамолҳои кӯҳистон хаёле сиёҳтоб гаштааст. Умуман дар қиёфаи фарзанд дигаргуниҳои зиёде дид падар. Ҳошим газгӯшт шудааст. Устухони сари рухсораҳо, рагу пайи гардану дастонаш барҷаста метофтанд. Ин ба Гулбону нафорид, нолид, ки аз гуруснагӣ писари ғарибаш тароша барин шудааст. Аммо Шоҳин дар дил қаноатманд гашт, ки Ҳошим обутоб ёфтааст. Хосияти кӯҳистон ҳамин: агар одам биҷунбад, гӯшт мепартояд, рагу паяш мустаҳкам, саломатиаш рӯз ба рӯз хубтар мегардад. *(А. Самадов).*

***208. Аз мисолҳои зерин ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдорро ба як сутун ва ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандакро ба сутуни дигари дафтаратон навишта ҷиҳатҳои умумӣ ва тафовути сохторию маъноии онҳоро якяк бигӯед:***

1. Муаллим хомӯшона ба тиреза нигоҳ мекард, студентон ҳам наҷунбида менишастанд. *(П. Толис).* 2. Қассоб

гӯсфанд мекушт, ошпазҳо оши палаву кабоб ва нонвойҳо фатири равғанӣ мепухтанд. *(С. Айнӣ).* 3. Зардолуҳо рехта нобуд шуда мерафтанд, аммо ӯ ғундошта намехушконид. *(С. Айнӣ).* 4. Мо хабар дорем, роману повестҳои устодони маъруф бидуни баҳсу мунозираҳо ба нашр тавсия мешаванд. *(Ф. Муҳаммадиев).* 5. Дар қишлоқи Бунни Суфиёни вилояти Ғарм ду лашкаргоҳ дар ду тарафи оби Сорбоғ рӯ ба рӯйи ҳам афтода буданд; дар як тарафи об қишлоқи Поҷеро ба худ қароргоҳ карда аскарони сурх нишаста буданд; дар тарафи дигар, дар қишлоқи Қазноқ манзил карда Фузайл Махдум тайёрӣ медид. *(С. Айнӣ).* 6. Содиқхӯҷа шеърро равон менавишт, аммо услуб ва ташбеҳҳояш ҳамагӣ куҳна ва обшуста буданд. *(С. Айнӣ).* 7. Пеш-пеш аспро йурға кунонда Ҳаҷиумар мешитофт; аз паси вай Юнусбой асп меронд, Нуралӣ аз қафотар мерафт. *(С. Улуғзода).* 8. Онҳо аз субҳ то шом ба по ҳастанд, лекин кас дар чашмонашон ягон нишонаи мондашавиро дида наметавонад. *(Ф. Ниёзӣ).* 9. Шаҳри Бойсун аз одат берун ҷамъият пайдо карда, кӯча ва ҳавлиҳояш аз одамони шаклу шамоилашон гуногун ва либосашон рангоранг пур шуда буд: дар ин ҷо аз элнавкарони телпакдарози қоматбаланди корду футадори Клиф ва Лаби Об гирифта то шоҳбачагони карбосдастори кафши чӯбинпӯши калтак ва камондори Ҳисор, Кӯлоб ва Қаротегин ёфт мешуданд. *(С. Айнӣ).* 10. На дарахте ба мадди назар мерасад, на куле ва на дарёе. *(Ф. Муҳаммадиев).* 11. Худашон ба шумо гуфтагистанд: соле се-чор моҳ вақташон дар ҳамин ҷо мегузарад. *(Ф. Муҳаммадиев).* 12. Ман аз бозор – шумоён ба бозор. *(С. Улуғзода).* 13. Ранҷ набарӣ – роҳат набинӣ. *(Зарбулмасал)* 14. Ман аз ҷой хеста берун баромадам, ҳаво соф ва ором буд, боди сабуке мевазид, аммо рӯйи ҳавлӣ ва замини боғча ба регзоре монанд гашта буд. *(С. Айнӣ).* 15. Гунҷишкакон чиқиррос мезаданд, куркуракон кур-кур мекарданд, мусичагон ва фохтакон ку-ку мегуфтанд, зоғон ва зоғакон аз киштзори нав киштшуда барои худ дон мекофтанд, мӯрчагон хӯроквории бо оби борон таршудаи худро аз хонаҳояшон баровварда шамол медоданд. *(С. Айнӣ).*

***209. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро аз ин шеър ҷудо карда, навъи онҳоро муайян ва дар шакли нақша ҳар кадомеро тасвир кунед.***

Агар ёбам ба рӯйи барфи ҷангал нақши поятро,
Агар орад ба гӯшам боди саҳрои садоятро,
Агар аз бӯйи барги коҷ бишносам ҳавоятро,
Бигӯям: сабр кун, ҳоло наё! – фасли баҳоронро.

Ҳамехоҳам, ки монад нақши пойи ёри ман бо барф,
Машомамро расад бӯйи ҳавои ёри ман бо барф,
Дилам равшан кунад сидқу сафои ёри ман бо барф,
Ки то дар хизматаш даъват кунам табъи ғазалхонро.

Агар бо барф нақши пойи онро бод пӯшонад,
Дилам нақши муборакро ба мулки хеш кӯчонад,
Дигар ин нақш дар мулки дили ман ҷовидон монад,
Ба олам зинда гардонам русуми дӯстдоронро.

Агар барфи зимистон об гардад, навбаҳор ояд,
Агар фасли гулу айёми парвози ҳазор ояд,
Барои кӯзақарнӣ ёр агар дар бешазор ояд,
Намоям пурсуҷӯ аз нақши пояш сабзазоронро.

Насими навбаҳорӣ кокули заррин ба чанг орад,
Зи болои сараш гул резаду қарси фаранг орад,
Рухашро дида садбарги сафеди боғ ранг орад,
Ба ӯ шоир намояд ҳадя назми Тоҷикистонро.

*Мирзо Турсунзода*

***210. Аз матни зерин ҷумлаҳои мураккаби тобеи муқаррарӣ ва сертаркибро ҷудо карда, ба ду сутун нависед:***

Ҷавон имрӯзро дар роҳ гузаронида, шабҳангом ба даромадгоҳи дара расид, ба болои тахтасанге осуда хобид, имшаб ба ҷойи девори ҳавлӣ девори кӯҳи сар ба фалаккашида ба назараш намоён буд, ки соҳиб ва хуҷаин надошт. Дар гирдогирди ҷӯйчаҳои оби равон синаҳои сангро харошида нағмаи «синахарош» мебароварданд, бар болои сараш ситорагони дурахшон нур мепошиданд…

Ҷавон вақте сар бардошт, ки офтоб ба қуллаҳои кӯҳ партав афкандааст, он ҳама дидагиҳояш хобу хаёл будаанд, ки дар ҳақиқат, ҳанӯз аз онҳо асаре нест: аммо аҷаб хоби хуш, турфа хаёли ширин?

Аз ҷой хест, бо оби равоне, ки аз паҳлуи хобгоҳаш мегузашт, дасту рӯ шуст, бо вуҷуди кӯфтагии роҳи дирӯза худро имрӯз аз пештара боқувваттар ва пурзӯртар мепиндошт, лекин гуруснагӣ хотирашро парешон медошт; чизе ёбад, ки бихӯрад, дигар ғам надорад. *(С. Айнӣ)*.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

1. Наҳв чиро меомӯзад?

А) сохтори вожаҳоро; В) ҳиҷои калимаҳоро; С) ибораро; Д) матнро; Е) ибораю ҷумларо.

2. Дар ҷумлаи зерин калимаи «вай» чӣ нақши наҳвӣ дорад? Вай дирӯз ба назди ман омад.

А) пуркунанда; В) ҳол; С) мубтадо; Д) хабар; Е) муайянкунанда.

3. Пайвандаки «ки» чӣ хел пайвандак аст?

А) пайвасткунанда; В) хилофӣ; С) тобеъкунанда; Д) ҷудоӣ; Е) пайиҳам.

4. Пайвандаки тобеъкунандаи «бе он ки» кадом ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунад:

А) шартро; В) натиҷаро; С) пуркунандаро; Д) тарзи амалро; Е) монандиро.

5. Ба андозае, ба қадре, ба ҳадде калимаҳои ҳамнисбати кадом хели ҷумлаи пайраванд?

А) пуркунанда; В) мубтадо; С) миқдору дараҷа; Д) муайянкунанда; Е) хабар.

6. Ҷумлаи пайрави хабар кадом аъзои сарҷумларо эзоҳ медиҳад?

А) ҳоли замон; В) ҳоли макон; С) пуркунанда; Д) мубтадо; Е) хабари номӣ.

7. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла ба воситаи кадом пайвандак тобеъ мешавад?

А) агар; В) то; С) зеро; Д) ки; Е) чунки.

8. «Вақте ки» пайвандаки кадом хели ҷумлаи пайрав аст?

А) сабаб; В) шарт; С) замон; Д) тарзи амал; Е) макон.

9. Қолаби аслии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб чандто аст?

А) 5; В) 4; С) 2; Д) 3; Е) 1

10. Ба ин сарҷумла ҷумлаи пайрави мувофиқ гузоред:

Ман омадам, ки…

А) шуморо бинам; В) аз шумо бинам; С) мо бинем; Д) аз ту набинам; Е) онҳо бинам.

11. Навъи ҷумлаи пайрави ин мисолро ёбед: Вақте ки навкари вакили молиёт ба Бож омада Фирдавсиро ба назди ҳоким бурданӣ шуд, шоир ҳайрон нашуд.

А) тарзи амал; В) сабаб; С) замон; Д) монандӣ; Е) шарт.

12. Ҷумлаи пайрави ин мисол кадом хели ҷумлаи пайрав аст? Инҳо суханҳое буданд, ки пӯлодро сӯрох ва сангро об мекарданд.

А) мубтадо; В) пуркунанда; С) сабаб; Д) замон; Е) муайянкунанда.

13. Аз ин мисол навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед: Одинаро чора ҷуз ин набуд, ки дубора сари худро гирифта ба Фарғона биравад.

А) хабар; В) мубтадо; С) пуркунанда; Д) сабаб; Е) замон.

14. Ҳиссаи пайрави ҷумлаи зерин кадом хели ҷумлаи пайрав аст? То ранҷ накашӣ, ганҷ ба каф наёрӣ.

А) сабаб; В) шарт; С) замон; Д) пуркунанда; Е) мубтадо.

15. Пешояндҳо кадом навъи алоқаи наҳвиро ба миён меоранд?

А) мувофиқат; В) изофӣ; С) вобастагӣ; Д) ҳамроҳӣ; Е) пайваст.

16. Ин ҷумла аз рӯйи сохтор чӣ хел ҷумла аст?

Дар кушода шуд ва мо даромадем.

А) мураккаби тобеъ; В) содаи хуллас; С) содаи тафсилӣ; Д) содаи чидааъзо; Е) мураккаби пайваст.

17. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда муродифи кадом хели ибораҳо аст?

А) масдарӣ; В) феъли ҳолӣ; С) исмӣ; Д) сифатӣ ва сифати феълӣ; Е) шуморавӣ.

18. Навъи ҷумлаи пайрави ин мисолро муайян кунед: Исмат метарсид, ки мабодо Ҳошимкорвон ӯро хафа накунад. А) пуркунанда; В) хабар; С) муайянкунанда; Д) сабаб; Е) мубтадо.

19. Дар ҷумлаи «Вай ҳам чанд карат хост, ки бо мӯйсафедони деҳа шарики суҳбат шавад», пайвандаки «ки» кадом навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла алоқаманд кардааст?

А) муайянкунандаро; В) мубтадоро; С) мақсадро; Д) сабабро; Е) пуркунандаро.

20. Аз ин панди Саъдии Шерозӣ навъи ҷумлаи пайравро ёбед: Касе, ки ҷафову ситам мекунад, ӯ бехи худро меканад.

А) хабар; В) муайянкунанда; С) мубтадо; Д) пуркунанда; Е) сабаб.

21. «Аз бозе ки» пайвандаки кадом ҷумлаи пайрав аст?

А) пуркунанда; В) хабар; С) муайянкунанда; Д) мубтадо; Е) замон.

22. Пайвандаки «ҳамин ки» кадом навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунад?

А) замонро; В) сабабро; С) хабарро; Д) мубтадоро; Е) муайянкунандаро.

23. Ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ба кадом хели ибораҳо баргардондан мумкин аст?

А) масдарию исмӣ; В) феъли ҳолию зарфӣ; С) масдарию сифатӣ; Д) сифатию сифати феълӣ; Е) исмию ҷонишинӣ.

24. Ин мисол кадом навъи ҷумла аст? Фирдавсӣ шод, аммо бинандаи зирак метавонист пай барад, ки шодии ӯ андешаолуд ва андуҳомез аст.

A) мураккаби пайваст; B) мураккаби тобеъ; C) содаи чидааъзо; Д) мураккаби омехта; E) содаи тафсилӣ.

25. Навъи ин ҷумларо муайян кунед: Ҳаво торик мешуд, борон торафт шиддат мекард.

A) мураккаби тобеъ; B) мураккаби омехта; C) мураккаби пайваст; Д) содаи чидааъзо; E) содаи тафсилӣ.

26. «Зеро ки» пайвандаки тобеъкунандаи кадом навъи ҷумлаи пайрав аст?

A) замон; B) шарт; C) натиҷа ; Д) сабаб; E) хабар.

27. Дар ин мисраи устод Рӯдакӣ: Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ, «гар» кадом навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ кардааст?

A) сабабро; B) замонро; C) хабарро; Д) пуркунандаро; E) шартро.

28. Китоби «Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (Душанбе,1971) таълифи кадом забоншиноси тоҷик аст?

A) Ниёзмуҳаммадов Б.; B) Маъсумӣ Н.; C) Тоҷиев Д.; Д) Рустамов Ш.; E) Исматуллоев М.

29. Ин ҷумла аз нигоҳи сохт чӣ хел ҷумла аст?

Падарам барои ин кор ба ман як каландча харида дод ва ман ба кор сар кардам.

A)мураккаби пайваст; B)мураккаби тобеъ; C) мураккаби омехта; Д)содаи тафсилӣ; E) содаи дутаркиба.

30. Дар ҷумлаи «Хулоса, имрӯз Тоҷикистон гул кард» калимаи «хулоса» кадом аъзои ҷумла аст?

A) мубтадо; B) туфайлӣ; C) хабар; Д) муайянкунанда; E) пуркунанда.

31. Дар ин мисраъ: Файзи худро ба сари мо, эй баҳорон, рез-рез *(М. Турсунзода)* кадом аъзои ҷумла такрор шудааст?

A) ҳол; B) пуркунанда; C) хабар; Д) мубтадо; E) муайянкунанда.

32. Дар ин ҷумла кадом аъзо истисно шудааст. Онҳо алиф-

бои зиндагиро – муборизаро, аз вай омӯхтанд. *(Ҷ. Икромӣ).*

А) муайянкунанда; В) ҳол; С) хабар; Д) пуркунанда; Е) мубтадо.

33. «ро» нишонаи кадом аъзои ҷумла аст?

А) хабар; В) муайянкунанда; С) ҳол; Д) пуркунанда; Е) мубтадо.

34. Бандаки изофӣ кадом аъзои ҷумларо алоқаманд мекунад:

А) ҳолро; В) хабарро; С) муайянкунандаро; Д) пуркунандаро; Е) мубтадоро.

35. «Агар» кадом навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунад?

А) замонро; В) сабабро; С) пуркунандаро; Д) хабарро; Е) шартро.

36. Калимаҳои ҳамнисбат чӣ вазифа доранд?

А) ҷумларо тафсил медиҳанд; В) ҷумларо сода мегардонанд; С) сарҷумларо тобеъ мекунанд; Д) ҷумлаи пайравро ҷудо мекунанд; Е) ҷумлаи пайравро тобеъ мекунанд.

37. «Азбаски» пайвандаки кадом ҷумлаи пайрав аст?

А) замон; В) сабаб; С) хабар; Д) пуркунанда; Е) шарт.

38. Муаллифи китоби «Сарфу наҳви тоҷикӣ» (1926) кӣ аст?

А) Д. Т. Тоҷиев; В) Б. Ниёзмуҳаммадов; С) Л. Бузургзода; Д) С. Ализода; Е) А. Фитрат.

39. Муаллифи «Синтаксиси мухтасари забони тоҷик» (1942) кадоме аз ин олимонанд?

А) Л. Бузургзода; В) С. Ализода; С) Б. Ҳоҷизода; Д) Д. Тоҷиев ; Е) Б. Ниёзмуҳаммадов.

40. Пайвандаки тобеъкунандаи мувофиқро дар ин ҷумла гузоред:

Дар кушода нашуд, аз берун баста буд.

А) агар; В) вақте ки; С) зеро ки; Д) ба шарте ки; Е) то ки.

41. Дар ҷумлаи «Баъде ки писарбачаҳо бархостанд, Усмон Азиз ба мулло Салим муроҷиат кард» ҳиссаи пайрав кадом навъи ҷумлаи пайрав аст?

А) хабар; В) мубтадо; С) пуркунанда; Д) замон; Е) сабаб.

42. Аз ин байти Абдурраҳмони Ҷомӣ навъи ҷумлаи пайравро ёбед:

Мағрур машав ба мол чун бехаборон,
Зеро ки бувад мол чу абри гузарон.

А) замон; В) шарт; С) хилоф; Д) сабаб; Е) мақсад.

43. Аз ин байти устод Турсунзода навъи ҷумлаи пайравро ёбед:

Дуртар парвоз кун аз хона – аз ҷойи баланд,
То ки парвози ту ояд дӯстонатро писанд.

А) мубтадо; В) хабар; С) замон; Д) сабаб; Е) мақсад.

44. Навъи ҷумлаи пайравро аз ин мисол ёбед: Ба якдигар ба тарзе нигоҳ мекарданд, ки маънии он ба ҳарду фаҳмо буд.

А) сабаб; В) замон; С) тарзи амал; Д) монандӣ; Е) натиҷа.

45. Навъи ҷумлаи пайравро аз ин мисол ёбед: Мисли он ки тилои асил ҳеҷ гоҳ занг намезанад, одами асил низ дар ҳеҷ ҳолат худро «гум» намекунад.

А) шарт; В) замон; С) мақсад; Д) монандӣ; Е) хабар.

46. Аз ин мисол навъи ҷумлаи пайравро ёбед: Ӯ ҷаву бедаро ба ҳаде талаб кард, ки дар як сол ба асп расад.

А) пуркунанда; В) хабар; С) замон; Д) мубтадо; Е) миқдору дараҷа.

47. Аз ин мисол навъи ҷумлаи пайравро ёбед: То ранҷ набарӣ, роҳат намебинӣ.

А) замон; В) хабар; С) шарт; Д) хилоф; Е) сабаб.

48. Навъи ҷумлаи пайравро аз ин мисол ёбед; Соҳибкор пурсид, ки аз куҷо омадам.

А) сабаб; В) хабар; С) мубтадо; Д) пуркунанда; Е) замон.

49. Аз ин мисол навъи ҷумлаи пайравро ёбед:

Ин як моҳе, ки дар манзили Шумо гузаронидем, босаодаттарин моҳи зиндагонии ман буд.

A) хабар; B) мубтадо; C) пуркунанда; Д) замон; E) муайянкунанда.

50. Навъи ҷумлаи пайравро аз ин мисол ёбед:

Ҳар кӣ бо меҳнат сарафрозӣ кунад,
Мамлакатро аз худаш розӣ кунад.

A) пуркунанда; B) мубтадо; C) замон; Д) сабаб; E) шарт.

51. Ду ва зиёда ҷумлаи сода бо ҳам алоқаманд шаванд, чиро ташкил медиҳанд?

A) ибора; B) матн; C) ҷумлаи пайрав; D) сарҷумла; E) ҷумлаи мураккаб.

52. Ҷумлаи "Агар хонӣ, мефаҳмӣ" аз нигоҳи сохт чӣ хел ҷумла аст?

A) сода; B) тафсилӣ; C) чида; D) мураккаби пайваст; E) мураккаби тобеъ.

53. "Агар" пайвандаки кадом ҷумлаи пайрав аст?

A) мақсад; B) сабаб; C) пуркунанда; D) шарт; E) хабар.

54. Дар ҷумлаи "Ҳамин китобро хондан мехостам" калимаи "ҳамин" кадом аъзои ҷумла аст?

A) мубтадо; B) муайянкунанда; C) ҳол; D) пуркунанда; E) хабар.

55. Ҷумлаи пайрави мисоли "Имтиҳони дохилшавиро бомуваффақият супурдам,..." -ро ёбед!

A)... агар тайёрии хуб медидам; B) ... ҳамин ки тайёрии хуб медидам; C) ... зеро ки тайёрии ҷиддӣ дидам; D) ... ки бо тайёрии ҷиддӣ омадам; E) ... дар натиҷа тайёрии хуб дидам.

56. Ин байти Абулқосим Фирдавсӣ дар қолаби кадом хели ҷумла омадааст?

Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

A) мураккаби пайваст; B) мураккаби тобеъ; C) содаи тафсилӣ; D) содаи чидааъзо; E) омехта.

57. Аз ин байти Саъдии Шерозӣ навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед.

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст

Дар парешонҳолию дармондагӣ.

A) мубтадо; B) хабар; C) ҳол; D) пуркунанда; E) муайянкунанда.

58.Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав ба кадом савол ҷавоб мешавад? Рафиқам пурсид, ки имтиҳонро чӣ хел супоридам?

A) аз кӣ пурсид; B) киро пурсид; C) чиро пурсид; D) кӣ пурсид; E) чӣ пурсид.

59. Ҷумлаи мураккаб аз рӯйи тарзи алоқа чанд хел мешавад?

A) 2; B) 3; C) 4; D) 5; E) 6.

60. «Вақте ки», «ҳангоме ки», «ҳамин ки», «то вақте ки» пайвандакҳои кадом ҷумлаи пайраванд?

A) сабаб; B) мақсад; C) натиҷа; D) замон; E) макон.

61. Дар ҷумлаи "Ҳарчанд акаам розӣ шуда бошад ҳам, модарам ӯро кашола карда ба пеши падарам бурд", кадом навъи ҷумлаи пайрав дида мешавад?

A) хабар; B) шарт; C) хилоф; D) пуркунанда; E) муайянкунанда.

62. Дар мисоли "Падарам маҷбур шуд, ки масъаларо бо насиҳат ҳал кунад", ҳиссаи "ки масъаларо бо насиҳат ҳал кунад" кадом навъи ҷумлаи пайрав аст?

A) мубтадо; B) муайянкунанда; C) ҳоли мақсад; D) пуркунанда; E) хабар.

63. Аз ин ҷумлаи мураккаби тобеъ навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед! Китоберо, ки ба шумо ваъда карда будам, фиристодам.

A) мубтадо; B) хабар; C) муайянкунанда; D) ҳол; E) пуркунанда.

64. Ҷумлаи пайрав аз сарҷумла бо кадом аломат ҷудо карда мешавад?

A) нуқтавергул; B) дунуқта; C) вергул; D) тире; E) нохунак.

65. «Чунки» пайвандаки кадом ҷумлаи пайрав аст?

A) хабар; B) пуркунанда; C) ҳоли сабаб; D) ҳоли замон; E) ҳоли мақсад.

66. Ин байти Ҳофизи Шерозӣ дар қолаби кадом навъи ҷумла сохта шудааст?

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

A) сода; B) мураккаби пайваст; C) мураккаби тобеъ; D) мураккаби омехта; E) дутаркиба.

67. Аз ҷумлаи мураккаби “Ман боварӣ дорам, ки ояндаи ҷумҳуриамон нек аст” навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед!

A) мубтадо; B) хабар; C) пуркунанда; D) муайянкунанда; E) ҳол.

68. Пайвандакҳои ҷумлаи пайрави сабабро ёбед!

A) агар; B) то ки; C) ҳамин ки; D) зеро, чунки; E) чунон ки.

69. Дар мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед!

Ниҳоят маълум гардид, ки мо бисёр чизро намедонистем.

A) мубтадо; B) хабар; C) муайянкунанда; D) пуркунанда; E) ҳол.

70. Дар ин ҷумла ҳоли сабабро ёбед: “ Сафо ноилоҷ ба шартҳои Комил розӣ шуд”.

A) Сафо; B) ноилоҷ; C) ба шартҳо; D) шартҳои Комил; E) розӣ шуд.

71. Дар ҷумлаи “Вақте ки ман машқи аввалини худро ба падар нишон додам, ӯ таҳсин кард” кадом навъи ҷумлаи пайрав истифода шудааст?

A) мубтадо; B) хабар; C) ҳоли сабаб; D) ҳоли мақсад; E) ҳоли замон.

72. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро ёбед!

Чун ниҳодам пойи худро бар сари хоки Ватан,
Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.

A) хабар; B) муайянкунанда; C) пуркунанда; D) ҳоли замон; E) ҳоли мақсад.

73. Ҷумлаи пайрав асосан бо кадом аломати китобатӣ аз сарҷумла ҷудо карда мешавад?

A) тире; B) нуқтавергул; C) баён; D) вергул; E) савол.

74.  Дар мисоли зер навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед?

 Мақсади мо ҳамин, ки ба вай некӣ кунем. A) мубтадо; B) хабар; C) муайянкунанда; D) пуркунанда; E) ҳол.

75. Ҷумлаи пайрави пуркунанда бо кадом хели ибора муродиф мешавад?

B)  номӣ; B) шуморагӣ; C) масдарӣ; D) сифати феълӣ; E) зарфӣ.

76. Ҷумлаи пайраве, ки амалу ҳолати сарҷумларо ба таври муқоиса ва монандкунӣ эзоҳ медиҳад, чӣ ном дорад?

A) муайянкунанда; B) замон; C) миқдору дараҷа; D) монандӣ; E) макон.

77. Пайвандакҳои "чунки", "зеро", "зеро ки", "чаро ки", "модом ки" ба кадом навъи ҷумлаи пайрав мансубанд?

A) хилоф; B) мақсад; C) шарт; D) сабаб; E) натиҷа.

78. Дар мисоли зерин кадом навъи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла алоқаманд шудааст?

Модом ки вай бо ту будан мехоҳад, ту бояд дар наздаш бошӣ.

A) тарзи амал; B) хилоф; C) натиҷа; D) сабаб; E) замон.

79.  Пайвандакҳои «дар натиҷаи он (ин) ки», «ба туфайли ин (он) ки», «ба муносибати он (ин) ки» кадом навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ мекунанд?

A) натиҷа; B) замон; C) сабаб; D) мақсад; E) хилоф.

80. Аз намунаҳои зерин пайвандаки ҷумлаи пайрави натиҷаро ёбед!

A) дар натиҷаи ин ки; B) ба сабаби он ки; C) чунки; D) ки; E) модом ки.

81. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед!

Тобистон бошад ҳам, шаб он қадар гарм набуд.

A) мубтадо; B) хабар; C) замон; D) ҳоли шарт; E) ҳоли хилоф.

82. Ҷумлаи мураккабе, ки аз як сарҷумла ва ду ё зиёда ҷумлаи пайрав таркиб ёфтааст, чӣ ном дорад?

A) ҷумлаи мураккаби тобеъ; B) ҷумлаи мураккаби омехта; C) ҷумлаи мураккаби пайваст; D) ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб; E) ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб.

83. Алоқаи байни ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаб чанд хел мешаванд?

A) 1; B) 2; C) 3; D) 4; E) 5.

84. Аз намунаҳои овардашуда пайвандакҳои ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоиро ёбед:

A) аммо, вале, лекин; B) ё, ё...ё, ё ки, ё ин ки; C) ва, -у .); D) ва, азбаски; E) зеро, зеро ки, ки.

85. Аз намунаҳои овардашуда пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мубтадоро ёбед?

A) пайвандак надорад; B) ҳар ки, ҳар кас ки, ҳар чӣ, ҳар чи ки, ҳар кас, ҳар чиз; C) аммо, вале, лекин; D) ки, зеро ки, ё ки; E) ва, -у.

86. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро ёбед:

Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ кунад, кӯшише дар некномӣ кунад.

A) пуркунанда; B) мубтадо; C) ҳол; D) хабар; E) ҷумлаи пайрав надорад.

87. Аз ҳайати ин ҷумла пуркунандаро ёбед:

Вай ҳамеша бо шавқи тамом ҳар рӯз ду-се соат китоб мехонад.

A) китоб; B) ҳамеша; C) бо шавқи тамом; D) ҳар рӯз; E) ду-се соат.

88. Мисоли зерин дар қолаби кадом навъи ҷумлаи мураккаб сохта шудааст:

Дар ҳолате ки арақ рӯяшонро зер карда буд, аз ҳавлӣ баромаданд ва ман ҳис кардам, ки шикорашон барор нагирифтааст.

A) ҷумлаи мураккаб; B) ҷумлаи мураккаби тобеъ; C) ҷумлаи мураккаби омехта; D) ҷумлаи мураккаби пайвасти тобеи сертаркиба; E) ҷумлаи сода;

89. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед:

Дӯстие, ки аз айёми наврасӣ пайдо мешавад, умри дароз дорад.

A) мубтадо; B) пуркунанда; C) хабар; D) муайянкунанда; E) ҳол.

90. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро ёбед!

Ман гумон доштам, ки дар озмун корам барор мегирад.

A) мубтадо; B) хабар; C) муайянкунанда; D) пуркунанда; E) ҳол.

91. Ҷойи ҷумлаи пайрави муайянкунанда кадом аст?

A) пеш аз сарҷумла; B) пас аз сарҷумла; C) дар мобайни сарҷумла ва пас аз сарҷумла; D) мобайни сарҷумла; E) мобайн ва аввали сарҷумла.

92. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро ёбед!

Ман рафиқеро дӯст медорам, ки ба қавлаш вафо кунад.

A) мубтадо; B) хабар; C) пуркунанда; D) муайянкунанда; E) ҳол.

93. Ҷумлаи пайрави ҳол чанд хел мешавад?

A) 2; B) 3; C) 9; D) 10; E) 12.

94. Кадом ҷумлаи пайрави ҳол бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои «ки», «ба тарзе ки», «ба тавре ки», «дар ҳолате ки» вобаста мешавад?

A) ҳоли макон; B) ҳоли замон; C) ҳоли тарзи амал; D) ҳоли миқдору дорача; E) ҳоли мақсад.

95. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайрави ҳолро муайян кунед!

Салим пас аз тамом шудани суруд, бе он ки мазмуни онро фаҳмад, ба баҳс шурӯъ кард.

A) натиҷа; B) миқдору дараҷа; C) тарзи амал; D) хилоф; E) мақсад.

96. Дар таркиби сарҷумлаи кадом ҷумлаи пайрави ҳол калимаҳои ишоратии «чунон», «ончунон», «он қадар», «ба дараҷае», «ба он дараҷае» ва амсоли инҳо омада метавонанд?

A) тарзи амал; B) миқдору дараҷа; C) натиҷа; D) монандӣ; E) хилоф.

97. Ба саволҳои «ба кадом андоза?», «чӣ қадар?», «ба кадом дараҷа?» кадом навъи ҷумлаи пайрави ҳол ҷавоб мешавад?

A) тарзи амал; B) миқдору дараҷа; C) натиҷа; D) монандӣ; E) замон.

98. Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро ёбед?

Борон, чунон ки аз чандин сатил ба якбора об мерехта бошад, меборид. *(С. Айнӣ).*

A) тарз амал; B) монандӣ; C) миқдору дараҷа; D) макон; E) натиҷа.

99. Кадом ҷумлаи пайрав ба саволҳои «куҷо?» ва «дар куҷо?» ҷавоб мешавад?

A) ҳоли замон; B) ҳоли макон; C) ҳоли хилоф; D) ҳоли монандӣ; E) ҳоли натиҷа.

100. Аз мисоли зер навъи ҷумлаи пайравро ёбед!

Он ҷо ки намак хӯрдӣ, намакдон нашикан. (Зарбулмасал)

A) замон; B) натиҷа; C) мақсад; D) хилоф; E) макон.

## ЗОДГОҲИ ЗАБОНИ ДАРӢ ВА ҚАЛАМРАВИ ОН

Дарӣ андар Хуросон парвариш ёфт,
Ки будӣ то ба Чин шарқу шимолаш.
Хуросони калон к-он рӯз мебуд,
Хуросони кунунӣ аз маҳолаш.
Араб бо форс буд ҳамсоя, овард
Дариро форсӣ андар мақолаш.
Вагарна порсӣ буд он забоне,
Ки бо Доро бишуд гоҳи заволаш.
Дарӣ, ин лаҳҷаи аҳли Хуросон,
Ҳаметобид ҳуросо ҷамолаш.
Самарқанду Бухоро буд аз оғоз,
Мақарри[1] шоирони пурҷамолаш.
Дар он ҷо Рӯдакӣ бо созу овоз
Фароз овард то авҷи ҳилолаш[2].
Сипас дарбори худ дар Ғазнӣ овард,
Дар он ҷо бурд то ҳадди камолаш.
Чу бутгар[3] луъбатосо Унсурӣ сохт,
Ба сунъи[4] шеър зулфу хатти холаш.
Ба хилъат[5] Фаррухӣ он гаҳ бияфзуд
Ба ташрифи адаб фарру ҷамолаш.
Ҳамон ҷо низ Фирдавсӣ пай афканд
Яке кохи[6] баланди безаволаш.
Саноӣ, Мавлавӣ бо Шайх Аттор
Бад-ӯ омӯхтанд ирфону[7] ҳолаш….
Бад-ин сон нозанин омад ба Шероз,
Ки то Саъдӣ кашад ноз аз ҷамолаш.
Аз он пас чун арӯсе гашт дилбар,
Ки Ҳофиз ком бигрифт аз висолаш.

---

1. **Мақарр** – ҷой, қароргоҳ
2. **Ҳилол** – моҳи нав
3. **Бутгар** – буттарош
4. **Сунъ** – эҷод, офарида шуда
5. **Хилъат** – ҷома, камарбанде, ки шоҳон мебахшанд
6. **Кох** – қаср, иморат, бино
7. **Ирфон** – шинохтан, донистан

Сипас аз роҳи Кобул рафт бар Ҳинд,
Ба ҳамраҳ Соиби нозукхаёлаш.
Пазиро шуд аз ӯ дарбори Деҳлӣ,
Чунон чун буд ӯ шоёни ҳолаш.
Чу машшота[1] Калиму Бедил он ҷо
Бияфзуданд бар ҳусну ҷамолаш.
Ба сабки ҳиндӣ оройишгар орост
Чу хатту холи ҳинду хатту холаш.
Дарӣ худ ин забони аҳли Кобул,
Қаламрав буд рӯзе то Аролаш.
Ба Шарқу Ғарб ӯ шаҳпар[2] кушуда,
Ҳама чун мурғакон дар зери болаш.
Зи фарри[3] шоирон дарбори Ғазнӣ,
Зи ҳар дарбор волотар ҷалолаш.
Зи Кашмиру Хутан в-аз Суғду Хоразм,
Ҳама он резахорони наволаш[4].
Ба Бағдоду Ҳалаб то хиттаи[5] Рум
Чу барги зар бибурдандӣ мақолаш.
Ба Чин, аз гуфтаи Ибни Батута
Басе буданд ошиқ бар ҷамолаш.
Зи марзи Ҳинд то Дарбанди Қафқоз
Расида сар ба сар сити[6] камолаш.

*Меҳдӣ Ахвонӣ Солис*

---

1. **Машшота** – зане, ки мӯйи занонро оро медиҳад
2. **Шоҳпар** – бузургтарин пар, бол, қаноти калону қавӣ
3. **Фарр** – зебоӣ, оройиш, шукӯҳ, шавкат, дабдаба
4. **Навол** – бахшиш, ҳадя, баҳра
5. **Хитта** – замин, мамлакат, шаҳр
6. **Сити камо**л – шуҳрати камолот

## АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ


1. Қосимова М. Н. ва Камолиддинов Б. Маҷмуаи машқҳои синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1981.

2. Рустамов Ш., Каримов А., Аминов С. Забони тоҷикӣ. Қ. 2. Синтаксис. Барои синфҳои 1Х. – Душанбе, 1990.

3. Хоҷаев Д., Кабиров Ш. Наҳв ва аломатгузорӣ. – Душанбе, 2012.

4. Хоҷаев Д., Исрофилов М. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи 1Х. – Душанбе, 1992.

5. Ҳусейнов Х. Пунктуатсияи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1977.

6. Шербоев С. Аломатҳои шартии ҷумлаҳои пайрав. – Газетаи муаллимон, 11.02.1986.

## МУНДАРИЧА

Такрор ва ҷамъбасти маводди синфҳои V – VIII................7
1. Фонетика (Савтиёт) ..............................................7
2. Калима(луғат)...........................................................8
3. Сарф (Морфология)..............................................10
4. Наҳв (Синтаксис)...................................................11
5. Аломатҳои китобат, вазифаи онҳо дар нутқи хаттӣ .. 12
6. Сархат, фасл, боб дар нутқи хаттӣ..........................13
7. Ҷумлаи сода ва асоси грамматикии он................... 14
8. Ҷумлаи содаи яктаркиба ва дутаркиба.................. 15
9. Сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла............................ 16
10. Ҷумлаи чидааъзо ва воҳидҳои
хулосакунанда дар он..................................................17
11. Воҳидҳои туфайлӣ ва истисноии ҷумла................. 18

ҶУМЛАИ МУРАККАБ

12. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб......... 20

ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ

13. Маълумоти умумӣ дар бораи
ҷумлаи мураккаби пайваст........................................... 22
14. Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор............ 25
15. Аломатҳои китобат дар ҷумлаи
мураккаби пайваст...................................................... 28

ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

16. Ҷумлаи мураккаби тобеъ ва тафовути
он аз ҷумлаи мураккаби пайваст ............................ 32
17. Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав................................. 35
18. Воситаҳои алоқаи наҳвии ҷумлаи
мураккаби тобеъ.......................................................... 38
19. Аломатҳои китобат дар ҷумлаи
мураккаби тобеъ.......................................................... 44

НАВЪҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВ ............................. 47
20. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки як ҷумлаи пайрав доранд.
21. Ҷумлаи пайрави пуркунанда........................................48
22. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда............................ 52
23. Ҷумлаи пайрави мубтадо........................................ 56
24. Ҷумлаи пайрави хабар............................................. 60
ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ҲОЛ ................................. 62
25. Ҷумлаи пайрави замон............................................... 63
26. Ҷумлаи пайрави макон.............................................. 65
27. Ҷумлаи пайрави сабаб ................................................. 67
28. Ҷумлаи пайрави мақсад...............................................69
29. Ҷумлаи пайрави тарзи амал........................................ 70
30. Ҷумлаи пайрави монандӣ.......................................... 71
31. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа.............................. 74
32. Ҷумлаи пайрави шарт.................................................. 76
33. Ҷумлаи пайрави хилоф................................................ 78
34. Ҷумлаи пайрави натиҷа.............................................. 80
35. Муродифоти ҷумлаҳои пайрав бо ибораҳо............ 84
36. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб..........................87
37. Ҷумлаи мураккаби омехта......................................... 92
ҶУМЛАИ МУРАККАБИ БЕПАЙВАНДАК
38. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаби бепайвандак.......................................................... 96
39. Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак............. 97
40. Ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак..................100
41. Аломатҳои китобат дар ҷумлаи мураккаби бепайвандак....................................................... 101
42. Воҳиди томи наҳвӣ (банди наҳвӣ)...........................105
43. Усули таҳлили наҳвии ҷумлаи мураккаб.............. 108

44. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда..................... 114
45. Аломатҳои китобат........................................ 118
Маълумоти умумӣ дар бораи забон............................ 129
Забони адабии тоҷикӣ........................................ 131
Хат ва пайдоиши он.......................................... 139
Нутқи мураттаб.............................................. 141
ТАКРОРИ СОЛОНА
46.Фонетика ва имло......................................... 155
47. Калима (луғат)......................................... 157
48. Калимасозӣ.............................................. 158
49. Сарф (Морфология)........................................ 159
50. Наҳв (Синтаксис) ....................................... 161
Саволҳои тестӣ..............................................165
Адабиёти иловагӣ............................................ 180

**ДАВЛАТБЕК ХОҶАЗОДА, ФАРҲОД ЗИКРИЁЕВ,
МУҲАММАДДОВУД САЛОМИЁН**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | А. Комилзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Назаров |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 30.08.2022 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 11,5
Адади нашр 60000 нусха.
Супориши № 060/2022

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50.
Тел: 222-14-66 E-mail: Nashriya@maorif.tj

Дар матбааи ҶДММ «ЭР-граф» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
E-mail: rgraph.tj@gmail.com